ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ 891.550
ТКБ 83.3 (2 тоҷик)
Н-72

НОДИРОВА МАВЗУНА АКБАРШОЕВНА

ЧЕҲРАҲОИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси
10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология
Сироҷиддини Эмомалӣ

ДУШАНБЕ – 2022

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА…….....3-7

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....8-13

БОБИ I. МАҚОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ДАР АДАБИЁТИ МУОСИР.....14-38

1.1. Вижагиҳои насри Сотим Улуғзода ....…….....14-17

1.2. Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода …….....18-25

1.3. Маҳорати эҷоди муколама дар коргоҳи адабии Сотим Улуғзода.....25-38

БОБИ II. ПРИНСИПИ ТАЪРИХИЯТ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА.....39-74

2.1. Чеҳраҳои таърихӣ дар повести «Ривояти суғдӣ» 39-55

2.2. Таърихияти забон ва фарҳанг дар повести «Ривояти суғдӣ».....55-63

2.3. Муқоисаи таърихияти забон ва фарҳанг дар «Ривояти суғдӣ», «Фирдавсӣ», «Темурмалик» ва «Восеъ» 63-74

БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРИ СИМОҲОИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА 75-143

3.1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Сотим Улуғзода 75-83

3.2. Вижагиҳои тасвири симои Шивоҷӣ чун чеҳраи фарҳангӣ 83-89

3.3. Таҳрири образи Фирдавсӣ дар осори нависанда 89-105

3.4. Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар эҷодиёти Сотим Улуғзода.....105-113

3.5. Инъикоси шахсияти Аҳмади Дониш дар эҷодиёти адиб.....113-125

3.6. Симои устод Айнӣ дар таълифоти Сотим Улуғзода …….....126-143

ХУЛОСА …….....144-148

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....149-150

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 151-166

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....167

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар адабиёти муосири тоҷик бисёр масъалаҳое мушоҳида мешаванд, ки ношинохта мондаанд ва то ҳол мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтаанд. Масъалаи тасвири чеҳраи як адиб аз ҷониби адиби дигар дар адабиёти тоҷик мавзуъ ва масъалаи нав нест. Зеро дар асарҳои таърихӣ ва ёддоштӣ доир ба ин ё он адиб ва ё чеҳраи фарҳангӣ сухан рафта, ба ин восита муҳтавои чунин асарҳо рангин гаштааст. Чунончи, «Рисолаи саргузашт»-и Абуалӣ ибни Сино, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш асарҳои таърихӣ, ёддоштӣ ва тарҷумаиҳолӣ буда, дар онҳо зимни баёни саргузашту хотирот роҷеъ ба чеҳраҳои адабию фарҳангӣ сухан ба миён омада, як навъ портретофаринӣ низ сурат гирифтааст.

Тасвири бадеии симоҳои адабӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби адибони муосир падидаи тозаи ҳунарӣ буда, маҳз бо ҳамин восита паҳлуҳои гуногуни рӯзгор, хислату ҷаҳонбинӣ ва вижагиҳои осори онҳо равшан мегардад.

Пас аз омӯзиши адабиёти рус адибони тоҷик як қатор хусусиятҳои адабии портретофарии русиро омӯхта, таҷрибаҳои андухтаашонрон дар насри бадеӣ ва таърихии адабиёти тоҷик истифода намудаанд. Сотим Улуғзода дар ин миён яке аз адибони намоён мебошад, ки хусусиятҳои симоофаринӣ ва бозтоби рӯзгору осори чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти ӯ хеле барҷаста ба мушоҳида мерасад. Аз ин лиҳоз, мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии мазкур дар он дида мешавад, ки таҳқиқи масъалаи чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода бори аввал мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо ҳамин васила паҳлуҳои дигари осор ва ҷойгоҳи Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир муайян карда мешавад. Ҳамзамон, хусусиятҳои наср, ҳунари портретофарӣ ва маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода, вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар асарҳои нависанда, инъикоси воқеаҳои таърихӣ, махсусан, бо такя ба романи «Фирдавсӣ», таҳрири образи Фирдавсӣ дар матнҳои чопии романи «Фирдавсӣ» ҷавҳари мубрамияти мавзуъро таҳвият бахшидааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Симои хоссаи адабӣ будани Сотим Улуғзода дар заминаи фаъолияти тарҷумонии ӯ қобили эътироф ва зуҳури ҳунари нигорандагии ӯ гардид. Ҳанӯз аз қадамҳои аввалини эҷодӣ фаъолияти адабии Сотим Улуғзода, аз ҷумла кӯшишҳои ӯ дар соҳаи тарҷума мавриди таваҷҷуҳи Садриддин Айнӣ қарор гирифтааст. Устод Айнӣ нахустин асари тарҷумавви Сотим Улуғзода – »Сом ва Дик»-и М.А. Алексеевро хонда, «пас аз таҳриру тасҳеҳи «Сом ва Дик» ба мудири нашриёт мактубе навишта, хоҳиш менамояд, ки мутарҷими ҷавонро дастгирӣ кунанд, ба ӯ ғамхорӣ ва ёрӣ расонанд» [Асозода 2014, с. 537]. Ин аввалин қазоват ва қадрдонии заҳмати мутарҷим ва нависандаи ҷавон – Сотим Улуғзода буд. Маҳз ҳамин тарҷума таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқону адибон ва махсусан, диққати устод Садриддин Айниро бештар ба шахсияти эҷодии Сотим Улуғзода ҷалб намуд ва ҳамин гуна иқдому ташаббусу раҳнамоӣ барои ба саҳнаи адабиёт бештар ва муваффақона ворид гардидани нависанда заминаи мусоид фароҳам овард. Маҳз ҳамин тарҷума, ки баъдан бо дастгирии устод Айнӣ ба нашр расид, аз тарафи сардафтари адабиёти муосири тоҷик баҳои баландро ба қалам ва ҳунари эҷодии Сотим Улуғзода муқаррар намуд.

Таваҷҷуҳ ва иқдоми устод Айнӣ бар он боис гарди, ки эҷодиёти Сотим Улуғзода баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди омӯзиш ва нақду тадқиқи адабиётшиносон қарор гирифта, дар ин радиф мақола ва қайдҳои Ҷ. Икромӣ [Икромӣ 1961], М. Турсунзода [Турсунзода 1951], П. Лукнитский [Лукнитсикй 1954], М. Начмиддинов [Начмиддинов 1977], Л.Н. Демидчик [Демидчик 1994], И.С. Брагинский [Брагинский 1960], Ш. Ҳусейнзода [Ҳусейнзода 1951], С. Табаров [Табаров 1961] ва М. Муллоҷонов [Муллоҷонов 1961] ҷолиби диққатанд.

Соли 1961 панҷоҳсолагии Сотим Улуғзода ҷашн гирифта шудааст. Ба ин муносибат рисолаи адабиётшинос М. Шукуров бо унвони «Сотим Улуғзода» [Шукуров 1961] нашр гардидааст, ки муаллиф дар баробари муруре ба рӯзгор ва пайроҳаи эҷодии нависанда доир ба ташаккули диди таърихӣ ва арзиши осори драмавию таърихии ӯ андешаҳои судманд баён мекунад. Дар ин рисола таваҷҷуҳу майли таърихписандӣ ва ҳақиқатнигории Сотим Улуғзода яке аз омилҳои рушди

ҳунари нависандагӣ ва вижагиҳои насри воқеъгароёнаи ӯ маънидод шудааст. Ин асари илмӣ-таҳқиқии М. Шукуров баъд аз «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» таҳқиқоти нисбатан мукаммал оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Сотим Улуғзода мебошад.

Асари дигаре, ки доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Сотим Улуғзода маълумоти нисбатан муҳим ва саҳеҳи илмӣ медиҳад, рисолаи муҳаққиқ К.Юсуфов «Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» [Юсуфов 1968] мебошад. Адабиётшинос Х. Асозода дар маҷмуъ ин китобро нахустин асари илмӣ оид ба Сотим Улуғзода ва эҷодиёти ӯ дониста, қайд мекунад, ки он то нимаи солҳои ҳафтодум дар бораи ҳаёт ва фаъолияти нависанда ва қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» маълумоти заруриро дар бар мегирад. К. Юсуфов дар боби «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Сотим Улуғзода»-и рисолааш доир ба асарҳои саҳнавӣ ва синамоии нависанда маълумоти муфассал дода, таъкид мекунад, ки: «Сотим Улуғзода ба омӯхтани сарчашмаҳои таърихию адабии асрҳои IX-X машғул шуда, оид ба ҳаёти Ибни Сино материали фаровоне ҷамъ намуд» [Юсуфов 1968, с. 36]. Баъдан муҳаққиқ оид ба муҳтавои филмномаҳои «Ибни Сино» (1953) бо ҳамқаламии В. Виткович, «Қисмати шоир» (1960) ва драмаи «Рӯдакӣ» маълумот дода, драмаи «Рӯдакӣ»-ро аввалин намунаи жанри таърихии тарҷумаиҳолӣ дар драматургияи тоҷик эътироф мекунад ва дар мавриди таърих ва ҷараёни таълифи ин асар муфассал сухан меронад. Муҳаққиқ дар таълифи драма ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва боэътибор истифода шудани «маъхазҳои адабию таърихӣ ва ашъори боқимондаи шоир»-ро сабаби муваффақияти ин асар маънидод мекунад.

Охири солҳои 60-уми асри XX қисмат ба рӯйи С.Улуғзода нахандида, ҳиҷрати эътирозомези писараш Азиз аз Шӯравӣ ҳамчун хиёнат ба Ватан таъбир шуда, дар ин моҷарои сиёсӣ нависанда ранҷи зиёд кашидааст. Дар натиҷа, худи нависанда ва осораш як муддат аз мадди назари ҷомеа ва ҳукуматдорони давр дур мондааст. Фақат ибтидои солҳои ҳафтод то ҷое монеаҳои сиёсӣ бардошта шуд ва маҳз дар ҳамин давра таҳқиқи осори нависанда дар сатҳ ва савияи дигар вусъати

бештар пайдо кард. Нашри як силсила мақолаву рисолаҳо, аз ҷумла таълифоти М. Шукуров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифов, М. Рачабӣ, Ҷ. Бақозода, Л.Н. Демидчик, А. Насриддинов, А. Набавӣ ва дигарон натиҷаи ҳусни таваҷҷуҳ ва эътирофи халлоқияти ҳунари нависанда буд. Дар таҳқиқоти М. Шукуров, Л. Демидчик, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён ва Х. Асозода аввалин бор дар адабиётшиносии тоҷик хусусиятҳои таърихӣ ва таърихияту миллияти осори нависанда мавриди нақд ва арзёбӣ қарор гирифт, ки мо дар мавридҳои зарурӣ ба мулоҳизоти ин донишмандон истинод кардаем.

Таваҷҷуҳи муҳаққиқони номбурдаро бештар насри таърихии Сотим Улуғзода ба худ ҷалб кардааст. Адабиётшинос Х. Асозода барҳақ қайд кардааст, ки «С. Улуғзода дар байни адибони садаи бисти тоҷик баъд аз С. Айнӣ ягона фардест, ки ба офаридани симо ва шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ ҷиддан камар баст» [Асозода 2005, с. 203].

Ҳамин гуна андешаҳои ҷолиб, нақду таҳқиқ, баррасии фаъолияти гуногунҷабҳаи нависанда, таъйини вижагиҳои ҳунарию бадеӣ ва аҳаммияти таърихиву адабии осори Сотим Улуғзода дар таълифоти адабиёшиносону муҳаққиқон, аз ҷумла Х. Асозода («Абулқосими Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода» (2000), «Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода» (2001) ва «Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ» (2005)), М. Рачабӣ («Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша» (2004)), М. Исоматов («Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода» (2002)), С. Бақозода («Ҳикмати таърих ва шинохти бадеии он» (2010), « Концепция историзма в творчестве Сотима Улугзода» (2010)), С. Эмомалӣ («Аз таърихи эҷоди романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода» (2003), «Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ» (2011), «Тасвири муҳити хонавода ва манзараи табиат дар насри Сотим Улуғзода» (2015), «Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри ХХ)» (2020), Ҷ. Мурувватиён («Становление филологического романа в таджикской литературе ХХ века (на примере романа «Фирдоуси» Сотима Улуг-заде)» (2018) ва дигарон ба мушоҳида мерасанд ва дар таҳқиқи диссертатсионии мо ба сифати манобеи назарӣ мавриди корбурд қарор гирифта, дар мавриди зарурат ба ин манобеи илмӣ такя карда шудааст.

Рӯзгор ва осори Сотим Улуғзода таваҷҷуҳи адабиётшиносони халқу миллатҳои дигар, пеш аз ҳама, суханшиносони рус, аз қабили М. Хахамова [Хахамова 1957], В. Попов [Попов 1955] ва А. Борщаговскийро [Борщаговский 1987] ба худ ҷалб карда, онҳо ба нақду таҳқиқи осори нависандаи тоҷик пардохтаанд.

Хидмату заҳмати адабиётшиносони тоҷик, пажӯҳишгарони ҳунару мактаби эҷодӣ ва вижагиҳои осори Сотим Улуғзода – Сироҷиддини Эмомалӣ [Эмомқул 2003, 2007; Эмомалӣ С. 2011, 2012, 2015, 2020], Сайрам Бақозода [Бакоева 2011] ва Ҷамила Мурувватиён [Мурувватиён 2018] бояд махсус ба гуфта ояд ва таъкид гардад, ки доир ба таҳқиқи осор ва эҷодиёти нависанда назаррас буда, ин муҳаққиқон дар рисолаҳои илмию мақолаҳо, китобу монографияҳои худ ба таври муфассал таҳқиқу пажӯҳишҳои ҷолибу арзишмандро анҷом додаанд.

Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бармеояд, ки ҳанӯз аз оғози фаъолият ҳунар ва осори Сотим Улуғзода таваҷҷуҳи шоирону нависандагон, адабиётшиносону мунаққидон, таърихшиносону забоншиносон ва дар умум, аҳли илму адаби тоҷик ва халқҳои дигарро ба худ ҷалб карда, хушбахтона, чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам кам нагардида, то ба ҳол паҳлуҳои норавшан ва таҳқиқнашудаи рӯзгору осори Сотим Улуғзода мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор мегирад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи зербанди 4.5-и «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №765 аз 4 декабри соли 2014 тасдиқ гардидааст, анҷом дода шуда, инчунин, ба иҷрои нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва корҳои илмӣ-таҳқиқи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иртибот дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии таълифи диссертатсия таҳқиқи масъалаи таҷассуми бадеии чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода буда, бо дарназардошти мавзуъҳои матраҳшаванда ба таъйини ҷойгоҳи нависанда дар ташаккулу таҳаввули насри муосир ва драматургия низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаем.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда кӯшиш намудем, ки дар ҳалли масъалаҳои зерин муваффақ шавем:

– муайян намудани заминаҳо ва марҳилаҳои пайдоишу ташаккули диди таърихии нависанда;
– омӯзиш ва баррасии вижагиҳои насри Сотим Улуғзода;
– таҳқиқи ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода;
– таҳқиқи ҳунари муколамаофаринии Сотим Улуғзода;
– баррасии масъалаи таҷассуми бадеии симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода;
– таҳқиқ ва таъйини вижагиҳои тасвири симои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсї, Абуалї ибни Сино ва Шивоҷӣ дар осори Сотим Улуғзода;
– баррасии масъалаи тасвири бадеии симою шахсияти Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ дар эҷодиёти нависанда;
– муайян намудани нақшу таъсири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар ташаккули шахсият ва рушду такомули ҳунари эҷодии Сотим Улуғзода.

Объекти таҳқиқ. Эҷодиёти Сотим Улуғзода дар доираи рушду таҳаввули адабиёти муосири тоҷик объекти таҳқиқ қарор дода шудааст.

Предмети таҳқиқ. Баррасӣ ва таҳқиқи тасвири симою нақши чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангиву таърихӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода мавзуи таҳқиқ интихоб шудааст.

Асосҳои назараии таҳқиқ. Дар таҳқиқи диссертатсионӣ дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз қабили Г.А. Подкоритов, Б.И. Бурсов, Ю.М. Лотман, М.М. Бахтин, А.Ф. Лосев, Б.В. Томашевский, Д.С.

Лихачев, М. Шакурӣ, С. Табаров, Х. Шарифов, Х. Отахонова, А. Набавӣ, С. Бақоева, С. Эмомалӣ ва дигарон такя карда шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар диссертатсия бо мақсади таҳқиқи масъалаҳои пешбинишуда ва барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба усулҳои таҳлилии илмиву таърихӣ ва таърихию адабӣ рӯ оварда шуда, инчунин, равишҳои таҳлили мавод, китобхонаӣ, таҳлили сохторӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ истифода гардидаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Дар диссертатсияи мо ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ осори Сотим Улуғзода – «Ривояти суғдӣ», «Марги Ҳофиз», «Восеъ», «Фирдавсӣ», драмаҳои «Рӯдакӣ», «Ҷавонии Сино», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Қисмати шоир» ва «Ибни Сино» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар ин таҳқиқи диссертатсионӣ навгониҳои мушаххас дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ шудааст, ки онҳоро ба таври зайл таъйин кардан мумкин аст:

– бори нахуст ҳунари портретофарӣ ва маҳорати корбурди муколама дар эҷодиёти Сотим Улуғзода таҳқиқ шудааст;

– таъйин ва таҳқиқи вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода бори аввал дар шакли диссертатсия сурат гирифтааст;

– нахустин маротиба заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани диди таърихии нависанда роҷеъ ба офаридани симоҳои адабӣ ва фарҳангӣ муайян карда шудаанд;

– нақши асноду ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва хаёли бадеӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии нависанда баррасӣ гардида, дар ин замина нақши унсурҳои мазкур дар офаридани симоҳои адабию фарҳангӣ тавзеҳ ёфтааст;

– бори аввал равишҳо ва хусусиятҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар асарҳои нависанда – «Ривояти суғдӣ», «Марги Ҳофиз», «Восеъ», «Фирдавсӣ», драмаҳои «Рӯдакӣ», «Ҷавонии Сино», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Қисмати шоир» ва «Ибни Сино» арзёбӣ гардидаанд;

– дар ин диссертатсия таърихияти тасвир ҳамчун мақулаи ибрати таърих ва падидоварандаи худшиносии таърихӣ арзёбӣ гардида, мақоми шахсиятҳои

фарҳангию адабӣ ва таърихӣ дар консепсияи идроки бадеии нависанда муайян карда шудааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Заминаҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташккули диди таърихии нависанда роҷеъ ба тасвири симоҳои адабӣ ва фарҳангӣ вижагиҳои ҷолиби диққат дошта, қобили омӯзиш ва таҳқиқу баррасӣ мебошад;

2. Вижагиҳои асосии насри таърихии Сотим Улуғзодаро дар воқеияти тасвир, ба таҳриф роҳ надодани нависанда, истеъдоду ҳунари фитрӣ, забон ва сабки баёни фасеҳу осонфаҳм, ҷаззобияти тасвир ва пайванди қавии насру назм ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

3. Ҳунари портретофарӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик заминаи устувори қадимӣ дошта, анъанаҳои олии он ҳам дар назм ва ҳам дар наср фаровон истифода шудааст. Дуруст аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик тасвири симоҳои таърихӣ дар насри реалистӣ бори аввал аз тарафи устод Айнӣ иттифоқ афтода, Сотим Улуғзода равияи мазкурро чун суннати адабӣ пазируфта, симоҳои адабию фарҳангии офаридаи ӯ инъикоси лаҳзаҳои камаҳаммияту ҳаёти муқаррарии онҳо набуда, бозтобдиҳандаи лаҳзаҳои ҳалкунанда ва асосии ҳаёти персонажҳоянд.

4. Муколама дар адабиёт, хосса, дар асарҳои бадеӣ навъи махсуси ифодаи нутқи персонажҳо буда, яке аз воситаи асосии офаридани характер аст. Дар қиссаву романҳои Сотим Улуғзода, аз ҷумла романи “Фирдавсӣ”, повести “Ривояти суғдӣ” ва ғайра яке аз унсурҳои асосии бозтобдиҳандаи камолоти маънавии персонажҳо асарҳои нависандаанд.

5. Дар эҷодиёти Сотим Улуғзода дар баробари образҳои тахайюлӣ ва типие, ки офарида шудаанд, тасвири бевоситаи корнамоии қаҳрамонон ва рӯзгори чеҳраҳои таърихӣ низ ба назар мерасад, ки далели ин андешаҳо осори таърихии нависанда аст. Воқеан, Сотим Улуғзода бо осори таърихии худ дар адабиёти давраи нави тоҷик ҷараёни нави муносибати эҷодкорро ба воқеаҳои таърихӣ тарҳрезӣ карда, ба ин восита ҷанбаи илмӣ, миллӣ ва маърифатии насри таърихии тоҷикро таҳвият бахшидааст. Осори таърихии нависанда дар офариниши воқеии

симоҳои таърихӣ ва тасвири ҳаёти таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик ба эҷодиёти адибони дигар таъсири файзбахш расонидааст.

6. Муваффақияти нависанда дар тасвири қаҳрамонҳои таърихӣ дар он зоҳир меёбад, ки ӯ қаҳрамононашро хуб мешиносад ва аз рӯзгору фаъолият ва хислату рӯҳияашон огоҳии комил дорад. Масалан, агар дар романи “Фирдавсӣ” Фирдавсӣ ҳамчун инсон ва шоири донишманд, ботамкин, илмдӯст ва мураббӣ тасвир шуда бошад, ар романи “Восеъ” як тоҷики асилеро мебинем, ки бо матонату ҷавонмардӣ, шуҷоату ғайрат бар зидди бекҳои Балҷувон шӯриш мебардорад. Дар дигар асарҳои Сотим Улуғзода низ ҳамин махсусиятро метавон ба мушоҳида гирифт.

7. Сотим Улуғзода дар эҷодиёти худ дар баробари манзури хонанда намудани беҳтарин асарҳои бадеӣ, қиссаву повестҳо ва романҳои ҷолиб, ҳамчунин дар муаррифии таърихи забон ва фарҳанги тоҷикон саҳми арзанда дорад. Адиб дар осори бадеӣ ва таърихиаш урфу одат, расму ойину анъана ва таърихи забону фарҳанги тоҷиконро ҳамчун муаррих ба тасвир гирифтааст.

8. Сотим Улуғзода дар офариниши воқеаҳои таърихӣ, тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ, рӯ овардан ба мавзуъҳои таърихӣ ва амсоли инҳо ибтикороти ибратбахш нишон дода, дар ин самт осори нависанда аз қабили «Ривояти суғдӣ», «Марги Ҳофиз», «Восеъ», «Фирдавсӣ», драмаҳои «Рӯдакӣ», «Ҷавонии Сино», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Қисмати шоир» ва «Ибни Сино» таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Сотим Улуғзода дар тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ ва таърихӣ, аз ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шивоҷӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон ҳунари баланди нигориш ва маърифату дониши адабию таърихӣ нишон дода, омӯзишу таҳқиқи ҳамешагии ин бахши эҷодиёти адиб дар рушду нумуи тафаккури миллӣ ва пос доштани арзишҳои милливу анъанаҳои ибратбахши ниёгон мусоидат хоҳад намуд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонад ба дар таҳқиқи адабиёти ҳамин давра истифода шавад. Ҳамчунин, маводи диссертатсия

дар таҳқиқи масъалаҳои ҳамгуни адабиёти муосир ва коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона аз тарафи муҳаққиқони минбаъда мавриди корбурд қарор гирад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти аз ин ҳам бештари ҳунари нависандагии Сотим Улуғзода истифода шавад. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар диссертатсия коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангию таърихӣ, махсусан, тасвири симо ва сарнавишти онҳо дар эҷодиёти Сотим Улуғзода мавриди истифода қарор гирад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Муаллиф дар заминаи баррасии сарчашмаҳои таҳқиқӣ тасвир ва нақшу мақоми ҷеҳраҳои адабию фарҳангиро дар эҷодиёти Сотим Улуғзода мавриди пажӯҳиши ҷудогона қарор додааст. Муаллиф зимни омӯзиш ва таҳқиқи диссертатсионӣ ҳунари портретофарӣ ва корбурди ҳунармандонаи муколамаро зимни тасвири симо ва сарнавишти чеҳраҳои адабию фарҳангӣ таҳқиқ намуда, гузоришу маърӯзаҳои илмии ӯ дар маҳфилу конференсияҳо, ҳамчунин, диссертатсияи манзуршуда ва мақолаҳои нашршудаи ӯ саҳми шахсии муаллифро собит месозанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Муҳтавои асосии диссертатсия ва масъалаҳои меҳварии таҳқиқ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2018-2019), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (2018-2021) дар шакли маъруза пешниҳод гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (протоколи №3, аз 22.10.2021) ва ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (протоколи № 6-8/4, аз 21.01.2022) муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар 8 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 167 саҳифаи чопиро ташкил додааст.

БОБИ I
МАҚОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ДАР АДАБИЁТИ МУОСИР

1.1. Вижагиҳои насри Сотим Улуғзода

Ин нукта масаллам аст, ки ҳар як адиб бо ҳунари нигориш ва вижагиҳои фарққунандаи осораш дар адабиёт мавқеи хешро пайдо мекунад ва ҳунари эҷодии ӯ ҳам, пеш аз ҳама, дар хусусиятҳои хосси тасвирофаринии адабӣ зоҳир мегардад. Ҳунари хосси Сотим Улуғзода ва қобилияти баланди эҷодӣ мавқеи ӯро дар насри муосири тоҷик пас аз устод Садриддин Айнӣ гузоштааст. Дар ин хусус Х. Асозода барҳақ навиштааст: «Дар соҳаи насри бадеии садаи бисти тоҷик Сотимхон Улуғзода баъд аз устод Садриддин Айнӣ дар радифи дуюм қарор мегирад» [Асозода 2001, с. 6]. Албатта, дар ибтидои роҳи эҷодӣ дар таълифи осори адабӣ таъсири устод С. Айнӣ ба С. Улуғзода хеле назаррас аст. «С. Улуғзода чеҳраи адабие буд, ки дар кори эҷодӣ, бахусус, дар насри таърихӣ ба устод С. Айнӣ пайравӣ карда, як силсила асарҳои бадеию таърихӣ эҷод намудааст...» [Асозода 2001, с. 6].

Баъдан насри С. Улуғзода батадриҷ дорои вижагиҳои фарққунанда гардид, ки муаллифро ба сифати адиби маъруф ва навовар муаррифӣ намуд. Ба қавли Х. Асозода «метавон гуфт, ки С. Улуғзода дар ҷодаи насри муосир (садаи ХХ) аз нахустин шогирдони устод С. Айнӣ буд, ки ниятҳои амалишудаи ӯро пиёда сохтааст. Яъне ҷойҳои холимондаи насри таърихии С. Айниро бо эҷоди қиссаву романҳои таърихиаш пурра намуд» [Асозода 2008, с. 11]. Илова бар ин андешаҳо Х. Асозода С. Улуғзодаро на танҳо баъди С. Айнӣ, балки дар ҷодаи насри муосир ҳамрадифи ӯ дониста менависад, ки: «Мутолиаи зиёди китобҳои таърихиву адабӣ ва илмӣ С. Улуғзодаро ба як нависандаи донишманди ҳамнавъи С. Айнӣ табдил додааст. Бо ҳамин далел С. Улуғзодаро метавон дар паҳлуи устод С. Айнӣ қарор дод ва ӯро ҳамчун чеҳраи нотакроре дар боби насру дром ва нақду адабиётшиносӣ шинохт...» [Асозода 2001, с. 7].

Ҳамин гуна баҳои баланди муҳаққиқон ва адабиётшиносон ба С. Улуғзода ва ҳамрадифи устод С. Айнӣ донистани ӯ имкон медиҳад ва моро вазифадор менамояд, ки вижагиҳои насри адибро муайян ва таҳқиқи намоем. Хусусияти насри таърихию адабии С. Улуғзода, ки дар зер онҳоро дастабандӣ мекунем, боис гардидаст, ки ӯ аз ҷумлаи чеҳраҳои дурахшони илму адаб ва фарҳанги асри ХХ тоҷик муаррифӣ гардад:

1. Яке аз хусусиятҳои насри таърихии С. Улуғзода дар он аст, ки насри таърихиро на танҳо аз рӯи талаботи ҳамон айём ва сиёсати зимомдорони вақт нависад, балки кӯшидааст, ки воқеияти таърихиро бидуни таҳриф ва барҷастанамоии қаҳрамони асар эҷод кунад. Гарчанде ки Х. Асозода асари тарҷумаиҳолии «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзодаро «маҳсули давраи ҷавонӣ, ҷанбаи насиҳатмандӣ надошта, дар тасвири муҳтавои воқеа ва ашхоси маъруф камтар ҷиддиятдошта» гуфта, ба риштаи нақд кашидааст ва ин гуфтаҳои ӯ то ҷое ҷанбаи ҳақиқӣ ҳам доранд, адиб дар асарҳои баъдӣ, бахусус романи «Фирдавсӣ» маҳорати олии адабию касбияти худро нишон додааст.

2. Дигар хусусияти насри С. Улуғзода ба забони он тааллуқ дорад. Х. Асозода менависад, ки: «масалан, дар адабиёти классикии форс-тоҷик ҳам ба насри содаву равон дучор меоем ва ҳам ба насри мураккабу душвор. Пӯшида нест, ки баъд аз қарни Х дар наср торафт арабикунонии баён ривоҷ мегирад. Аз ин рӯ, насри гузаштаи форсӣ на ба ҳама фаҳмо мебошад. Устод (С.Айнӣ-Н.М.) ин ҷиҳатро хуб медонист ва кӯшиш мекард, ки насри нави тоҷик аз душворфаҳмӣ халос карда шавад» [Асозода 2001, с. 98]. Аз ин ҷо, бегуфтугӯ, насри С.Улуғзода, ки шогирди С. Айнист, осонбаён, осонфаҳм, аммо дар доираи меъёрҳои грамматикаи тоҷикӣ гуфта шудаанд.

3. Дигар махсусияти насри С. Улуғзода дар он аст, ки падидаҳои муосири насриро дар худ инъикос мекунад. Азбаски тарбиятдидаи мактаби шӯравӣ буд ва аз асарҳои адибони шӯравӣ бохабар буд, таъсири сабк ва услуби нигориши матни насри шӯравӣ ба С. Улуғзода мушоҳида мешавад. Дар эҷодиёти С. Улуғзода маҳорати баланди нависандагӣ ва фарққунанда ба назар расида, маҳсули эҷодаш

гувоҳи он аст, ки ӯ як эҷодкори неруманд ва барҷаста мебошад. Чунин неруро ба С. Улуғзода ба қавли худи ӯ мактабҳои шӯравӣ эҳдо карда буданд. Дар ин замина, барои офаридани матни комили бадеӣ, адабӣ истеъдоди фитрӣ зарур аст. Дар баробари мутолиаи зиёд ҳар як шахс наметавонад, ки матни адабӣ офарад. Асозода Х. менависад, ки; «Масалан, агар нависанда воқеаву ҷузъиёт ё заминаҳои тасвирро дар ҳофизааш нигоҳ надорад, ӯ наметавонад асари бадеӣ эҷод намояд. Неруи ҳофиза дар шахси нависанда ба воситаи хотираи қавӣ сурат мегирад. Аммо хотира ва ҳофизаи қавӣ ду падидаи ҷудогонаанд, ки яке бештар ба носир иртибот мегирад ва дигаре ба шоир» [Асозода 2001, с. 99-100]. Хотираи қавӣ, ки устод Х. Асозода онро мутааллиқи носир донистааст, яке аз муваффақиятҳои С. Улуғзода дар тасвири қаҳрамонҳояш ва дар заминаи таърихӣ офаридани асарҳояш мебошад.

4. Насри С. Улуғзода дар ҷаззобияти тасвири ӯ таҷассум меёбад. Нависанда дар интихоби ибора ва таркибҳо, тарзи нигориш ба дараҷае даст дорад, ки хонандаро водор месозад, ки дар баробари оғози мутолиаи насри ӯ ба мудовимати мутолиа кӯшад. Масалан, «Марди сиёҳҷурдаи чашмкалон, фарбеҳҷусса – шайх Абулқосими Гургонӣ саломи шоирро ба оҳистагиву тамкин алайк гуфт, Фирдавсӣ чунон ки расм буд, рафта дасти ӯро бӯсид» [Улуғзода 1988, с. 17]. Чуноне ки дар дар матни боло мушоҳида намудем, ҷумла чунон навишта шудааст, ки дорои оҳанги махсуси гӯиш буда, ҷаззоб, аз диди адабӣ бенуқсон, равон, фаҳмо ва моилкунанда ба қироати давоми он мебошад. Ё дар ҷои дигар: «Фирдавсӣ баъд аз адои хироҷҳо тиҳидаст монд. Гӯё барқасд зимистон ҳам он сол сахт омад, ҳол он ки шоир барои зимистон аз ваҷҳи озуқа захираи казоӣ фароҳам оварда натавониста буд» [Улуғзода 1988, с. 71]. Истифодаи калимаи «тиҳидаст» ва ибораҳои «ваҷҳи озуқа», «захираи казоӣ» ва таркиби «сахт омадани зимистон» чӣ қадар ҳусни салосати ҷумларо афзудаанд. Дар вақти мутолиа кас гумон мекунад, ки шеъре дар қолаби наср гуфта шудааст.

5. С. Улуғзода дар навиштаҳои худ мансабҳои давлатӣ ва мақоми давлатиро дар шакли аслиашон, дар намунае, ки дар замонҳои таърихӣ истифода мешуданд,

истифода намудааст. Чунончи, «Ҳусайни Қутайб пеш аз таъин шуданаш ба ҳукумати Тӯс дар хизмати волӣ ва сипоҳсолори Хуросон буда, девони рисолати ӯро ба уҳда дошт» [Улуғзода 1988, с. 54]. Дар ҷумлаи боло мансаби «девони рисолат», ки ба маънои идораи давлатӣ ба мисоли Вазорати корҳои хориҷӣ буд, ба қалам дода шудааст.

6. Хусусияти дигари насри С.Улуғзода пайванд додани наср бо назм аст, ки ин ҷанба дар романи «Фирдавсӣ» боризтар ба назар мерасад. Нависанда дар романи мазкур 247 байтро корбаст кардааст, ки дар ҳеҷ як романи адабиёти муосири тоҷик ин гуна иртиботи насру назм ба чашм намерасад. Дар романи мазкур абёти фавқуззикр гоҳо ба мақоми истинод ва гоҳо ифодагари ҳол, авзоъ ва воқеа ба кор бурда шуда, давоми мантиқии нақли насриро ифода кардаанд. Масалан, дар мавриди қироати шеъри Рӯдоба – духтари Меҳроби Кобулӣ абёти зеринро ба сифати шеъри қироаткардаистодаи Рӯдоба оварда, давоми мантиқии воқеаро нақл кардааст:

Зи сар то ба пояш ба кирдори оҷ,
Ба рух чун баҳору ба боло чу соҷ.
Бар он суфту симин ду мушкин каманд,
Сараш гашта чун ҳалқаи пойбанд [Улуғзода 1988, с. 93].

Нависанда ба як навъ омезишу пайванд додани насру назмро муваффақ шудааст, ки аз як тараф, назм низ нақшу вазифаи насрро иҷро карда истодааст ва аз тарафи дигар, матни бадеии романро зебо кардааст.

Ҳамин тавр, Сотим Улуғзода бо хусусиятҳои умдаи насри худ, тасвири воқеияти таърихӣ бидуни таҳриф ва барҷастанамоии қаҳрамони асар, забони равону сода, инъикоси бадеию воқеии ҳаводиси гузаштаю муосир ва ҷаззобияти тасвир дар адабиёти давраи нави тоҷик аз ҷумлаи нависандагони навҷӯ ва навовару навпардоз шинохта шудааст.

1.2. Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода

Масъалаи асосии адабиёти бадеӣ, тадқиқу таҳлили инсон буда, тасвири зоҳир ва ботини ӯ ду паҳлуи як мафҳум мебошанд. Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти адибон нақши воситаҳои тасвир, махсусан, портрети адабӣ басо муҳим аст. Портрет дар намудҳои гуногуни санъат мавқеи муайянкунандагӣ дошта, ҳангоми тасвири сирату сурати образҳо аз ҳамдигар тафовут низ дорад. Дар адабиётшиносӣ мафҳуми портрет ба ду маъно, аввалан ҳамчун жанр, баъдан ҳамчун воситаи тасвири бадеии инсон аст, ки маънои дуюмиро дар эҷодиёти С. Улуғзода дида мебароем.

Дар аввал лозим медонем, ки ҳунари портертофариро аз нигоҳи адабиётшинос М. Имомзода шарҳ диҳем. Ба таъбири М. Имомзода «Портрет инъикоси лаҳзаҳои камаҳаммияту муқаррарӣ набуда, аз лаҳзаҳои ҳалкунанда ва асосии ҳаёти персонаж иборат мебошад. Нависанда дар тасвири портрет ҳамон лаҳзаҳоеро интихоб мекунад, ки моҳияти образро ошкор сохта, онро боз ҳам пурраю мукаммал гардонад» [Имомов 2007, с. 314].

Ҳунари портретофарӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик заминаи устувори қадимӣ дошта, анъанаҳои олии он ҳам дар назм ва ҳам дар наср фаровон истифода шудааст. Дуруст аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик тасвири симои таърихӣ дар насри реалистӣ бори аввал аз тарафи устод Айнӣ иттифоқ афтода, С. Улуғзода равияи мазкурро чун намояндаи мактаби С. Айнӣ – ҳамчун суннати адабӣ пазируфта, то ба андозае қонунмандии онро таъмин намудааст. Собиқаи фаъолияти С. Улуғзода то таълифи романи «Фирдавсӣ» қазовати мазкурро тасдиқ менамояд.

Ҳар як офаридаи бадеӣ ба доштани вижагиҳои ҳунарӣ, мазиятҳои хос дархури таваҷҷуҳ ва қобили пазириш мегардад. Дар осори манзум ин мазиятҳо бешубҳа ороишҳои адабӣ ё санъатҳои бадеӣ мебошанд, ки вуҷудашон ба асари шоир шукӯҳу шаҳомат ва дилчаспиву кашандагӣ мебахшад. Вале дар осори

мансур дар радифи ороишҳои бадеӣ он чи ки бештар ҷалби таваҷҷуҳ менамояд, санъату ҳунари тасвирофарӣ, симоофарӣ ё портретсозӣ мебошад.

Портретсозӣ дар як асари ҳунарӣ метавонад нақши калидӣ дошта бошад. Хонанда тавассути портрет нахуст бо симои зоҳирии қаҳрамон ошно мегардад. Ин ошноӣ дар навбати худ имконоти лозимиро барои шинохти рафтору кирдор, ҷаҳони ботинии қаҳрамон фароҳам меоварад. Гоҳҳо як ишораи ҷузъӣ аз портрети қаҳрамон дунёҳои тозаеро пешорӯи хонанда барои дарки моҳияти масъала боз мекунад.

Нависанда дар эҷодиёти худ раванди эҷодро бо портертофарӣ омехта мекунад ва самти худро дар корбурди эҷодӣ маҳз дар ҳамин замина меофарад. Портретофарӣ аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳунари эҷодӣ мебошад. Нависанда дар раванди эҷод ва зимни офаридани портрет намояндаи кадом табақа будан, симои мусбат ё персонажи худро аниқ мекунад. Ҷанбаи дигар ва аз хусусиятҳои муҳим ҳангоми офаридани портрет ин ҳунари баланди офариниш, истеъдод, донишу маҳорат, ҷаҳонбинӣ, малака, ҳофизаи таърихӣ ва бадеӣ, хазинаи фарҳангӣ ва тахайюли бойи нависанда мебошад.

Ҳам дар асари бадеӣ ва ҳам дар фаҳмиши умумӣ портрет маънои чашм, рӯй, абрӯ, бинӣ, даҳон, дандон, лаб, гесӯ, риш, пайкар, рафтор, тарзи истодану оҳанги сухан гуфтан, имову ишорат, синну сол ва тарзи пӯшидани либосро ифода мекунад.

Масалан, ҳамин хусусиятро мо дар романи «Фирдасӣ»-и С. Улуғзода метавонем хуб мушоҳида кунем. Тамоми эҷодиёти шоир маҳз дар симои Фирдавсӣ сурат мегирад ва равиши матни роман низ дар заминаи портрети Фирдавсӣ бунёд ёфтааст. Ё ҳамин хусусиятро дар романи «Восеъ» метавонем ба назар гирем. Дар романи «Восеъ» қаҳрамони марказӣ Восеъ аст ва то охирин персонажи лаҳзавӣ ба хотири Восеъ ба тасвир омадаанд. Дар романи мазкур С. Улуғзода Восеъро чун образи асосӣ ва шахсияти таърихӣ ба асар ворид намудааст.

Дар ин ҷо зарурати таъкиди нуктаи дигар ин аст, ки зимни портретофарӣ вобаста ба самт ва мавзуи эҷод шахсиятҳоро эҷодкор мувофиқ кунонида, ба асар ворид месозад. Масалан, дар романи «Восеъ» Восеъро С. Улуғзода чун шахсияти таърихӣ ба асари адабӣ ворид намудааст. Дар симои Восеъ нависанда зарурияти таърихиро тасвир мекунад ва дар портрети ӯ озодӣ ва дарки худшиносии миллиро меофарад. Ба таъкиди муҳаққиқ С. Эмомалӣ: «Дар асари мазкур нависанда рафтор, кирдор, пиндор, гуфтор, суханронӣ ва муҳокимаву хулосабарориҳои Восеъро хеле хуб ба муоина гирифта, нозукона санҷидааст. Ба ин восита ба замону макон рӯ овардааст. Нависанда, ки истеъдоди баланд дорад, ин ҳамаро дар доираи ҳақиқати таърихӣ ба мушоҳида мегирад. Вале тасвир кадом навъе ки бошад, нусхаи асл нест. Агар нусхаи асл мебуд, он гоҳ расм (сурат) мешуд, на тасвир» [Эмомалӣ С. 2020, с. 203].

Воқеан, ҳақ ба ҷониби С. Эмомалӣ аст, ки ба таъкиди эшон зимни портретофарӣ аз ҳама муҳим бартарият бояд ба тасвир дода шавад. Тасвире, ки портретро пурра ифода кунад. Гузашта аз ин, ифодаи хушку холӣ набояд бошад. Тасвир бояд ҳамонгунае сурат гирад, ки хонанда ҳангоми мутолиаи асари бадеӣ дар тахайюли худ хулқу атвор, кирдор, пиндор, гуфтор, суханронӣ, қиёфа, амалҳо ва амсоли инро бубинад ва аз образи офаридашуда дар хаёли худ қаҳрамон офарад. Масалан, тасвири Восеъро дар романи «Восеъ» аз ҷониби Сотим Улуғзода мебинем: «Ниёз қиёфаи босалобати Восеъро, шамшери ба фӯта ҳамоил кардаашро, чашмони дурахшандаи барқнигоҳашро, иззату ҳурматеро, ки ҳамроҳонаш нисбат ба вай доштанд, мушоҳида мекарду аз дигаргунии дар ӯ рӯй дода ба ҳайрат монда, ба дилаш мегуфт, ки наход ин мард, ин пешвои овозадори шӯришгарон, ин фотеҳи Балҷувон ҳамон Восеъ бошад? Ҳамон Восеи галабони роҳи Қаршӣ? Э аҷаб! Аммо хулқаш, рафтораш, тарзи муомилааш дигар нашудааст: Ҳамон кӯҳистонии содадил, дӯстрӯ, улфат…» [Улуғзода 1979, с. 302].

Хонанда ҳангоми мутолиаи ин сатрҳо бе мушкилӣ портрети Восеъро тасаввур карда метавонад. Ифодаҳои дуруст ва банду басти бомавқеи нависанда имкон медиҳад, ки зимни мутоила мо на танҳо сурат, балки сирати қаҳрамони

асарро низ дида тавонем. Истифодаи калимаву ибораеҳое чун «қиёфаи босалобат», «шамшери ба фӯта ҳамоил», «чашмони дурахшандаи барқнигоҳ», «галабони роҳи Қаршӣ», «кӯҳистонии содадил», «дӯстрӯ», «улфат» ва амсоли ин кӣ будани Восеъро ба хонанда нишон медиҳад. «Мо дар образи Восеъ, – қайд кардааст С. Эмомалӣ, – шахсияти фаъоли таърихӣ, тафаккури миллӣ, маънавиёти то андозае ғанӣ, худшиносӣ, истиқлолияти андеша, зарурияти дарки озодӣ ва мунтаҳо муборизаи ошкороро мебинем, муборизаи ӯ барои танҳо худи ӯ – фардӣ нест, балки миллист. Офариниши он дар сатҳи роман ана, ҳамин ҷанбаро комил мегардонад» [Эмомалӣ С. 2020, с. 203].

Дигар хусусияти портретофарӣ ин бозёфти образ мебошад. Образе, ки дар пояи он асари нав офарида шавад ва симои тоза кашф гардад. Дар эҷодиёти Сотим Улуғзода, дар ҳар асар, мо метавонем, ин махсусиятро пайдо намоем. Аз ҷумла тасвири симои барҷаста, шахсияти таърихӣ чун Восеъ дар романи «Восеъ» бозёфти ҳақиқӣ ва нав дар насри бадеӣ – таърихӣ ба ҳисоб рафта, ҳамсон ба он дар адабиёт дигар асар нест.

Албатта, нависандаи боистеъдод ҳамеша кӯшиш мекунад, ки симои зоҳирӣ, олами ботинии қаҳрамонон ва махсусан қаҳрамони марказӣ барои ҷолибу ҷаззоб ва воқеиву хотирмон баромадан аз воситаҳои тасвир: ташбеҳ, истиора, тавсиф, муболиға, маҷоз ва киноя моҳирона кор гирад. Ҳамчунин, оҳанги нақл, таъкиди лаҳза, имову ишора, муносибату муошираты қаҳрамон бояд тарзе сурат гирад, ки ботини қаҳрамон ошкор гардад. Масалан, дар ин навиштаи С. Улуғзода ин нуктаро ба таҳлил мекашем: «Дар сари бозор Восеъ аз болои асп ба издиҳоми халқ чунин хитоб кард: - Бародарон! Фақирон! Бихезед, ғазот кунед! Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазирбод шуд, халқон хору зор. Манғит моро одам ҳисоб намекунад. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб кард, бехонумон кард. Ҳоким, амалдор, сипоҳӣ халқонро гургворӣ медаранд» [Улуғзода 1979, с. 232].

Ҳунару санъати С. Улуғзода, хусусан, дар офариниши симои зоҳирӣ ва олами ботинии қаҳрамон муқоисанашаванда аст. Ин андешаҳо дар мисолҳои боло тасдиқ гардиданд ва метавон чандин мисоли дигар низ овард. Аз ҷумла, С.

Улуғзода намуди зоҳирӣ ва камоли қудрати Восеъро чунин тасвир мекунад: «Он марди ришсиёҳи бокитфу бозу, ки назди устохонаи дуредгарӣ истода ҷувозкундаи навро бодиққат аз назар мегузаронид, Восеъ буд. Ҷувозкундаи тайёрро ӯ бо ёрии ду марди дигар ғелонда-ғелонда бурд» [Улуғзода 1979, с. 12].

Дар портретофарии С. Улуғзода хонанда ҳеҷ гоҳ гумон намекунад, ки дар бораи як тахайюл ва образ гап меравад, балки дар эҷоди қаҳрамон як зиндагии воқеиро бо иштироки одамон мебинад. Чунин қайдҳои М. Шакурӣ тасдиқи ҳамин гуфтаҳост: «Нависанда ҳодиса ва одамони реалиро тасвир мекунад, вале дар айни замон вай нусхабардори одии зиндагонӣ нест ва асари ӯ аз натурализм бегона аст» [Шукуров 1960, с. 196].

Чуноне ки таъкид намудем, портретсозӣ дар адабиёти бадеӣ ҳангоми офаридани персонажҳои асар принсипҳои худро дорад. Яке аз принсипҳои дигари портретофарӣ дар маркази асар дар ниҳояти зебоӣ ва ҷаззобӣ тасвир шудани симои қаҳрамони мусбат мебошад. Маълум, ки қаҳрамони марказии мусбати асар идеалҳои пешқадаму олии инсониро дар худ таҷассум карда, нависанда онро зоҳиран ва ботинан барҷаста ба тасвир меорад. Ҳамзамон, нависанда вазифадор аст, ки ҳангоми офаридани симои зоҳирии қаҳрамони марказӣ ҷаҳони ботинӣ ва характери ӯро ошкор кунад, ки чунин тарзи тасвир ҳангоми офаридани образи Виркан дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» хеле таъсирбахш ба тасвир омадааст: «Саворе, ҷомаи абрешимини сабзу гулобӣ дар бар ва камарбанди нуқра дар камар, аспи саманди қашқаашро тунд ронда омаду дар пеши тахтасуфа пиёда шуд. Аспро набаст, ҷилавашро раҳо кард: ҷонварро ба нобаста истодан дар наздики соҳибаш одат кунонда буд. Аҳли ҷашн Виркани Ревдодиёнро, ки дар маъракаҳо на як бору ду бор дида буданд, шинохтанд ва зуд ба вай гирд омада буданд, ки пиёда шудани ӯ дар наздики хони зиёфати паҳлавони Суғд бесабаб нест» [Улуғзода 1977, с. 56].

Дар баробари ин, маҳорати баланди образофарӣ бояд дар тасвири симои бад ҳам истифода шавад. Ҳар қадар образ бадкирдору бадсиришт бошад, симои зоҳирии он низ ҳамон андоза бояд зишту баднамо тасвир ёбад. Ҳатто аз чунин тарзи тасвири нависандаи боистеъдод намояндаи аҳли кадом табақаи ҷамъиятӣ

будани образро низ бояд муайян кунад. Ҳамин маҳоратро мо дар эҷодиёти С. Улуғзода возеҳ дида метавонем. Ӯ барои таъсирбахш баромадани образи манфии Мирзоакрамбой ва Ҳоҷиқул дар романи «Восеъ» онҳоро чунин ба тасвир овардааст: «Баъд ӯ барои дилхушӣ Қориро фармуд, ки бо Ҳоҷиқул дуяшон бедонавор ҷанг кунанд. Ҳоҷиқул, ки зоҳиран ба ин навъ шӯхиҳои ҳокими худ одат карда буд, фавран дастҳояшро мисли ду пои пеши чорпоён ба замин ниҳода, риши зардашро, ки ба ханҷари зангзада монандӣ дошт, ба пеш сих карда, сӯи Мирзоакрамбой гавак кашид. Ваҷоҳати ӯ ҳайбатнок буд, бой дар ҳарос афтода ба тӯра тавбаву тазаррӯъ кард. Хоки поятон шавам, тӯраҷон, саги даратон шавам, аз гуноҳам гузаред. Тӯра дар ҳолати завқу ханда фармони худро такрор кард: Гапа дароз накун, бефаҳм, тезтар вартиш шуда, ба ҷанг даро, набошад саратро мегирам» [Улуғзода 1979, с. 8].

С. Улуғзода аз ҷумлаи он нависандагонест, ки беш аз ҳама, ба портрети персонажҳои асарҳояш эътибори ҷиддӣ дода, миёни нависандагон дар ин ҷода муваффақият ба даст овардааст. Хонанда дар рафти вохӯрӣ бо персонажҳои офаридаи нависанда, ҳангоми мушоҳидаи амалиёту гуфтори онҳо бо муҳимтарин нишонаҳои қиёфа, муҳити муайяни иҷтимоӣ, шуғл ва мансубияташон ошно мегардад: «Вай (Султон Маҳмуд – Н.М.) марде синнаш ба назар дар ҳудуди чиҳил, қоқинаандом, чашмонаш кӯчаки кабудтоб, пешонааш як қадар барҷаста, риши гирдаи хурдтараке бар занахдонаш руста, чеҳрааш сабзина, дар танаш абои осмониранги зарбофт, дар сараш кулоҳи баланди мурассаъ ба лаълу гавҳару фирӯза ва дар пояш кафши зарандуди нӯгболо, дар пешгоҳ бар курсии зарнигор нишаста буд» [Улуғзода 1991, с. 176].

Талаботи портретсозӣ ба ҳунару маҳорати адиб низ вобастагии қавӣ дорад. Аз ин ҷост, ки С. Улуғзода ҳангоми тасвири портрети образҳои асарҳояш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ» ҷузъҳои асосӣ ва зарурро интихоб намудааст, ки ба матлабу мақсади асар мувофиқ омада, ягон паҳлуи ғояи образро ифода намудааст.

Яке аз вазифаҳои асосии портрет дар асари бадеӣ ифодаи маънавиёту сиришти шахси тасвиршаванда мебошад. Масалан С. Улуғзода дар маркази

тасвири романи «Фирдавсӣ» образи Фирдавсии шоири ватанпарастро гузоштааст. Баъд аз мутолиаи романи «Фирдавсӣ» хонанда мебинад, ки аз уҳдаи тасвири симои зоҳирии Фирдавсӣ С. Улуғзода ба хубӣ баромадааст. С. Улуғзода хонандаро ба муҳимтарин нишонаҳои қиёфаи Фирдавсӣ, тарзи либоспӯшӣ, ҳаракатҳояш шинос намуда, мувофиқи рафти воқеа, банду басти асар, гузашти замон ба тағйироту такомулоти портрети вай мутаваҷҷеҳ месозад. Ҳамин тавр, хонанда бори аввал чеҳраи Фирдавсиро ҳангоми суҳбат бо ҳамсараш Фотима дар чунин шакл мебинад: «Фотима аз шавҳараш ҳафт сол хурдтар буда, дар муқобили марди панҷоҳсолаи тануманди каллакалони паҳнриш ҳамчун духтари нозукандоме менамуд» [Улуғзода 1991, с. 14].

Баъдтар хонанда Фирдавсиро дар қиёфаи зайл дармеёбад: «Шоир аз нашъаи май сархуш ва аз навои чанг маҳзуз, ба мақоми мусиқӣ сари дарозмӯяшро алвонҷ медод» [Улуғзода 1991, с. 14]. Сипас, Фирдавсӣ бо дӯсти мадрасагиаш, ки ҷиҳати пазироии даъвати Аскофӣ ба назди Фирдавсӣ омада буд, вохӯрӣ мекунад ва дар ин ҷо хонанда симои дигари ӯро мебинад: «Мударрис қариб як сол боз шоирро надида буд, ҳоло ранги зард, рухсораи чӯкида, ришу мӯйсари сафедгаштаву дарҳампечида ва зоҳиран дер боз шонанадидаи ӯро мушоҳида карда, дилаш ба ӯ месӯхт. Абои сафеди шоир дар китфаш ва дар остинаш чок шуда ва ду ҷои паҳлуяш ҳам дарида буд» [Улуғзода 1991, с. 73].

Ҳунари портретофарӣ ва муваффақияти барҷастаи С. Улуғзода ҳам маҳз дар он аст, ки дар кулли чеҳраҳои таърихии офаридааш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ» низ бо дигар шудани рафти воқеаҳо, махсусан, гузашти замон тасвири қиёфаи зоҳирии қаҳрамони марказии асар Фирдавсӣ дигаргун шудааст. Ба андешаи мо, чунин тарзи тасвир аз он ҷиҳат муҳим аст, ки бо гузашти солҳо инсон чи зоҳиран ва чи ботинан ба куллӣ дигаргун шуда, вазъи ҷомеае, ки дар он кору зиндагӣ намудааст, бе таъсир намемонад.

«Санъати портретсозӣ, – қайд намудааст М. Имомзода, – санъати эҷоди образи бадеист. Ҳар як санъаткор дар тасвири бадеии инсон сабку услуби

мутафаррид дорад ва санъати портретсозӣ як қисми таркибии он ба шумор меравад» [Имомов 2007, с. 314].

Яке аз хусусияти сабки эҷодии С. Улуғзода муъҷазбаёнии ӯ мебошад. Чунин сабк ва ё муҷазбаёнии нависанда ҳатто ҳангоми офаридани портрети персонажҳои мусбату манфии асарҳояш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ» ба пуррагӣ намоён шуда меистад. «Ҳарчанд дар романи «Фирдавсӣ», – қайд намудааст Р. Мусулмонқулов, – беш аз чиҳил портрет ба тасвир омадааст, аммо таъкид бояд кард, ки ҳеҷ яке такрори дигаре нест. Ҳамчунин, ин ҳам равшан ба назар мерасад, ки ҳеҷ портрете тӯлонӣ набуда, балки ҳамагӣ аз якчанд унсури асосӣ фароҳам омадааст. Чунончи: Абуалии Симҷӯрӣ – «марди тануманди муғулсимо ва тунукриш», Абӯ Дулаф – «ҷавони миёнақади хушсурат, мешчашм, хату ришу мӯйлаби маҳин, чеҳраи сабзинаашро пӯшонда буд», Қанбар – «сиёҳпӯсти мавзунқомат», Маншурӣ – қаддарози қоқина» [Мусулмонқулов 1992, с. 271].

Ҳамин тариқ, С. Улуғзода дар тасвири симо ва бозтоби бадеии портрети персонажу қаҳрамонҳои осораш ҳамчун нависандаи мушоҳидакор ва навпардоз намудор гашта, шоистаи таҳсин мебошад ва нависанда дар тасвири қиёфаи зоҳирии персонажҳояш аҳаммияти махсус дода, кӯшиш намудааст, ки бо ҳамин восита низ муҳимтарин ҷиҳатҳои маънавии онҳоро ба хонанда ошкор намояд.

1.3. Маҳорати эҷоди муколама дар коргоҳи адабии Сотим Улуғзода

Гуфтугӯ байни ду ё чанд нафар аз иштироккунандагони асари бадеиро диалог меноманд. Диалог муқобили монолог, ки нутқи як қаҳрамони драма, ки тавассути он андешаҳои лирикию фалсафӣ ва нуқтаи назари хешро ба худ ё барои тамошобинон изҳор мегардад, муколама, муҳовараи ду нафарро меноманд. Яъне, мусоҳибае, ки миёни ду ё якчанд кас воқеъ мешавад. Ҳамчун истилоҳ ва махсусиятҳои худ диалог аслан истилоҳи адабиётшиносӣ буда, дар илми забоншиносӣ низ чун қисми таркибии раванди нутқ дониста мешавад. Муколама

дар адабиёт, хосса, дар асари бадеӣ як навъи махсуси нутқи персонажҳоро мегӯянд. Аз ин ҷост, ки махсусиятҳои диалог аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҷинс ва жанри адабӣ вобастагии зич дорад. Чунончи, дар асарҳои бадеӣ яке аз воситаи асосии офаридани характер аст. Диалог дар қиссаву романҳои Сотим Улуғзода омили асосии камолоти маънавии персонажҳои асарҳояш гардидааст.

Муколама ё худ диалогро мо метавонем дар аксар асарҳои Сотим Улуғзода ба мушоҳида гирем. Дар романи «Фирдавсӣ» ва повести «Ривояти суғдӣ» намунаҳои барҷастаи муколама ва муколамасозӣ ба назар мерасанд.

«Ривояти суғдӣ» – повести таърихии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода, ки ба ҷавонмардию корнамоиҳои гузаштагони халқи тоҷик бахшида шудааст. Повести «Ривояти суғдӣ» бори аввал соли 1975 дар маҷаллаи «Садои шарқ» чоп гардида, соли 1977 ба шакли китоби алоҳида дастраси хонандагон гардидааст. Асар ҳаҷман калон набошад ҳам, мазмунан васеъ аст. Нависанда дар асар рафти дуюмин ҳуҷуми калони арабҳоро ба Мовароуннаҳр ва ҷанги зидди онҳоро тасвир менамояд.

Повести «Ривояти суғдӣ» инъикоскунандаи ҷавонмардӣ ва қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик мебошад. Дар ин повест қаҳрамонҳои асар суғдиёни аслӣ мебошанд, ки бар зидди зулму истибдоди арабҳои ғосиб ҷангидаанд. Фаслҳое, мисли «Иғво», «Баҳс бо имом», «Адолат чист?», «Баҳс бо Фаррухӣ» ва ғайра таҷассумгари саҳеҳи воқеаҳои таърихиянд. Мубориза бурдани қаҳрамонҳоро баҳри хушбахтӣ дар повести «Ривояти суғдӣ» хеле ибратбахш аст.

Асари мазкурро муколамаофаринӣ ва баёни гуфтугузор равону хонданӣ намудааст. Хонанда зимни мутолиа бо диалогҳо зуд ба қисса ворид шуда, ҷолибияти онро бештар дарк мекунад. Масалан, ин муколамаи қаҳрамонони асар, Виркан ва Ревахшиёнро дида мебароем:

«Виркан аз шикор баргашт.

Ревахшиён розро ба дилаш ғунҷонида натавониста ба вай гуфт:

– Ҷомашӯйзанак омада буд, гирёну нолон. Духтараш аз кадом як зиногари нокас обистан шудааст.

– Виркан якбора ба ҷои нишастааш безобита шуд, чашмонашро калонтар кушода, сӯи падараш хамида пурсид:

– Обистан?

– Оре, – аз безобита шудани писараш тааҷҷуб карда ҷавоб дод Ревахшиён.

Виркан бархост, хотирпарешон қадаме чанд дар рӯи ҳавлӣ гашт, лаби ҷуй сари ду по нишаста даст шуст, боз хест, мурғони сайдкардаашро аз ҷое ки гузошта буд, бидуни зарурат бардошта ба ҷои дигар гузошт, сипас, баргашта назди падараш нишасту гуфт:

– Ман... падари кӯдак манам...

– Ту? – пирмард ба шунида бовар кардан намехост.

– Оре, ман...

Ту чӣ кор кардӣ, лаънатӣ? – шӯрид Ревахшиён. Агар ин роз ошкор шавад, туро ба дор мекашанд, ӯро сангсор мекунанд.

-– Ором бош, падар. Наниманчаро ба занӣ мегирам. Акнун ту не гуфта наметавонӣ. Кайҳост, ки дӯсташ медорам.

Ревахшиён якбора дам фурӯ баст...» [Улуғзода 2017, с. 10].

Вақте мо ба гуфтугӯи Виркан ва падараш дар ин муколама таваҷҷуҳ кунем, ҳунари нигорандагии С. Улуғзода дар он аён мегардад, ки ӯ бо маҳорати баланд, сабки содаву осон ба таври возеҳ манзараро ба хонанда нишон медиҳад. Ба таври дигар, муколамаофарӣ дар эҷодиёти С. Улуғзода як матни хушк ва гуфтугӯ набуда, мо дар он ҳолат, чигунагӣ, вазъият, ҳолат, аҳвол, шодӣ, хушӣ, нишот, тараб, рӯҳбаландӣ, шӯр, ғамгинӣ, замон, ҳангом, вақтро мебинем. Яъне, муҳовара ба мо як ҳолати зиндаро бозгӯ мекунад. Дар ҷои дигар ин ҳолатро санҷида мебароем:

«Пирамард мегӯяд, ки Виркан бояд ангиштро барои фурӯш ҳарчӣ бисёртар кашонаду пулашро барои тӯи арӯсӣ сарфа кунад.

– Махшераро намегирам, - якбора аз ӯ ҳамчун бачаи аброз карда рӯ тофта гуфт Виркан.

– Намегирӣ? – Ревахшиён бо ҳайрат ба тарафи ӯ хам шуд. – Чаро намегирӣ?

– Як дасти ӯ шаш ангушт дорад, вақҳ овард Виркан. – Ман шунида будам, ки зани шашангуштдор бехосият мешудааст.

Духтари аммаи ӯ воқеан дар дасти росташ ба паҳлуи ангушти хурд ангушти шашум дошт. Виркан то ин вақт аз бехосиятии он даҳон накушода буд. Акнун ин баҳонаи дилхоҳ шуд. Ревахшиён бо қаҳру тамасхур баҳонаи ӯро рад кард. Аз он чи дар умри дарозаш дида буду медонист, мисолҳо оварда исбот кард, ки ҳар кас ангушти шашум ва ё монанди он зиёдатиҳои тани одамиро бехосият гӯяд, нодон ва аблаҳ аст. Аммо Виркан аз қавлаш нагашт:

– Ӯро намехоҳам, – гуфт ва якбора парда аз рӯи рози худ бардошта илова кард: – Наниманчаро хостгорӣ кун...» [Улуғзода 2017, с. 13].

Ҳамин тавр, дар ҳар муколама муаллиф бо ҷаззобияти муҳовараофарӣ матнро ҷолибтару равиши онро сода месозад.

Ҳамин тавр, дар ин қиссаи таърихӣ – бадеӣ, ки як силсила образу характерҳои типие ба монанди Виркан, Наниманча, Ревахшиён, Ёдхишатак маҳз бо маҳорати муколамаофарӣ ва ба ин восита зинда тасвир намудани потретҳои асар, онҳо дар ёди хонанда нақш хоҳанд баст. Лозим ба таъкид аст, дар ҳар саҳифаи повест нависанда аз маҳорати баланди муҳовараофарӣ кор гирифта, ҷолибияти онро бештар намудааст.

Аз асарҳои дигари С. Улуғзода, ки маҳорати муколамаофарии нависандаро бозгӯ мекунад ин романи «Фирдавсӣ» мебошад. Дар романи «Фирдавсӣ» С. Улуғзода масъалаҳои асосии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии замони зиндагии Фирдавсиро тасвир кардааст. Адиб дар ҳама фаслҳои китоб, ба монанди «Хонаводаи деҳнишин», «Шаби эҷод», «Иғво», «Шикоят», «Баҳс бо имом», «Хироҷ», «Адолат чист?», «Вазъи шайх Абулқосим», «Узри ҳоким», «Шаби гирифтани моҳ», «Абу Дулаф», «Ҳусайн Қутайба», «Шоири ноком», «Хонандаи рисолаи мамнӯъ», «Итмоми «Шоҳнома», «Даъват», «Дар Бағдод», «Зиёрати Тоқи Кисро», «Асирон», «Сабаби даъват», «Доғи фарзанд», «Мулоқот бо вазир», «Сафар»... ва ҳама 50 фасли роман, ки дар ду қисмат гирдоварӣ шудаанд, бо муколамаҳои ҷолиб хонандаро якбора ҳам бо ҳаёти сиёсиву таърихии гузаштаи

миллат ва ҳам бо шахсиятҳои илмиву адабии давр рӯ ба рӯ мекунад. Зимнан, ин романи бадеӣ-таърихӣ ҳам чун дигар асарҳои С. Улуғзода аҳаммияти барҷастаи тарбиявӣ ва ватанпарварӣ дошта, махсусан, дар таҳвияти ҳисси худшиносии миллии ҷавонон таъсири муҳим мегузорад.

Романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода соли 1986 таълиф гардида, дорои мазмуни баланди таърихиву бадеист. Ба таъкиди Р. Мусулмонқулов: «Фирдавсӣ» – романи миллист. Аз тасвири воқеа ва кушоиши гиреҳҳо, таҷассуми ақидаву ғояҳои нек, чигунагии образу характерҳо, афту андом, гуфтугӯ ва нишастухези персонажҳо рӯҳи миллии асар ҳувайдост» [Мусулмонқулов 1992, с. 255].

Дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода хонанда бо рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Абулқосим Фирдавсӣ дар давраи заволи давлати Сомониён ошно мегардад. Шуруъ аз фасли «Хонаводаи деҳнишин» хонанда аз муҳити хонаводагии шоир огоҳ мегардад. Нависанда дар ин қисмат аввалан Фирдавсиро дар иҳотаи оила миёни дӯстону ҳамдеҳагони худ ва муҳите, ки шоирро фаро гирифтааст, ба қалам додааст. Нависанда дар қисмат шоир – Фирдавсиро назди зану фарзандонаш чун шахси масъулиятшинос муаррифӣ намуда, ӯро дар саробонии оила як нафари намунавӣ ба тасвир додааст. Хусусан,, нависанда таваҷҷуҳи Фирдавсиро нисбат ба таълиму таҳсили Ҳушанг дар мадраса тасвир намуда, нишон додааст, ки шоир пайваста доир ба атрофиёни фарзандаш ва фориғболӣ зоҳир накардани ӯ нисбати донишомӯзӣ кӯшиш мекунад. Яъне, Фирдавсӣ дар тақдири минбаъдаи фарзандаш ҳамчун падари оиладӯсту фарзандпарвар бетараф нест. Аз ин қисмат хонанда ба Фирдавсӣ чун тарбиятгари оила ошно мешавад. Муҳовараҳои Ҳушанг бо падараш баёнгари он аст, ки Фирдавсӣ аз ҳоли писараш ҳамеша огоҳ будан мехоҳад. Ҳамин аст, ки аз ҳолу аҳволи ӯ ҳамеша пурсон мешавад. Масалан дар ин ҷо:

« – Ҳушанг, мешунавам, ки ту дар шаҳр ба худ рафиқони нав ёфтаӣ ва бо онҳо ҳарифбозӣ мекунӣ, вақти гаронбаҳои таҳсилро зоеъ мекунӣ?

Ҷавон безобита шуда пурсид:

– Кӣ гуфт?

– Гуфтанд ва ман шунидам, - ҷавоб дод падараш.

– Абӯ Дулаф гуфтагист?

– Чӣ, магар аз ҳарифбозии ту Абӯ Дулаф ҳам хабар дорад?

– Маҳмуд хабар кашидагист, – тез шуда ба суол ҷавоб надода гуфт Ҳушанг, - ман даҳони он хабаркашро хок пур мекунам.

– Вале ту ба пурсиши ман посух надодӣ, - бо лаҳни тундтар гуфт Фирдавсӣ.

– Ҳар кас гуфта бошад, дурӯғ гуфтааст, ман ҳарифбозӣ накардаам.

– Дурӯғро ту мегӯӣ, Ҳушанг. Ту алъон аз Абу Дулаф ва Маҳмуд ба хабаркашӣ гумонбар шудӣ, вале агар чизе набошад, онҳо аз чӣ чиз хабар мекашанд? Ҳарчанд ки ту ба пурсиши ман посух надодӣ, бо гумонбар шуданат аз Абу Дулаф ва Маҳмуд ба гуноҳат иқрор кардӣ. Акнун бигӯ, рафиқони нават, ҳарифонат кистанд?

– Шумо онҳоро наме...

– Бигӯ, киҳоянд? – сахтгирона сухани писарашро бурид падар...» [Улуғзода 1988, с. 8-9].

Дар муколама бо шоҳиди гуфтугӯи Фирдавсӣ бо писараш Ҳушанг мегардем. Аз рафти суҳбат мо мебинем, ки Фирдавсӣ аз фориғболӣ ва рафиқбозии фарзандаш нигаронӣ карда, фаҳмидан мехоҳад, ки фарзандаш бо кӣ гуфту гузор мекунад. Ҳамчунин дар ҳамин ҷо образи Фотима, ҳамсари Фирдавсиро ҳамчун зан - модар дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода метавонем мушоҳида кунем.

« – Аз вай озурда нашав, – шавҳарашро тасаллӣ доданӣ шуд Фотима, – ман худ бо вай гуфтугӯ мекунам. Вай гоҳо ҳамин тавр қаҳр мекунад, меситезаду боз зуд ба худ меояд, пушаймон мешавад. Зотан ӯ бачаи баде нест, туро дӯст медорад. Охир, ҷавон аст, хом аст, пухта мешавад.

– Ман медонам, – қаҳрашро фурӯ нишонда гуфт Абулқосим, – вай аз ту зуд-зуд пул мепурсад ва ту медиҳӣ. Дидӣ, пулро ӯ куҷо сарф мекунад?

Вай бархоста ғур-ғуркунон ба боғ, ба ҳуҷраи худ равон шуд» [Улуғзода 1988, с. 10].

Образи Фирдавсӣ дар романи мазкур ба сифати шоири ҳақҷӯ, ростгӯ, ватанпараст, додхоҳ, олиҳиммат, адолатпеша тасвир ёфтааст. Аз ин ҷост, ки С. Улуғзода он ҳама ҳақҷӯй, олиҳимматии Фирдавсиро ба тамом тасвир кардааст. Фирдавсии офаридаи С. Улуғзода бештар барқароркунандаи адолати иҷтимоӣ, тарбияи дурусти фарзанд, таҳкими донишу илмомӯзӣ аст. Ӯ ҳамчун ҳомии адолат ва ахлоқи ҳамидаи инсонист.

Дар фасли «Адолат чист» С. Улуғзода симои Фирдавсиро ҳамчун инсони дурандеш, бамулоҳиза ва нисбат ба халқаш садоқатманду дилсӯз нишон додааст. Шароити тоқатфарсои зиндагӣ ва муносибати ғайриинсонии муҳити дарбор Фирдавсиро ба андеша водор мекунад ва ӯ роҳи ягонаи муборизаро ба онҳо дар донистани таъриху дониши баланд мебинад:

« – Биёед, биншинед, – гуфт Волонасаб ва донишманд будани Фирдавсиро ба вай гуфта буданд, бинобар ин аз дурушти кардан бо вай худдорӣ намуд.

Шоир дар рӯбарӯи ҳоким нишаст.

– Шумо шоиред... Олим ҳам ҳастед?

– Бале, – гуфт шоир.

– Барои кӣ назм мекунед? Сила кӣ медиҳад?

– Ҳеҷ кас.

– Пас ройгон менависед?

Шоир ба ин суол ҳам ҷавоб надода сукут кард. Меҳрон аз таи болишт «нома»-ро баровард.

– Шумо ин ашъорро ба чӣ мақсад ба мо фиристодед?

– Хостам огоҳӣ диҳам, ки дар қадим шоҳон ва ҳокимони додгар буданд, ба раиятҳо ҷабру ситамро раво намедиданд, – ҷавоб гуфт Фирдавсӣ.

– Инро мо ҳам медонем. Хостед моро панд хонед! Таълим диҳед?

– Корҳои некон, родмардони гузашта ҳама панд аст барои пасояндагон...»[Улуғзода 1988, с. 34].

Дар муколама гап сари он меравад, ки волӣ ва сипаҳсолор Абуалии Симҷӯрӣ ба воситаи ҷосусони махфии худ хабар меёбад, ки ҳокими Тӯс

Абдулқодири Меҳрон ба воситаи мусодираҳо ва ҳар гуна даромадҳояш пинҳонӣ хазинаи шахсие гирд овардааст. Абуалии Симҷӯрӣ бо Абдулқодири Меҳрон вохӯрӣ баргузор намуда, ҷанги дар пешомадаро баҳона карда, ба Абдулқодири Меҳрон амр медиҳад, ки ҳазор-ҳазор дирам ба хазинаи Абуалии Симҷӯрӣ супорад. Ҳамин амр боиси норозигии мардум ва сабаби ба назди Абдулқодири Меҳрон рафтани Фирдавсӣ ва аз хусуси адолат пеша карданаш дар дорулҳукума мегардад. Ба ибораи дигар гӯем, дар ин маврид Фирдавсии С.Улуғзода ҳамчун шахси адолатпеша ба тасвир омадааст. Дар идома сухандонӣ, ҷасорат ва донишмандии Фирдавӣ боис мешавад, ки ҳоким нисфи хироҷи гирифташударо пас диҳад:

« – Мо ба вакил мефармоем, – суханашро давом дод ҳоким, – нисфи хироҷи ситонидашударо ба шумо пас бидиҳад. Гумон мекунам, ки бақияи он барои шумо чандон гарон нахоҳад буд.

– Ба соҳиб сипос мегузорам, – гуфт шоир, – аммо мехостам бидонам, ки оё ин адолат ба ҳамаи хироҷгузорон аст ё фақат ба ман?

– Алъон сухан дар бораи шумост, – ҷавоб дод ҳоким.

– Эътиқоди ман бар он аст, ки – гуфт Фирдавсӣ, – агар ситам ба чандин кас рафта бошаду адолат танҳо ба яке аз онҳо карда шавад, онро адолат наметавон гуфт.

– Наметавон гуфт? Адолат ба як нафар – адолат нест? – бо лаҳни тунд суол дод Меҳрон.

– Адолати ҳақиқӣ он аст, ки аз вай ҳамаи ҷабрдидагон баҳра бардоранд, - ҷавоб гардонд шоир. Ва илова кард: – Аз ин гузашта ин адолати шумо, ки ба ман мекунед, албатта, бори хироҷи маро сабуктар мекунад, вале бори гарони маломат бар ман мениҳад: маломат аз ҷониби ҷабрдидагони дигар. Охир, онҳо чӣ хоҳанд гуфт? Хоҳанд гуфт, ки Фирдавсӣ шояд ба ҳоким ришва дода ё ҳатто ӯро ҷудо карда бошад, ки хироҷашро кам кунонд. Ин магар фақат ба шаъни ман, балки ба шаъни шумо ҳам иҳонат намешавад. Маъзур доред, ман ин «адолат»-и шуморо қабул карда наметавонам…

Шоир медид, ки ҳоким дармонд ва намедонад чӣ ҷавоб гӯяд» [Улуғзода 1988, с. 36-37].

Ҳамин тавр, Фирдавсӣ чун шахси адолатпеша на танҳо барои хеш, балки мехоҳад, ки адолатро барои тамоми мардум ҷорӣ намояд. Ҳамин аст, ки дар ҳар шароит ҳозир аст, ки бо ҳоким нисбати бедодиҳо, ноадолатиҳо ва ғасби молу мулки мардум баҳс ороядуҳаққи мардумро талаб кунад.

Асари безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» воқеаҳои замони гузаштаро ба хотири раҳнамоӣ дар ҳалли масъалаҳои имрӯзу фардо бо сухани мавзун матраҳ намудааст. Хидмати С. Улуғзода дар таълифи «Фирдавсӣ» бошад, дар он аст, ки бузургии Фирдавсиро ба мо собит намуд. Дар ин асар мо ба шахсияти Фирдавсӣ, мақому ҷойгоҳи ӯ дар таърих ва фарҳанг ошно мешавем. Ба таъкиди профессор Х.Асозода «С. Улуғзода Фирдавсиро ба сифати муҳаққиқи варзидае, ки метавонад бо аҳли илму фарҳанг баҳсҳои илмӣ дошта бошад ба тасвир мегирад. Дар айни замон, адиб аз мулоҳизаву муҳокимаҳои таҳлилгароёна бархӯрдор будани Фирдавсиро дар мадди назар дорад. Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ дар қалами С. Улуғзода бештар ба чеҳраи илмӣ табдил ёфта, посухҳояш ҳам ҷанбаи илмӣ пайдо кардаанд» [Асозода 2000, с. 57].

Мо аз таърихи таълифи «Шоҳнома» медонем, ки муҳити носолими дарбор, носипосиву дасисакории шоирони маддоҳ аз қабили Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ нисбат ба меҳнати Фирдавсӣ боиси беқадрии шоҳасари ӯ гардида буд. С. Улуғзода ҳамин масъаларо дар романи «Фирдавсӣ» дар фасли «Баҳс бо Фаррухӣ» зимни мусоҳибаи Фирдавсиву Фаррухӣ нишон додааст. Муколамаи Фирдавсӣ бо Фаррухӣ ҷолиби диққат аст:

«Фаррухӣ ба сухани Фирдавсӣ табассуми кибромезе карду гуфт:

– Шоир бо ҳунари расои хеш ба дарбор роҳ меёбад, камҳунар ҳаргиз шоири дарбор намешавад. – ӯ ба ҳариф фурсати даҳон кушодан надода, қудрати пайдошударо рафъ карданӣ шуда, ба суханаш идома дод: – Гумонам ки шумо аз банда ранҷидед, вале банда шуморо ҳеҷ нияти ранҷонидан надоштам, истеъдоду қареҳаи офаридгори «Шоҳнома» ба мо мусаллам ва эҳтирому бузургдошти шумо

ба ҳамаи мо воҷиб. – Гӯянда боз ба лаҳни таънаомез гузашт: – Аммо, рост бигӯям, устод, чаро шумо ин ҳама истеъдоди беназирро сарфи фасонаҳои куҳан сохтед, як бор ҳам ба дарбори султон наомадед ва мадҳи ӯ нагуфтед, магар султони муаззами кишваркушой, динпаноҳи кофиркуш, адолатпеша ва раиятпарвар сазовори он нест, ки шоирон бо ҷону дил мадҳаш гӯянд, вассофаш бошанд, чокараш бошанд ва камтарин лутфу марҳаматашро тоҷи сар бикунанд? Банда якчанд мадеҳаи шуморо, ки дар «Шоҳнома» ба султон гуфтаед, хондам, маълумам шуд, ки шумо дар мадеҳа гуфтан сабки хосе доштаед ва алҳақ устод будаед.

– Чун «Шоҳнома»-ро ба номи султон кардам, мадеҳае чанд ба он зам карданам лозим буд, – гуфт Фирдавсӣ ва баъд аз сукути кутоҳе суханашро давом дод: – Чун тааммули айёми гузашта кардам, донистам, ки он чи шумо «фасонаҳои куҳан» мегӯед, пур аз панду ҳикматанд, ибратомӯзанд. Одамӣ бояд ниёгони хешро бишносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва ба ҷаҳон баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳнатдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва некхоҳӣ биёмӯзад. Аз ин рӯ, банда бостоннома нигоштанро аз мадеҳасароӣ авло донистам, агарчӣ ҳосили ин шуғл ба ҷуз бечорагиву бенавоӣ нест. Инро беҳ аз он донистам, ки суханро фақат сарфи мадҳу сано бикунам» [Улуғзода 1988, с. 152-153].

Мо дар ин қисмат сабру шикебоӣ ва таҳаммули фозилонаи Фирдавсиро дар баробари Фаррухӣ шоҳид мешавам. Ҳама хислатҳоро С. Улуғзода дар тамоми фаслҳои асар ба Фирдавсӣ нисбат медиҳад. Аз фаслҳои аввал С. Улуғзода бо самимият фазилатҳои Фирдавсиро чун донишманд, мутафаккир ва эътиқодманди ҳикмати Аҷам ба хонанда маълум менамояд. Фирдавсӣ ба хотири нигоҳ доштану зинда гардонидани таъриху фарҳанг ва дифоъ намудани расму ойинҳои ниёгони хеш бо ҳама гуна шахсиятҳои сиёсӣ ва чеҳраҳои фарҳангиву динии давр баҳсҳо намуда, устуворияти худро нишон додааст. Ҳамин маънӣ зимни муколамаи султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ хеле хуб таъкид ёфтааст.

«Тӯсӣ ҳастӣ? – суоли нахустини вай аз шоир чунин буд.

Фирдавсӣ ба аломати тасдиқ боз нимтаъзим кард.

«Медонад, ки тӯсиам, чаро мепурсад?» – тааҷҷуб кард Фирдавсӣ. Ӯ чун шунида буд, ки султон мардуми Тӯсро шиаҳои ботинию қарматӣ меномад ва бад мебинад, аз суоли ӯ фоли бад гирифт:

«Аҷаб нест бо ман дурушти кунад».

– Таърихи мулукро сиюпанҷ сол назм кардаӣ? – боз сӯи Султон. – Хело боҳавсала будаӣ... Чанд байт?

– Шаст ҳазор.

«Шаст ҳазор», - зери лаб такрор кард султон ва боз пурсид. – Китобе ба ин миқдор дар Аҷам боз ҳаст?

– То кунун ба назари банда нарасидааст, - ҷавоб дод Фирдавсӣ.

– Дар Араб?

– Девонҳои шуарои араб ҳастанд, вале банда аз эшон девоне беш аз сӣ ҳазор байт надидам.

– Аз назм кардани «Шоҳнома» мақсудат чӣ будааст? Аз шоҳон силаи фаровон гирифтан ва тавонгар шудан?

– На, аълоҳазрат, мақсудам танҳо ин набуд. Албатта, чунин умедам низ буд, ки зеро дар пирӣ бениёзӣ биёбам, аммо мақсади умда – ба лутфу иноятi худовандӣ таърихи мулук ва осор ва ҳикмати Аҷамро зинда гардонидан буд бо гуфтори сара ва дилпазир агар тавонам, то дар ҷаҳон аз худ ёдгоре боқӣ гузошта бошам» [Улуғзода 1988, с. 187].

Ё дар ҷойи дигар:

« – Хуб, ҳарчанд ки ту «Шоҳнома»-ро устодона нигоштаӣ ва суханат олист, вале ҳар чӣ нигоштаӣ, фасона аст, ҳадиси куҳан аст, Рустамҳо, Геву Тӯсҳоро ту имрӯз дар сипоҳи ман бубин! Ё магар ман худ аз Ҷамшеду Кисро, аз Фаридуну Ковуси Кай камтарам? Ман дар даҳ ҷиҳод пирӯз шудам, боре ҳам мағлуб нашудам; дар наздикии ватани ту бар солорони номдори замон Симҷурӣ ва Фоиқ зафар ёфтам, сипоҳи Насри қарохониро дарҳам шикастам ва аз Хуросон берун кардам? Ғарчистон ва Систон ва Ғурро тасхир кардам, чаҳор бор ба Ҳиндустон лашкар бурда, роҷаҳои қавишавкат ва дорои садҳазорон сипоҳу филони ҷангиро

ба итоат овардам ва боз бад он сӯ лашкар хоҳам кашид, то вақте ки тамоми Ҳиндустон мусаххари ман шавад. Дар бораи ин ҳама ҷиҳоду зафарҳои ман даҳ «Шоҳнома» метавон навишт.

– Шоҳам, агар гуфтори банда беҷост, аз карами ҳумоюнӣ бахшоиш мехоҳам. Дар «Шоҳнома» агарчи сухан аз бостонзамон меравад, онро ҳадиси куҳан ё фасонаи куҳан наметавон гуфт. Дар ҷаҳон чизҳое ҳастанд, ки куҳна шудан надоранд; панду ҳикмат, андарз ва ибрате, ки аз пешиниён ба пасояндагон мерасанд, ҳамеша наванд. Ҳар чӣ дар он рӯзгорон аз ниёгони мо ба зуҳур омадааст, хоҳ нек ва хоҳ бад, хоҳ савоб ва хоҳ хато, ҳама пандомӯз аст. Бузургон гуфтаанд, ки таърих дониш мефизояд ва панду ибрат парварандаи хирад аст. Банда бо ҳамин эътиқод ранҷи сиюпанҷсоларо таҳаммул карда, «Шоҳнома» нигоштам» [Улуғзода 1988, с. 192].

С. Улуғзода тавассути воситаҳои гуногуни тасвир хислату характери образҳояшро офарида, аз ҷумла ҳангоми муколамаи персонажҳо, махсусан дар нутқи қаҳрамони марказӣ – Фирдавсӣ аз калимаву ибораҳое истифода намудааст, ки ҳангоми гуфтугӯ ба кадом табақаи ҷамъиятӣ мансуб будани ҳамсуҳбаташ маълум мегардад. Р. Мусулмонқулов қайд мекунад, ки «Фирдавсӣ дар тасвири С. Улуғзода ҳам дар ҳузури ҷомеа сухан мекунад, ҳам бо мусоҳиби танҳо гап мезанад, ҳам худ ба худ андеша меронад. Тафовут дар ин аст, ки сухани гуфтугӯӣ мувофиқи моҳияти образи мусоҳиб сурат мебандад, яъне ҳамсуҳбат агар аҳли дарбор бошад, сухан оҳанги такаллуфи пурмаънӣ дарбар мекунад, агар аҳли фазл бошад, калимаю таъбирҳои гаронмояи адабии нисбатан нодир бештар истифода мешаванд, агар авому аҳли ҳирфат бошад, гуфтугӯ одию муқаррарӣ мегардад» [Мусулмонқулов 1992, с. 278].

Хулоса, аз диалогҳо ва мушовараву мусоҳибаҳои дар матни бадеӣ офаридаи С.Улуғзода маълуму равшан мегардад, ки адиби хушлаҳҷа ва соҳибқалам дар ин соҳа маҳорати баланди нигорандагӣ нишон дода, ҷиҳати табиӣ баромадани суҳбату диалогҳои персонажҳои роман ба муваффақият ноил гардидааст ва нигоштаҳои ӯ барои ҳар як хонанда муассиру ҷаззоб, ҷолибу дилписанд буда,

воқеияти таърихиро нависанда басо муваффақона ва ҳадафмандона ироа намудааст.

Аз таҳлилҳои дар боби мазкур суратгирифта метавон ба ин хулоса ва натиҷагирӣ расид, ки Сотим Улуғзода дар коргоҳи эҷодиёти худ махсусиятҳо ва вижагиҳои фарққунандаро истифода намуда, дар адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи алоҳида касб кардааст. Ҳунари махсуси эҷодии С. Улуғзода ҷойгоҳи ӯро дар насри муосири тоҷик дар радифи нависандаҳои забардаст гузошдааст.

Бо назардошти таҳлилҳои боло ҳаминро метавон хулоса кард, ки насри Сотим Улуғзода вижагиҳои хосси худро дорост. Аз ҷумла, зимни таҳқиқ ва барассӣ дақиқ гардид, ки Сотим Улуғзода дар асарҳои хеш бештар матни таърихӣ-воқеиро корбаст намудааст. Тасвири воқеияти таърихӣ бидуни таҳриф ва барҷастанамоии қаҳрамони асар, забони равон, сода, инъикоси падидаҳои муосири насрӣ, ҷаззобияти тасвир, ба қалам додани мансабҳои таърихӣ ва мақоми давлатӣ мутобиқ ба замон дар адабиёти муосири тоҷик аз вижагиҳои насри мавсуф мебошад.

Дигар муваффақияти С. Улуғзода, ин ҳунари портретофарии ӯст. Масъалаи асосии адабиёт ин таҳлили инсон аст. Тасвири зоҳир ва ботини инсон ду паҳлуи як мафҳум мебошанд. Хусусиятҳои сасосии абки эҷодӣ ва потретофарии С. Улуғзода дар муъҷазбаёнӣ ва тасвири зиндаи қаҳрамон мебошад, ки дар якҷоягӣ ҳамдигарро пурра мекунанд. Ин услуби муҷазбаёнии нависанда ҳангоми офаридани портрети персонажҳои мусбату манфии асарҳояш айён гаштааст. Зимни портретофарӣ С. Улуғзода дар тасвири қиёфаи зоҳирии персонажҳояш аҳаммияти махсус додааст. Ҳамчунин, С. Улуғзода дар потретҳои офаридааш кӯшиш намудааст, ки муҳимтарин рафтору хислати персонажҳои худро ба хонанда ошкор намояд. Маҳорати баланди образофаринии С. Улуғзода дар тасвири бомаҳорати ӯст, ки мо аз ин тасвирҳо намояндаи кадом табақаи ҷамъиятӣ будани образро муйян мекунем.

Дигар махсусияте, ки мавқеи С. Улуғзодаро дар адабиёти муосири тоҷик барҷаста намудааст, ин ҳунари муколамаофарии ӯст. Дар асарҳои С. Улуғзода ба

воситаи муколамасозӣ ва муколамаофаринӣ ба маҳорати волои нависандагии муаллиф ошно мешавем ва дар тасвироти ӯ характери персонжаҳо ба таври равшан намудор мегарданд. Муколама дар қиссаву романҳои Сотим Улуғзода омили асосии камолоти маънавии персонажҳои асарҳояш гардидааст. Аз муколамаҳо ва мушовараву мусоҳибаҳои офаридаи С. Улуғзода бармеояд, ки адиб дар ин ҷода маҳорати баланди нигорандагӣ нишон дода, барои табиӣ баромадани суҳбату муколамаҳои персонажҳои роман ба муваффақият ноил гардидааст. Нигоштаҳои ӯ барои ҳар як хонанда муассир, ҷаззоб, ҷолибу дилписанд буда, воқеияти таърихиро нависанда басо муваффақона ва ҳадафмандона ироа намудааст.

БОБИ II
ПРИНСИПИ ТАЪРИХИЯТ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

2.1. Чеҳраҳои таърихӣ дар повести «Ривояти суғдӣ»

Халқи тоҷик таъриху фарҳанги куҳанбунёд дошта, гузаштагони он дар инкишофу пешрафти тамаддуни халқу миллатҳои дигар низ саҳми назаррас гузоштаанд. Пӯшида нест, ки таъриху фарҳанги қадимӣ ва мероси адабии ин халқи куҳанбунёд шуҳрати ҷаҳонӣ дошта, чеҳраҳои шинохтае, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсор ба дунё овардааст, ки осори онҳо боиси ифтихори насли муосир гардидаанд.

Адибони маъруфи тоҷик, ки зикрашон рафт, дар осори манзуму мансури худ ҳодисаю воқеаҳои муҳимми сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии даврахои гуногуни ҳаёти халқи азияткашидаи тоҷику форсро инъикос намуда, ғояҳои баланди инсондӯстӣ, меҳнатдӯстию ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ барин хислатҳои поку начиби инсониро тарғиб намудаанд.

Дар офаридани чеҳраҳои адабӣ-фарҳангӣ баъд аз устод Айнӣ дар ин кори бошараф дар нимаи дуюми адабиёти асри ХХ-и тоҷик саҳми Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода зиёд мебошад. Сотим Улуғзода ба омӯзишу таҳқиқи рӯзгору осор, мактаби илмию адабӣ, муҳит ва замони зиндагии бузургтарин чеҳраҳои тоҷику форс – Абуабдуллоҳ Рӯдакию Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Аҳмади Дониш камар баста, оид ба эҷодиёт ва саҳифаи зиндагии онҳо чи дар тазкираи

дастҷамъонаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) ва чи дар асарҳои илмию бадеӣ мулоҳизаҳояшро баён намудааст.

Ҳамчунин, дар ин замина дар шакли бадеӣ як зумра қаҳрамонони таърихиро ба миллат ошно намудааст. Нависанда сабаби рӯй овардани худро ба ҳаёту фаъолияти ин мутафаккирон ва тасвири чеҳраҳои таърихӣ чунин баён намудааст: «Мақсад аз рӯй овардан ба таърих, ба таври бадеӣ таърихи халқамонро дарк кардан, бузургони гуманист ва тараққихоҳи гузаштаамонро, ки ифтихори миллии моро ташкил мекунанд, ба халқамон аз тариқи дил ва ҳис, ҳамон тавре ки ман шинохтаам, шиносонидан аст… Дар таърих ва дар фаъолияти арбобҳои тараққипарвари он басе нуктаҳо, ҳикматҳо, таълимҳо, пандҳо ҳастанд, ки барои замони мо ҳам қиматашонро гум накардаанд» [Улуғзода 1988, с. 3].

Бо боварӣ метавон гуфт, ки С. Улуғзода яке аз симоҳои маъруфи собиқ адабиёти шӯравии тоҷик аст, ки дар инкишофи насри бадеии таърихӣ, махсусан, драмаҳои таърихӣ-тарҷумаиҳолӣ ҳиссаи босазое гузоштааст. «Таҳқиқотҳои олимона, назари дақиқона ба ҳақиқати ҳаёт дар силсилаи драмаҳои таърихию тарҷумаиҳолии драматург бо камоли равшанӣ ва вусъати том зоҳир мегардад. Улуғзодаро метавон ҳақдорона бунёдгузори ин жанри нав дар драматургияи тоҷик номид» [Улуғзода 1984, с. 376]. Матлаби сухан ин, ки ҳодисаю воқеаҳо ва рӯйдодҳои охири асри XIX низ аз диди таҳқиқгаронаи С. Улуғзода берун намондаанд.

Хусусияти дигари эҷодиёти С. Улуғзода ин аст, ки дар асарҳои ӯ мо қаҳрамононро дар ҳар давра дида метавонем. Яъне, вақте мо ба таърихияти эҷоди С. Улуғзода рӯ оварем, мебинем, ки дар он ҷо қаҳрамонон вобаста ба вақту замонҳои мухталиф ба насри бадеӣ ворид шудаанд. Аз ҷумла, дар повести «Ривояти суғдӣ», ки чун асари таърихӣ инъикоскунандаи ҷавонмардӣ ва қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик мебошад, қаҳрамонҳои асар суғдиён мебошанд, ки бар зидди зулму истибдоди арабҳои ғосиб ҷангидаанд. Мубориза бурдани қаҳрамонҳо баҳри хушбахтӣ дар повести «Ривояти суғдӣ» хеле ибратбахш аст. «Дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» тақдири пешгузаштагони мо дар

асрҳои VII-IX, то давраи ташаккули халқи тоҷикро, бо тамоми бурду бохташ, воқеъбинона нишон додааст» [Эмомалӣ С. 2020, с. 56].

Дар баробари тахайюл ва типҳое, ки нависандаҳо дар асарҳояшон меофаранд, дар эҷодиёти С. Улуғзода шоҳид мегардем, ки қаҳрамонони таърихӣ одатан чеҳраҳои бевоситаи таърихӣ буда, дар фарҳангу тамаддуни тоҷик ҷанбаи реалӣ доранд. Аз ҷумла, тасвири қисме аз қаҳрамонҳо дар повести «Ривояти суғдӣ» ҳамин ҷанбаро доро мебошанд. Чуноне муҳаққиқ Сироҷиддини Эмомалӣ гуфтааст: «Сотим Улуғзода бо осори таърихии худ дар насри тоҷик ҷараёни нави муносибати адибонро ба воқеаҳои таърихӣ тарҳрезӣ карда, бо ҳамин ҷанбаи миллӣ ва маърифатии насри таърихии тоҷикро тақвият бахшид. Асарҳои таърихии нависанда, чи хеле ки аз муҳтавои қиссаи «Ривояти суғдӣ» бармеояд, дар офариниши воқеии симоҳои таърихӣ саҳми муносиб мегиранд, инчунин як давраи томи таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷикро басо асоснок ва боварибахш ба хонанда пешкаш менамоянд» [Улуғзода 2020, с. 56].

Офаридани потрети реалӣ аз нависанда маҳорати баланди тасвир ва дониши амиқро талаб мекунад. Хусусан,, дар сурати тасвири қаҳрамонҳои таърихӣ эҷодкор бояд қаҳрамони худро аз диди таърихӣ пурра шиносад ва вобаста ба воқеа ва ҳодисаҳои замон дониши амиқи илмӣ низ дошта бошад. Ҳамчунин, барои ба таври реалӣ бо қаҳрамон ошно шудан, аз сарчашмаҳо, маъхазҳои таърихӣ ва маълумотҳои вобаста ба қаҳрамон ва мавзуи тасвиршаванда эҷодкор бояд огоҳӣ дошта бошад.

Муваффақияти тасвири қаҳрамонҳои таърихӣ аз ҷониби нависанда С. Улуғзода низ маҳз дар он аст, ки ӯ қаҳрамононашро хуб мешиносад. Аз кору фаъолият, рӯзу рӯзгор ва хӯву хислаташон огоҳии комил дорад. Масалан, мо дар романи «Фирдавсӣ» Фирдавсиеро мебинем, ки донишманд, ботамкин, илмдӯст ва мураббӣ мебошад. Дар романи «Восеъ» як тоҷики асилеро мебинем, ки бо матонату ҷавонмардӣ, шуҷоату ғайрат бар зидди бекҳои Балҷувон шӯриш мебардорад. Дар дигар асарҳои С. Улуғзода низ ҳамин махсусиятро метавон ба инобат гирифт.

Дар романи «Восеъ» ва повести «Ривояти суғдӣ» услуби дигари эҷоди нависандаро метавон мушоҳида кунем. «Агар дар осори драмматургии адиб дар маркази диққати нависанда чеҳраҳои барҷастаю намоёни фарҳангию таърихии замон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Аҳмади Дониш қарор гирифта бошад, дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» дар мадди назари С. Улуғзода як намояндаи мардуми одӣ – Виркан меистад, ки ин ҳам бошад, маҳсули тахайюли нависанда аст» [Эмомалӣ С. 2020, с. 57].

Чуноне қайд намудем, С. Улуғзода қаҳрамонони худро дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба тасвир гирифтааст. Пеш аз истилои араб, баъд аз зуҳури ислом ва давраи нави ба мо наздик. Вобаста ба ҳар даврае, ки С. Улуғзода асар эҷод намудааст ва қаҳрамонони худро интихоб кардааст, жарф ба забону фарҳанг ва урфу одати ҳамон давра ворид шуда, эҷоди худро обуранг додааст. Дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» маҳорати баланди тахайюлофарӣ ва дидгоҳи махсуси адибро метавон дид. Чун дар ин асар «нависанда қаҳрамони асосиро аз байни мардуми одии гумном интихоб намуда, тақдири оммаи меҳнаткашро дар як давраҳои пурдаҳшати таърих ба мулоҳиза гирифтааст» [Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 3, с. 146].

Дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» як гурӯҳ қаҳрамонон, аз ҷумла, Виркан, Наниманча, Нуфарн, Ревахшиён, Молик ибн-ур-Райб, Ёдхишетак, Саид бинни Усмон, Хотун, Вғашфарн, Шеркавич ва дигарон ёд мешаванд. Адиб бо тасвири қаҳрамонони мазкур қиссаи ҷолиби ҷавони шуҷои суғдиро офарида, дар он ба хонанда дар баробари шуҷоату мардонагии қаҳрамонон маълумоти васеи теърихиро дар тасвири бадеӣ пешниҳод мекунад.

Албатта, ҳама қаҳрамонони асар дар мавқеъ ва образи худ нақши муҳим доранд. Нависанда бо тасвири онҳо ба қисса обуранги хуби бадеӣ додааст. Дар баробари тахайюли бойи адиб мо дар асар чанд қаҳрамонеро мебинем, ки саргузашти таърихӣ дошта, аз ҳақиқат сарчашма мегиранд. Аз ҷумла маликаи Бухоро – Хотун, писари ӯ Туғшода, роҳзани ашаддӣ Молик ибн-ур-Райб,

Убайдулло ибни Зиёд ва Саид ибни Усмон дар асар аз шумори қаҳрамонони асосӣ ба шумор рафта, саргузашти онҳо заминаи воқеии таърихиро дорост.

С. Улуғзода дар повести «Ривояти суғдӣ» дар ҳаҷми нисбатан хурд ҳам бошад, тақдири қаҳрамони худро аз аввал то ба охир пурра ба тасвир фаро гирифта, моҳияти аслии образҳоро ба хонанда маълум менамояд.

Нависанда дар тасвири қаҳрамонҳои худ хеле муваффақ аст. Тасвири маҳорату шуҷоати ҷавони суғдӣ, Виркан, ғайрат ва ҷасорати маликаи Бухоро Хотун, ноҷавонмардиҳои Саид бинни Усмон нисбат ба бонуи Бухоро ва фиребу найранг ва роҳзаниҳои Молик ибн-ур-Райб метавонанд, нақши марказиро дар асар доро бошанд.

Дар бораи Виркан, қаҳрамони марказии асар сарчашма ва санади дақиқ мавҷуд нест, ки ӯ воқеан дар таърих, дар замони тохтутози арабҳо зиндагӣ карда бошад. Мо низ доир ба ин персонажи асар маълумоти дақиқи илмӣ - таърихӣ пайдо карда натавонистем. Вале ба таъкиди баъзе олимон, ҷавоне аз Суғд, паҳлавон, ҷасур ва танӯманд дар лашкари Самарқанд бар зидди Саид ибни Усмон разм мекард. Дар маъхазҳои таърихе, ки М.Исоматов доир ба саҳнаҳои овардаи С. Улуғзода ҷамоварӣ намудааст, мо метавонем доир ба ин ҷавон маълумоти таърихӣ пайдо намоем: «Дар аснои муқотала муборизе аз лашкари Самарқанд берун омад, бар аспи зард нишаста ҷавлон менамуд ва мубориз мехост. Аз лашкари Саид касе рағбат накард, ки дар муқобили ӯ равад. Аз ӯ метарсиданд.

Молик ибн-ур-Райб пурсид:

– Ин марде, ки дар майдон омада чӣ мегӯяд?

Гуфтанд: – Мубориз мехоҳад.

Гуфт: – Ҳеҷ кас аз шумо нест, ки пеши ӯ шавад ва бо ӯ ҷанг кунад?

Гуфтанд: – Ҳамагон аз ӯ метарсанд ва касеро заҳраи он нест, ки бо ӯ (ба) муборизат берун шавад.

Молик гуфт: – Ин айби бузург аст.

Яке аз ёрон гуфт: – Туро рағбат меафтад, ки берун равӣ ва бо ӯ ҷанг кунӣ?

Гуфт: – Бале.

Пас аспро тозиёна зада дар майдон тохт ва бар он муборизи суғдӣ ҳамла кард. Ҳар ду бо найза оғози ҷанг ниҳоданд. Муборизи суғдӣ найза бизад, ки бар кӯҳаи зини Молик омад, зин бишкаст ва Молик аз асп биафтод, дарҳол барҷаст ва бо найза муборизи суғдиро аз асп биандохт. Суғдӣ хост, ки бархезад, Молик дардавид ва хештан бар ӯ андохт ва ӯро баргирифт ва бидавид то ӯро пеши Саид оварда бар замин андохт» [Исоматов 2002, с. 114].

Дар тору пуди повест факт, ривоятҳо, лаҳзаҳо, далелу арқом, лавҳаю манзараҳои таърихӣ, характеристикаҳо, санаднокии иҷтимоию сиёсӣ бештар вомехӯранд ва нависанда бисёр мавридҳо тафаккури бадеии таърихӣ ва тасаввури халқро дар тасвир нигоҳ доштааст. Яъне дар қисса аксари далелҳое, ки аз ҳаёти Суғди тоисломӣ ва давраи бархӯрдҳои аввали арабҳою суғдиён оварда мешавад, заминаи таърихӣ доранд. «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзодаро чун ойинаи воқеаҳои бархӯрди аввали арабу суғдиён шуморидан мумкин аст [Исоматов 2002, с. 101].

Нависанда дар асар қаҳрамонони таърихиро ба суҳбати хонанда даъват мекунад. Аз ҳамин зовия метавон гуфт, ки ҳама саҳнаҳое, ки аз рӯзгори Виркан ва дигар персонажҳои асар оварда шудаанд, ҷанбаи воқеии таърихӣ дошта, бо мурури замон муҳтавои асотирӣ гирифтаанд. Вале жарф ва дақиқ таҳқиқ намоем, ҳама саҳнаҳои овардашуда баргирифта аз фарҳанги қадими суғдиён, урфу одат ва анъанаҳои неки аҷдодони тоҷикон маншаъ мегиранд.

Мо аз шуруи қисса аллакай дарк мекунем, ки Виркан воқеан чун қаҳрамони таърихӣ ва ҷавони ҷасури суғдӣ дар ҳимояи халқи худ дар ҳама ҳолат саҳми бориз гузоштааст: «Яке аз чокарон, марди сисолаи тануманд, шонафарох, ришсияҳ, ҷавшан дар бар ва кулахурди мисин бар сар, савори аспи саманди қашқа, бо нахустин ҳамла ду роҳзанро аз асп фурӯ ғалтонд ва найзаи савуминро бо як зарбаи шамшери дарозаш шикаст. Аз як роҳзани захмхӯрда ҳангоми ғалтидани ӯ шамшерашро рабуда, бо ду шамшер бо ду даст бар чапу рост ва пасу пеш задан гирифт.

Ин мард сарҳанги чокарон буд, Виркан ном дошт. Ғуломи бозаргони бухорӣ Нӯфарн» [Улуғзода 2017, с. 4].

Хонанда аллакай дар ин тасвир аз ҷасорату шуҷоати Виркан пай мебарад. Истифодаи вожаҳои «тануманд», «шонафарох» ва «ришсияҳ» ишора ба қувваю бозӯи Виркан аст.

Дар идома С. Улуғзода ба хонанда қаҳрамони манфии асар Молик ибн-ур-Райбро ба тасвир мекашад ва ба ин баҳона ба таърихияти қаҳрамонон ва хати сужаи асар ишора мекунад:

«Яке аз роҳзанон, ҳамчунин ҷавшану кулоҳдор буд, ба Виркан дарафтид. Виркан араби миёнсоли зеботалъат ва хушсавлатеро дар баробари худ дид, ки ба гумон саркардаи роҳзанон буд, ришу бурути кӯтоҳи базеб, чашмони калони сиёҳи шарорафишон дошт, аз ваҷоҳаташ шуҷоат меборид. «Шояд Молик ибн-ур-Райб ҳамин мард бошад», - ба дил гузаронд Виркан, зеро корвониён дар Мадина шунида буданд, ки дар он тарафҳо роҳзани бебоке, Молик ибн-ур-Райб буд.

Дуяшон бо ниҳояти тундӣ ва шиддат шамшерзанӣ карданд.

Ба зудӣ дасту гардан, китфу ронҳои ҳар ду хунин гашт. Араб дар ҳоли чорхези аспи тозиаш ба чапу рост чандон мехамид, ки сараш қариб ба замин мерасид ва таги асп ба шиками аспи ҳариф ё ба пои савори он шамшер задани мешуд, ҳам гоҳо болои зин рост истода ҳамла меовард. Воқеан ҷангисавори пурҳунаре буд» [Улуғзода 2017, с. 4].

Падари Виркан Ревахшиён дар Самарқанд баъди аз кишвари туркон баргаштан ба деҳқонию боғдорӣ машғул буд. Вале писари ягонаи ӯ Виркан чун ҷавони чобуку ҳушёр ба корҳои падар одат накарда, дар руҳияи паҳлавонӣ ба воя расид. Чуноне нависанда дар тасвири ӯ меорад: «Фарзанди даштҳои бекарон ва кӯҳҳои баланд Виркан ба деҳқонию боғдорӣ одат накард, ҳавасаш ба асп ва камон буду бас. Аспе дошт саманди қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум, ки ба вай Рахши пасин ном ниҳода буд, яъне рахши пешин аспи Рустами Дастон аст ва ин пас аз вай. Ҷавон ҳар гоҳ, ки ба Рахши пасин менишаст, худро шаҳсавори ҷаҳон ҳис мекард. Ба он асп ба шикор мерафт, чавгонбозӣ мекард (чавгонбозӣ дилписандтарин бозии ҷавонони Суғд буд), ки дар маъракаҳо

савора гӯштӣ мегирифт. Дар ду бозии охир аксаран ғолиб мебаромад» [Улуғзода 2017, с. 7].

Виркан дар асар ҷавони пурмасъулият ба тасвир дода шуда, нисбат ба рӯзу рӯзгор ва кӯдак ба падараш дар пешбурди зиндагӣ фориғбол нест. Аз ҷумла, ӯ «Дар байни ин шуғлҳо (чавгонбозӣ, аспсаворӣ, гӯштӣ... – Н.М.) вай ҳафтае як бор – ду бор аз дараи Киштут ба ду уштури падараш ангиштсанг бор карда оварда, дар бозори Самарқанд мефурӯхт» [Улуғзода 2017, с. 7].

Дар асар нависанда таваҷҷуҳи асосиро ба рӯзгори ҷавони суғдӣ равона карда, аз рӯзгори ӯ ба хонанда қисса мекунад. Виркан бо вуҷуди ҷавони тануманд, бо ҳушу гӯш ва муаддаб будан, ба ҳарфи падар гӯш намекунад ва маҳз ҳамин саркашию худхоҳии Виркан ӯро то дами марг ранҷ медиҳад ва аз ширинихои ҳаёт маҳрум месозад.

Нахуст Виркан барои дӯстдошаи худ Наниманча аз сухани падараш саркашӣ мекунад. Ревахшиён мехост ба писараш хоҳарзодаи худ Махшераро ба занӣ диҳад. Вале Виркан духтари ҷомашӯйзанак Наниманчаро дӯст медошт. Аз рӯи тасвири нависанда Наниманча низ ба Виркан дил мебандад ва онҳо дар танҳоӣ бо ҳам хилват мекунанд:

« – Зудтар биёр! – гуфт Наниманча.

Виркан нафаҳмид:

– Чиро?

– Пӯшоки чиркин.

– Ҳа... пӯшок... Ҳозир... Ман ҳозир...

Виркан тарафи хона равон шуда, ногоҳ аз пушти сараш қоҳ-қоҳ хандидани Наниманчаро шунид. Истода қафо нигарист. Бо ҳамон табассуми аблаҳонанамо пурсид:

– Чӣ механдӣ?

– Ба афту башараи ту механдам, - аз қаҳқаҳа боз наистода гуфт Наниманча.

– Ба башараи ман чӣ шудааст? – Виркан кафи даст ба рӯй молид...

Виркан лаҳзае чанд сукут карду баъд нохост бо як қадар дурушти гуфт:

– Нанӣ! Дилтанг мабош ва маро ҳам ба танг наёр. Ман мизбонам, ҳар вақт ки рухсат додам, меравӣ. – Сипас бо овози нармтар изофа кард: - Ба ман нигар, Нанӣ, бидон, ки ман ҳеҷ духтареро хуш накарда будам, туро хуш кардам. Зебо ҳастӣ, Нанӣ, ба дилам нишастӣ. – Инро гуфта вай бо як даст аз китфи лоғараки майдаустухони духтар оғӯш карду аз лабонаш бӯсаи гарм рабуд. Дар лаҳзаи дигар ӯро сабук бардошта ба зонуяш нишонд. Наниманча муқобилат накард ва балки ёрои муқобилат кардан надошт. Духтари нахустин бор ба бӯсу канор афтодаро хуш-хуш ҳаяҷони қалб ва изтироби хотир фаро гирифта буд...» [Улуғзода 2017, с. 15-16].

Баъди ин саҳна робитаи Виркан ва Наниманча боз ҳам наздик шуда, то обистан шудани Наниманча мерасад. Дар тасвири нависанда мебинем, ки робитаи Виркан ва Наниманча зидди хостаи Ревахшиён аст. Ҳамчунин, ба даст овардани Наниманча аз ҷониби Виркан хилофи урфу одат ва ойини суғдиён мебошад, ки ҷанбаи воқеии таърихиро дорост:

«Ҳангоме, ки занаки нимҷон ва хастаҳол бӯхчаи вазнинро ба замин гузошт, аз даруни он пӯшоки писару падарро мебаровард, Ревахшиён ба вай раҳмаш омад ва пурсид:

– Чаро бӯхчаро худат бардошта гаштаӣ, духтарат дар куҷост?

Занак ҷавоб надода ба замин нигарист, оби ба чашмони чӯкидаи камнураш омадаро ба нӯги сарпечи даридааш пок кард.

– Чӣ хабар? Магар ба Наниманча ҳодисае рӯй дод? – ба хавотир афтод пирамарди раҳмдил.

– Ҳодиса гуфтию мондӣ! – ҷавоб дод занак ва домони суханашро бо душворӣ ба забон ронд: – Ин гапро ба кас гуфта намешавад, лекин ба ту мегӯям, ту одами бохирадӣ, рози касонро фош намекунӣ... Духтарам... дуҷон шудааст. – Зан дар ин ҷо боз гирист. – Шармандаам ман, додар. Ба мурданам сад бор розиам, лекин аҷал ҳам ба ман механдаду маро намегирад...» [Улуғзода 2017, с. 9].

Падари Виркан ҳеҷ гоҳ тахмин намекард, ки писараш ҳамчунин як корро мекунад. Аз ҳамин ҷо буд, ки барои дастгирӣ ва дилбардории ҷомашӯйзан ба писараш воқеаро нақл мекунад:

« – Ҷомашӯйзанак омада буд, гирёну нолон. Духтараш аз кадом як зиногари нокас обистан шудааст.

Виркан якбора дар нишастааш безобита шуд, чашмонашро калонтар кушода, сӯи падараш хамида пурсид:

– Обистан?

Оре, – аз безобита шудани писараш тааҷҷуб карда ҷавоб дод Ревахшиён...

– Ман ... падари кӯдакаш манам...

– Ту? – пирамард ба шунида бовар кардан мехост.

– Оре ман...

– Ту чӣ кор кардӣ, лаънатӣ? – шӯрид Ревахшиён. – агар ин роз ошкор шавад, туро ба дор мекашанд, ӯро сангсор мекунанд.

– Ором бош, падар. Наниманчаро ба занӣ мегирам. Акнун ту не гуфта наметавонӣ. Кайҳост,ки дӯсташ медорам.

Ревахшиён якбора дам фурӯ баст, ҳеҷ чиз нагуфт» [Улуғзода 2017, с. 10].

Ин амал ҳарчанд дар аввал боиси хашму ғазаби падари Виркан шавад ҳам, вале дарк мекунад, ки сабабгор худаш аст. Чун монеи Виркан баҳри расидан ба дӯстдоштааш гашта буд.

Дар ин саҳна адиб амалкарди Вирканро бар зидди падараш нишон додааст, ҳамчунин мо дар баробари шӯри ҷавонии Виркан як навъ муборизаи ӯро низ метавонем мушоҳида кунем.

Ҳарчанд ӯро дар маҳалли хеш чун паҳлавон ва чобуксавори моҳир мешинохтанд, вале Виркан ба ин кибру ғурур намекард. Дил бастанаш ба духтари шустагар ва гадо тасдиқи ин гуфтаҳост. Ҳатто ин рафтори Вирканро падараш намехост, ки ҷое эътироз мекунад:

« – Наниманчаро хостгорӣ кун.

Ревахшиён пораи чаппотии ба даҳон бурдаашро гашта ба дастархон гузошт. Чинҳои ҷабини пиронаи ӯ ҷафстару ғафстар шуданд. Бо ҳайрату шубҳаву ғазаб ба рӯи Виркан чашм дӯхт. Вай аз писараш ҳаргиз ин суханро чашм надошт.

– Наниманча?.. Ҳавасат ба ҳамон гадойдухтар рафт? Медидам-а, ҳар бор, ки меомад, ӯро бо чашмат хӯрам мегуфтӣ. Бесабаб набудааст!

Виркан хомӯш буд, ба таънаи падараш ҷавоб намедод, то ки ғазаби ӯ боз бештар ҷӯш назанад.

– Ман хешии гадоёни дарбадарро намехоҳам!..» [Улуғзода 2017, с. 13].

Ҳамин тавр, чуноне аз сужаи асар бармеояд, Виркан бо Наниманча ба мақсади худ мерасанд ва чанде бо ҳам ҳаёти хушу хурсандонаро мегузаронанд.

Хатти сужети асар қадам ба қадам васеъ мегардад. «Воқеаҳои асар дар қаламрави Суғд – Сармарқанд, Бухоро ва бархе аз минтақаҳои Машриқзамин мегузарад ва хатти сужети қисса аз шиносоии хонанда бо образҳои асосӣ – Виркан ва Наниманча оғоз ёфта, мунтазам инкишоф меёбад» [Улуғзода 2017, с. 57].

Дар саҳнаи дигар боз ҳам шоҳид мешавем, ки шӯри ҷавонӣ ин маротиба Вирканро аз ҳузури падар ва оилаи навбунёду ҳамсари дӯстдошта ва фарзанди ҳанӯз таваллуднашудааш ҷудо месозад. Ин бор ҳам ба гапи падараш гӯш намекунад.

Чуноне аз муҳтавои асар бармеояд, Виркан ба эътирозҳои ҳамсараш нигоҳ накарда, ба набарди Ёдхишетак мебарояд. Падарро низ ин иқдоми Виркан чандон хушоянд нест. Чун аз рӯи урфу ойин медонист, ки мағлуб бояд кушта шавад. Чуноне адиб менигорад:

« – Охир ба Ёдхишетак агар даст наёбӣ, кушта мешавӣ? Чӣ магар аз ҷонат сер шудӣ?» [Улуғзода 2017, с. 23].

Дар ҷавоби Виркан мо ҷасорат ва ғайрату шуҷои ҷавонмарди суғдиро мутолиа мекунем:

« – Хоҳу нохоҳ рӯзе ҷон маро тарк мекунад, пас чӣ фарқ дорад, ки андак пештар ё андак дертар. Аммо агар худоён маро мададгор шаванду бар паҳлавони Суғд даст ёбам, ҳароина сарфарозӣ ёфтаам» [Улуғзода 2017, с. 23].

Мо ба қаҳрамонӣ, бозӯи пурқувват ва ҷасорату матонати Виркан дар набарди ӯ бо нахустпаҳлавони суғдӣ бештар ошно мегардем. Аз тасвири адиб бармеояд, ки ҳарчанд Виркан дар баробари ҳарифаш шонапаҳму бузургпайкар нест, вале бо чобукии худ аз по намеафтод. Чуноне дар тасвири нависанда мебинем:

«Ёдхишетак бузургпайкар, сари синаву китфони тавонояш пурмӯй, қадаш аз ҳариф ним сар баландтар.

Виркан нисбат ба ӯ бориктар, мушакҳои бозувонаш ва ду паҳлуяш арғамчинвор печида ва ҷаста...

Паҳлавонон гарми гӯштингирӣ. Гоҳ аз дӯшу миёни якдигар гирифта, фурсате оромона алвонҷ мехӯрданд ва гоҳе тундутез гардида, ҳамдигарро бардошта заданӣ мешаванд. Зӯр ба тарафи Ёдхишетак буд. Вай ҳарифро ба вазни фалонаи худ пахш карданӣ мешуд ё ки сабук ба дӯш, ба паҳлу, ба болои сар мебардошту меандохт, лекин Виркани чобук ҳар бор ба по меафтид ва намеғалтид, балки худи паҳлавонро зер карданӣ мешуд. Вай ҳам се бор пойҳои Ёдхишетакро аз замин канда, бо тамоми қувваташ ӯро чаппагардон карданӣ мешуд, лекин пойҳои оҳанини Ёдхишетак ҳеҷ қат намешуданд ва ҳар бор сутун шуда, соҳибашонро аз ғалтидан нигоҳ медоштанд...

Паҳлавонон қариб ду соат гӯштин гирифтанд, аммо зафар ба ҳеҷ тараф даст надод» [Улуғзода 2017, с. 28-29].

Аз тасвири С. Улуғзода бармеояд, ки паҳлавонон дар гӯштингирии савора низ аз ҳам қувваи баробарро нишон медиҳанд ва ғолиб дар рӯзи аввал муайян намегардад. Бо фармони ихшид (сарвари давлату конфедеративии Суғд) муҳориба ба рӯзи дигар ба муҳориба бо найза гузаронида мешавад:

«Пагоҳи дигар роҳи шаҳр то майдони машқи сарбоз беш аз пеш сертараддуд буд. Тӯда-тӯда пиёдаҳо, аспакиҳо, харакиҳо ба он сӯ мешитофтанд...

Издиҳоми халқ аз қалбӣ дам ба дарун кашида, садое намебаровард. Имрӯз ин набард ба ҳалокати яке аз паҳлавонон анҷомад.

Ҳамлаҳо, муодамаҳои шадиду қаттол дувоздаҳ карат такрор ёфт. Найзаи ҳамлаовар гоҳ ба зарби найзар муқобил гардонида мешуд, гоҳ ба сипару зиреҳ кӯҳаи зин бармехӯрд, гоҳо ҳариф дар лаҳзаи хатар зуд ба ин ё он паҳлу хамида пайкони ҷоншикорро чапағалат медод.

Дар карати ёздаҳум найзаи Виркан аз зарби силоҳи рақиб шикаст, Ёдхишетак ҳамон лаҳза бо тамоми қувваташ ба зери шиками зиреҳпӯши Виркан найза зада ӯро аз болои зин чапагардон кард» [Улуғзода 2017, с. 31].

Баъди ин набард ҳаёти Виркан ба маҷрои дигар ворид мешавад. Акнун ӯ на як паҳлавони ворастаи чобуксавор, балки ғулом ва барда тасвир меёбад. Зиндагии ӯ ҳам барои худ ва ҳам барои дигарон комилан рангу равиши дигар касб мекунад.

Сипас, дар хатти сужаи асар қаҳрамонони дигар ворид мешаванд. Чуноне Сироҷиддин Эмомалӣ қайд намудааст: «Минбаъд хатти сужети асар инкишоф меёбад ва ин воқеаҳо ба Мадина, Ироқ ва Басраву Форс доман паҳн карда, ҷанбаи таърихӣ касб мекунанд. Хонанда дар баробари образҳои маҳсули тахайюли нависанда – Виркан, Наниманча, Ревахшиён, Нуфарн ба образҳои воқеӣ, чун маликаи Бухоро – Хотун, писари ӯ Туғшода, роҳзани ашаддӣ Молик ибн-ур-Райб, Убайдулло ибни Зиёд, Саид ибни Усмон (писари Усмон халифа), шинос шуда, шоҳиди тохту тоз ва харобкориҳои гӯшношуниди аҷнабиён ва мардонагиву ҷоннисорӣ, озодихоҳӣ ва таъбирандешии ватандорон мегардад» [Эмомалӣ С. 2020, с. 58].

Дар ин қисмат С. Улуғзода аввал ба хонанда аз фаъолияти Молик иб-ур-Райб ба хонанда қисса мекунад. Адиб дар тасвири Молик ибн-ур-Райб персонажи манфии асар хеле муваффақ аст. Хонанда бо Молик аз аввали асар, ҳангоми набардаш бо Виркан ошноӣ дорад ва дар боби «Молик ибн-ур-Райб» чеҳраи ӯро хубтар мешиносад.

Молик дар китоби М. Исоматов «Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода» [Исоматов 2002] бо иқтибос аз китоби ибни Аъсами Куфӣ «Ал футӯҳ» [Куфӣ 1372] чунин тасвир ёфтааст:

«Молик ибн-ур-Райб марде буд фосеҳу некӯрӯй ва шуҷоъ ва пеш аз ин дар навоҳии Мадина будӣ ва роҳ задӣ...

Чун Саид он ҷо расид, Молик пеши ӯ омад. Саид аз аҳволи ӯ пурсид (Молик) тақрир кард, ки ба чӣ минвол зиндагонӣ мекунад. Саид тааҷҷуб кард ва шаклу шамоил ва қаду қомат, ҳусни ҷамоли ӯ ӯро хуш омад, аз ӯ пурсид: Охир марде бад-ин некӯйӣ ва мардонагӣ, ки туйӣ, чаро раво медорӣ, ки роҳзанӣ ва моли мардум ноҳақ барӣ?

Гуфт: – Аз ғояти дасттангӣ ва дигар он ки пайваста кӯшиш кунам ва дар ҳаққи дӯстону ошноён эҳсон кунам, мол надорам, лиҳозо бад-ин кор тан додам, меситонаму мебахшам ва мехӯрам.

Саид гуфт: – Агар ман туро аз ин кор бениёз кунам, тарки ин афъол мекунӣ?

Гуфт: – Чаро накунам. Дар хидмати ту осори хуб зоҳир намоям ва шукри неъмати хеш зоҳир лозим донам» [Исоматов 2002, с.112-113].

С. Улуғзода дар повести «Ривояти суғдӣ» Моликро чун қаҳрамони таърихӣ айнан ба тасвир дода, шинохти ӯро дар муҳорибаи аввал бо Виркан чунин овардааст:

«Виркан араби миёнсоли зеботалъат ва хушсавлатеро дар баробари худ дид, ки ба гумон саркардаи роҳзанон буд, ришу бурути кӯтоҳи базеб, чашмони калони сиёҳи шарорафишон дошт, аз ваҷоҳаташ шуҷоат меборид» [Улуғзода 2017, с. 4].

Ҳангоми мубориза ва ҷамъ овардани ду шаҳбоз марди ғоратгар дар беруни шаҳри Шероз Саид Моликро мебинам. Бо Саид ҳамроҳ шудани Моликро С. Улуғзода дар қисса чунин тасвир намудааст:

«Дар байни онҳо чашми амир ба марди қоматбаланди хуштаркиб ва хушсимое ғалтид, ки ба ин «фазилатҳояш» аз дигарон ҷудо шуда меистод. Фармуд он мардро ба наздикаш оварданд, ӯ сӯи амир баланду бурро:

– Ассалому алейкум, ё айюҳ-ал-амир, – гӯён таъзим кард.

– Ту кистӣ? – пурсид Саид.

– Абд-ул-амир, - ҷавоб дод мард.

– Номат чист?

– Молик ибн-ур-Райб» [Улуғзода 2017, с. 46].

Мо воқеияти таърихии саҳнаи мазкурро дар гуфтаҳои М. Исоматов зикр намудем. Чуноне дида мешавад, С. Улуғзода қаҳрамонҳо ва саҳнаҳои қиссаро дар бобҳои «Молик ибн-ур-Райб», «Амири ҳаждаҳум», «Хоҷа ва ғулом», «Баҳои сулҳ», «Самарқанд ҷиҳод мекунад», «Бозгашт» ва «Интиқом» бештар дар заминаҳои таърихӣ таълиф намуда, ба сужаи асар ҷолибияти бештар ворид месозад.

Дар ин қисмат аз қаҳрамониҳои суғдӣ, хусусан, Виркан нависанда бештар ёд мекунад. Мундариҷаи асосиро дар ин қисмат тасвири ҳуҷуми дуюми арабҳо бо сарварии Саид ибни Усмон ва барҳӯрди аввалини арабҳо бо суғдиёни Самарқанд ташкил мекунад.

Баъд аз ҳодисаҳои дуру дароз, ки Виркан ғуломи бозаргон Нуфарн мегардад ва бо кӯмаки падар аз ғуломӣ озод мегардад, иштироки ӯро нависанда дар ҳодисаҳои таърихӣ бештар тасвир мекунад. Чуноне аз сужаи асар медонем, «Виркан сардори як дастаи чокирони Ёдхишетак таъин мешавад ва ҳама вақт бо падар, ҳамсар ва писараш Шеркавичи дусола осуда мемонад...

Лашкари араб бо сардории амир Саид ибни Усмон ба Сармарқанд ҳуҷум мекунад ва Виркан боз дар ҷабҳа корномаҳо нишон медиҳад. Махсусан, корнамоии ӯ, ки дар рӯзи нуздаҳуми мурофиаи Самарқанд, пас аз қаҳрамонона ба ҳалокат расидани Ёдхишетак, ба вуқӯъ пайваста буд, ҷолиб ва омӯзанда аст» [Эмомалӣ С. 2020, с. 59].

Аз қаҳрамонҳои дигари таърихии қисса Хотун, маликаи Бухоро мебошад, ки нависанда ҷасорат ва шуҷоати ӯро дар муқобили Саид ибни Усмон нозукона ба тасвир кашидааст. Ба таъкиди адабиётшинос М. Шакурӣ: «Аслан дар тасвири нависанда фоҷиаи малика Хотун дар ин аст, ки вазъияти таърихӣ аз ақлу рой ва

иқтидори ӯ зуртар омад. Нависанда баъзе аз падидаҳои ин ҳиқиқатро хеле нозук зоҳир кардааст» [Шукуров 1976, с. 147].

Дар қисса мебинем, ки Хотун аз Саид ва лашкари ӯ ҳеҷ тарсе надорад. Лашкари Саидро ба калламушҳо монанд карда, онҳоро ба гуруснагию ҳарисӣ айбдор мекунад. Дар ин қисмат С. Улуғзода ҷасорати бонуи Бухоро - Хотунро чунин тасвир намудааст:

«Саид дар пешгоҳ бо ҳашамату карру фар бар тахт ва муқаррабон, сарони сипоҳаш дар чапу рости ӯ қатор нишаста буданд. Малика ба ҷои таъзим сарашро саҳл хам карда, мартабаи худро нигоҳ дошт.

– Хато шуд, малика, шартро хилоф кардӣ, моро таъзим накардӣ, - бо мулоимат гуфт амир...

Хотун як дам сукут карда, нохост чунин суол кард:

– Оё дар мамлакати шумо калламушҳо ҳастанд, амир?

Аз ин суоли аҷиб ҳам Саид ва ҳам атрофиёнаш ҳайрон шуда монданд.

– Чӣ... Калламуш?.. Ин суол ба чӣ маънист, малика?

Хотун бо чеҳраи кушод ва як навъ лаҳни нуктаомез ба сухан даромад:

– Вақти омаданам аз деҳи вайронае гузаштам, дидам – калламуше, ки шояд мири ҳамҷинсонаш бошад, пораи хушке ба дандон газида мегурехт, аз қафо якчанд калламушони дигар медавиданд...

Дар маҷлиси амир турфа ҳолате барқарор гашт. Вай ва атрофиёнаш чандон бефаҳм набуданд, ки маънии кинояро нафаҳманд...

Саид ба атрофиёнаш ишораи ором шудан намуда, ба малика хитоб кард:

– Ту, Хотун, мустаҳқиқи сар буридан шудӣ, лекин ман намехоҳам теғи худро ба хуни зани ҳарзагӯе олуда кунам. Мукофоти ин ҷасоратро мо ба ту дертар хоҳем дод» [Улуғзода 2017, с. 81-82].

Ба таъкиди М. Исоматов: «Қиссаи таърихии «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода, ки ба як давраи муайяни таърихӣ бахшида шудааст, чун каломи оқилонаю ҳаққонӣ, қувваи таъсиррасонӣ дошта, шавқу ҳавас, таваҷҷуҳи моро ба таърихи ғановатманди ниёгонамон афзуда, дар дили мо меҳанпарастӣ, муҳаббати самимӣ

пайдо кардан ба замони гузаштаю ҳозираро парварида, эҳтимоми ҳар фарди солимфикрро ба таъриху тамаддуни суғдиён зиёд карда, дар қалби мо ифтихори ватандорӣ ва дарси ҳифозати Ватанро бедор мекунад» [Исоматов 2002, с. 104].

Ҳамин тавр, нависанда то охири қисса ҳам қаҳрамонҳои тахайюлӣ ва ҳам таърихии худро дар омезиш бо рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ ба тасвир кашида, ба хонанда як қиссаи ҷолиберо, ки аз ғановатҳои таърихӣ таълиф ёфтааст, пешкаш мекунад. Хусусан,, адиб дар омезиши қаҳрамонони таърихии асар ва персонажҳои тахайюлии худ, маҳорати баланд нишон дода, дар пайвастагӣ бо ҳаводиси илмӣ-таърихӣ қиссаро ҷолиб намудааст. Ба таъкиди С. Эмомалӣ: «Ҷанбаи илмии қиссаи «Ривояти суғдӣ» басо мустаҳкам аст. С. Улуғзода тасвири рафти ҷангҳоро бо ҷузъиёташон дар қисса айнан, мувофиқи ахбори муаррихон овардааст» [Эмомалӣ С. 2020, с. 64].

Нависанда бо маҳорати баланд лаҳзаҳо эпизодҳои таърихиро тасвири бадеӣ намудааст. С. Улуғзода қаҳрамонҳои худро аз ҳодиса ва воқеаҳои асри VII, замони истилои арабҳо, мубориза ва ҷонбозиҳои халқи тоҷик интихоб намуда, қисмеро дар шакли тахайюл ва қисмеро айнан, ҳамон гуна, ки дар таърихномаҳо номашон зикр шудааст, интихоб намудааст. Яъне, С. Улуғзода «...саргузашту аъмол ва тақдири персонажҳои таърихии қиссаи «Ривояти суғдӣ»-ро тибқи гуфтаҳои таърихнависон овардааст» [Эмомалӣ С. 2020, с. 65].

2.2. Таърихияти забон ва фарҳанг дар повести «Ривояти суғдӣ»

Сотим Улуғзода дар ҷараёни фаъолияти эҷодӣ дар баробари манзур намудани беҳтарин асарҳои бадеӣ, ҷолибтарин қиссаву повестҳо ва романҳо, ҳамчунин дар муаррифии таърихи забон ва фарҳанги тоҷикони қадим саҳми арзанда дорад. Адиб дар асарҳои бадеии худ урфу одат, ойину анъана ва таърихи забону фарҳанги тоҷиконро таърихнигорона ба қалам додааст. Худи нависанда таъкид мекунад, ки: «Надонистани таъриху фарҳанги миллат гуноҳи авфнопазир аст. Зеро қадами қатъии ҳар як халқ аз қадамҳои аввал, аз донистани таърихи

миллат сар мезанад» [Исоматов 2002, с. 30]. Бешак, адиб маҳз дар заминаи ҳамин гуна андешаҳо таърихро умқан омӯхта, дар натиҷа асарҳои мондагореро дар ҳамин асос таълиф намудааст.

Повести «Ривояти суғдӣ» аз зумраи ҳамон асарҳое ба шумор меравад, ки дар он С. Улуғзода бо истифода аз маъхазҳои бойи таърихӣ дар қолаби бадеӣ ба хонанда перомуни забону фарҳанг дар давраи тоисломӣ маълумот додааст. Ба таъкиди таърихшинос М. Исоматов: «Ҷашни Наврӯзу парастиши Сиёвуш ва тасвири эътиқод ба дигар худоҳо аз ҷониби С. Улуғзода хуб сурат гирифтааст. С. Улуғзода суғдиёнро ба сифати оташпараст ва маздопарастони эътиқодманду неруманд, одамони бофарҳангу хушахлоқ, меҳанпарасту созанда ва ойиндӯсту соҳибмаърифат тасвир карда, ба ин васила мақоми суғдиёнро дар таъриху тамаддуни ибтидои асрмиёнагӣ таъкид кардааст» [Исоматов 2002, с. 103].

Муҳтаво ва сужаи қиссаи «Ривояти суғдӣ» сирф дар заминаи одату ойинҳо ва фарҳангу забони суғдиён ба миён омадааст. Бахусус, дар қисматҳои «Виркан», «Наниманча» ва «Мурод аз номуродӣ» нависанда рӯзгори қаҳрамонони худро дар доираи забону фарҳанги суғдиён, ки заминаи таърихӣ доранд, ба тасвир кашидааст.

Нависанда дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» вобаста ба Наврӯз - ҷашни миллии тоҷикон маълумоти муфассали таърихиро оварда менависад: «Расми суғдиён буд, ки ҳар сол рӯзи якуми моҳи Навсард, ки сари соли суғдӣ – Наврӯз буд ва оғози тобистон ҳисоб меёфт, нахустпаҳлавони Суғд муқаррар мегардид, бо ин тариқ ки он рӯз барои паҳлавон суфраи таому шароб густурда мешуд, ҳар ки аз он таом ва шароб хӯраду нӯшад, ба ҳамин худро рақиби паҳлавон эълон карда ӯро ба майдони мубориза мехонад. Агар дар майдон ба вай ғолиб ояд, худаш паҳлавони якуми Суғд мешуд. Ва ҳам мағлуб ба дасти ғолиб кушта мешуд» [Улуғзода 2017, с. 22].

Аз ин тасвир бармеояд, ки Наврӯз дар замони суғдиён бо шаҳомат ва шукӯҳи махсус, бо урфу одатҳои аҷдодӣ истиқбол мегардид. Баргирифта аз ин, дида мешавад, ки С. Улуғзода дар повести «Ривояти суғдӣ» ба ҷашну маросимҳо

ва фарҳангу суннати суғдиён аҳаммияти махсус зоҳир намудааст. М. Исоматов таъкид мекунад, ки С. Улуғзода «Наврӯзро ба гурӯҳи идҳои бостонӣ ва анъанавии тоҷикон ва аҷдодони онҳо дохил менамоянд» [Исоматов 2002, с. 56].

С. Улуғзода урфу одатҳои наврӯзиро ба зиндагии суғдиён тавъам намуда, менигорад, ки Наврӯз дар ривоҷ додани ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи суғдиён нақши созгор дошт ва тарзи зиндагии суннатии онҳо, анъанаҳои ҳаётӣ, сатҳи инкишофи ҷаҳоншиносӣ, тафаккури ҷамъиятӣ, рӯзгороро̄й, хусусиятҳои ахлоқӣ, тарбия ва нафосатдӯстӣ аз ойинҳои наврӯзӣ сарчашма мегирифт. Чуноне адиб менависад: «Дар Суғд ҳеҷ кас аз маросимҳои бисёри суғдиён ба чунин фарохӣ, шукӯҳ ва хуррамии тамоми халқ ҷашн гирифта намешуд, чунон ки Наврӯз гирифта мешуд. Марду занҳо, бачаҳо либосҳои рангоранги идона пӯшида ба сайри саҳро, боғу бӯстонҳо мебаромаданд ва ба шарафи вуҷуди тобистони файзбор таронаҳо мехонданд, бозиҳои гуногун барпо менамуданд. Меҳмондориҳо, зиёфатҳои ҳамидагӣ авҷ мегирифтанд.

Ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар дар сайргоҳи беруни шаҳр баргузор мешуд: дар он ҷо созанда ва сарояндагон, қавволон, раққосон, шаъбадабозон издиҳоми халқро дилхуш месохтанд. Ҷавонон гӯштингирӣ, ҷавгонбозӣ мекарданд, пойга метохтанд» [Улуғзода 2017, с. 27].

С. Улуғзода дар ин ҷо айнан саҳнаеро меорад, ки баргирифта аз сарчашмаҳои таърихист. Урфу одатҳои наврӯзӣ чун фарҳанги асили қадимаи тоҷикон таърихи кӯҳан дошта, аз суннатҳои неки ниёкони мо мебошад. Адиб баргирифта аз сарчашмаҳои таърихӣ фарҳанги қадими тоҷикони суғдиро тасвир намудааст.

Ҳакими маъруфи тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ дар асари худ «Осор-ул-боқия» доир ба фалсафа ва равиши ҳаёти Наврӯз чунин мегӯяд: «Суғдиён низ моҳҳои худро мутобиқи чор қисмати сол тақсим карда буданд: Аввал, «Навсард» аз моҳҳои суғдӣ аввали тобистон бувад. Ва миёни суғдиёну форсиён дар аввалҳои солҳо ва баъзе аз моҳҳо ихтилофе набувад, ҷуз дар он панҷ рӯзе, ки ба сол илова шудааст» [Берунӣ. Осор-ул-боқия, с. 241].

М. Исоматов дар такя ба андешаҳои Берунӣ ва Хайём таъкид мекунад, ки Наврӯз дар ҳама Эрони қадим, чӣ Суғду Хоразм ва чи Бохтар аз замони салтанати Ҷамшед ид карда мешуд. Наврӯз чун ҷашни сари сол, ба хотири дигаргун шудани табиат, одамон ва айём ҷашн гирифта мешуд. «Ба шаҳодати Берунӣ, дар Эрони сосонӣ Наврӯз ба тариқи фаромӯшнашаванда шаш рӯз ид карда мешуд. Шаҳаншоҳи Эрону Сосонӣ рӯзи нахустини Наврӯзро ба қабули мардум ва эҳтироми онҳо мегузаронид. Рӯзи дуюм амалдорону давлатмандонро пазируфта бо онҳо мулоқот менамуд. Рӯзи сеюм муъбадону коҳинон ва олимону донишмандони замон, рӯзи чаҳорум аҳли дарбор ва рӯзи панҷум бошад, фарзандону пайвандонро мепазируфт. Ниҳоят, рӯзи шашум худи шоҳаншоҳ Наврӯзро ид мекард. Аз ин сабаб ҷашни рӯзи шашумро «Наврӯзи бузург» ва ҷашнвораҳое, ки панҷ рӯзи аввал сурат мегирифт, «Наврӯзи омма» меномиданд» [Исоматов 2002, с. 57].

Дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» омадааст, ки дар Суғд ҳам Наврӯз бо чунин урфу одат, танҳо бо каме фарқиятҳо ҷашн гирифта мешуд. Аз гуфтаҳои Берунӣ бармеояд, ки «Наврӯзи бузург» дар Суғд дар рӯзи аввали Наврӯз ҷашн гирифта мешуд, дар қисса бошад, омадааст: «Расми суғдиён буд, ки ҳар сол рӯзи якуми моҳи Навсард, ки сари соли суғдӣ – Наврӯз буд ва оғози тобистон ҳисоб меёфт, нахустпаҳлавони Суғд муқаррар мегардид, бо ин тариқ, ки он рӯз барои паҳлавон суфраи таому шароб густурда мешуд, ҳар ки аз он таом ва шароб хӯраду нӯшад, ба ҳамин худро рақиби паҳлавон эълон карда, ӯро ба майдони мубориза мехонад»[Улуғзода 2017, с. 22]. Яъне, ин рӯзе буд, ки худи шоҳ ба тантанаҳои наврӯзӣ назора мекард. Ба таъкиди М. Исоматов «Як ишораи Берунӣ хеле нозукона дар «Ривояти суғдӣ» баён шудааст ва он ифодакунандаи рамзи ташаккули Наврӯз дар устураи кайҳоншиносии суғдиён ва ҳамчунин дигар халқҳои эронӣ чун маҷмуи ақоид дар бораи табиати миранда (дар зимистон) ва тавлидшаванда (дар баҳор), айёми баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими баҳор аст» [Исоматов 2002, с. 58].

Аз тасвирҳои адиб дар «Ривояти суғдӣ» фаҳмида мешавад, ки суғдиён Наврӯзро бо риояи расму ойин ва ҳама анъанаҳои хеш ҳамасола истиқбол мегирифтанд. Фарҳанг ё худ ойини интихоби нахустпаҳлавон низ аз маъхазҳои таърихӣ ибтидо гирифта, он чун анъанаи Наврӯзи суғдиён ҳамасола ҷашн гирифта мешуд. Чуноне дар асар омадааст: «Расми суғдиён буд, ки ҳар сол рӯзи якуми моҳи Навсард, ки сари соли суғдӣ – Наврӯз буд ва оғози тобистон ҳисоб меёфт, нахустпаҳлавони Суғд муқаррар мегардид, бо ин тариқ, ки он рӯз барои паҳлавон суфраи таому шароб густурда мешуд, ҳар ки аз он таом ва шароб хӯраду нӯшад, ба ҳамин худро рақиби паҳлавон эълон карда, ӯро ба майдони мубориза мехонад» [Улуғзода 2017, с. 22].

Имом Табарӣ вобаста ба сарчашмаи ғоявии ин гуфтаи С. Улуғзода ҳикоят кардааст, ки: «Марди Суғд суфрае доштанд, ки гӯшт, чарбу нон ва кӯзаи шароб бар он мениҳоданд ва ин ба ҳар сол як рӯз буд ва онро хосси яккасавори Суғд мениҳоданд, ҷуз ӯ касе бад-он намешуд ва (ин суфра) он рӯз хӯроки яккасавори Суғд буд, ки ҳар касе ҷуз вай аз он мехӯрд, ба вай ҳамовардӣ мекард ва ҳар каси дигареро мекушт, суфра аз они вай мешуд» [Табарӣ 1353, с. 310].

С. Улуғзода дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» дар тахайюли бадеии хеш нахустпаҳлавон ва ойини интихоби онро чун яке аз суннатҳои Наврӯз ба тасвир додааст.

Фарҳанги диндорӣ ва эътиқоди динии суғдиён дар «Ривояти суғдӣ» аз манзараҳои дигари воқеии таърихӣ мебошад. Дар «Ривояти суғдӣ» «Нависанда сарнавишти Сиёвушро дар Суғд тасвир карда, омоли пеш аз ҳарбии қаҳрамон Вирканро...» [Исоматов 2002, с. 60] тасвир намудааст.

Дар тасвири С. Улуғзода паҳлавонон дар Суғд қабл аз набард ба оташкарда рафта, аз худоён ба воситаи Маҳупат мадад мепурсиданд. Нависанда ба зардуштимазҳаб будани суғдиён дар «Ривояти суғдӣ» ишора карда, менависад: «Ризояти падар ҳосил шуда буд, акнун Виркани зардуштимазҳаб бузғолаеро барои назр кашола карда паи ризояти худоён ба оташкадаи Самарқанд рафт» [Улуғзода 2017, с. 25].

Дар тасвири нависанда дида мешавад, ки фарҳанги диндории суғдиён пурра дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ сурат гирифа, ба воситаи қаҳрамонҳои тахайюлӣ ва равиши хати сужет расму ойини худопарастии суғдиён нишон дода шудааст. Нависанда хостгори ба ҳарб баромадан бо Ёдхишетак ва ба оташкарда рафтани Вирканро барои ризоияти Худоён чунин тасвир намудааст: «Чун (Виркан – Н.М.) аз дарвозаи баландтоқ вориди саҳни васеи парастишгоҳ шуд, дид ки Мағупати сафедриши мӯдароз ва сарупобараҳна пеши оташгоҳи тиллокорӣ дар айвони дарози мунаққаш ва мусаввар, ки ба ҳашт сутуни кандакории нафис қарор гирифта буд, нишастааст. Вай донандаи китоби муқаддаси «Авесто» ва нигоҳдорандаи оташи абадӣ буд. Ба эътиқоди зардуштиёни оташпарасти Суғд ин оташро ҳазор сол пеш писари Сиёвуш барафрӯхта будааст, онҳо дар қатори худоёни бисёри худ Сиёвушро ҳам мепарастиданд ва марги ӯро, ки дар моҳи ҳафтуми суғдӣ воқеъ шуда будааст, мотам гирифта, сиёҳ пӯшида, побараҳнаву гирёну синазанон мегаштанд» [Улуғзода 2017, с. 25-26].

Ба таъкиди М. Исоматов «...ба оташхона ишора кардани С. Улуғзода бемавқеъ набуда, тасвиркунандаи расму ойин ва одатҳои суғдиён мебошад» [Улуғзода 2017, с. 63].

Мо дар муҳовараҳои муғупат ва Виркан мебинем, ки адиб суҳбатҳои қаҳрамононашро низ хушку холӣ тасвир накарда, равиши гуфтугӯи онҳоро дар заминаи таърихи фарҳанги суғдиён дар қисса ҷо додааст. Чуноне дар қисса омадааст: «Мағупат нишаста буду китоби дуоҳои зардуштӣ «Офарингон»-и дар варақаҳои чармин навиштаро мехонд. Виркан бузғоларо ба муғбачаи хизматгор супурд ва мӯкиашро кашида, ба айвон баромаду аввал сӯи оташхона саҷда кард ва сипас назди муғупат зону зада, дасти ӯро гирифта бӯсиду гуфт:

– Эй донои доноён, донандаи ошкору ниҳон, воқифи асрори замину осмон, барои ман аз худоён неру бихоҳ, ки нияти набард кардан дорам.

Мағупат пурсид: –

–Ту кистӣ?

–Виркан писари Ревахшиёни ревдодӣ, – ҷавоб дод ӯ.

– Магар туро душмане пеш омадааст?

–- Не, бо Ёдхишетаки паҳлавони Суғд набард мекунам... – Агар ба Ёдхишетак даст ёбам, ба Ваґн ду сар гӯсфанд бахшиш меорам, – ваъда дод, Виркан.

Маґупат бо овози хиррӣ дуое аз дуоҳои зардуштиро хонда, ба ҷавонпаҳлавони номҷӯй дар набарди хатарноки ӯ зафар талабид:

– Эй подшоҳи худоён Зарвон, аё Митра, аё Баґ, шумоёнро мепарастем, бандаи худатон Виркани Ревахшиёнро мададгор бошед, бар неруи тану ҷонаш бияфзоед ва дар разму набардҳо забардасташ кунед...» [Улуґзода 2017, с. 26-27].

Нависанда дар ин ҷо бо такя ба маъхазҳои таърихӣ расму ойини суґдиёни қадимро ҳангоми пеш омадани ягон мушкилӣ ва кӯмаку неру хостан аз худоёнашон ба воситаи қаҳрамони худ – Виркан ба хонанда нишон додааст. Аз сужаи асар бармеояд, ки суґдиён дар баробари Сиёвуш ба чанд худои дигар эътиқод доштаанд: «...Даме, ки ин хаёл дар ман пайдо шуд, дилам ба худоёни бузургамон Зарвон, Баґ, Митра буд, ин хаёлро ба дили ман онҳо андохтанд» [Улуґзода 2017, с. 23].

Ҳамин тавр, нависанда бо маҳорати баланди нигорандагӣ ва дониши васеи таърихӣ фарҳанги диндорӣ ва ойини эътиқоди суґдиёнро бо ин саҳнаҳо ба хонанда муаррифӣ месозад.

Дар «Ривояти суґдӣ» С. Улуґзода бо маҳорати баланд тавонистааст, ки нукта ба нукта забону фарҳанги суґдиёнро дар қолаби бадеӣ нишон диҳад. Ҳамчунин, мо метавонем дар ин асари аз лиҳози факту рақамҳои таърихӣ бой фарҳанги хонадории суґдиёнро мушоҳида кунем. Нависанда дар баробари тасвири дигар саҳнаҳо ҳаёти оилавии суґдиёнро дар симои Виркан ва Наниманча бозгӯ намудааст. Аз шиносоӣ то ба хонадоршавию урфу одати оиладориро мо метавонем, дар тасвири адиб дарёбем. Чуноне аз фарҳанги зиндагонии суґдиён меорад: «Ҳангоме, ки занаки нимҷон ва хастаҳол бӯхчаи вазнинро ба замин гузошт, аз даруни он пӯшоки писару падарро мебаровард, Ревахшиён ба вай раҳмаш омад ва пурсид:

– Чаро бӯхчаро худат бардошта гаштаӣ, духтарат дар куҷост?

Занак ҷавоб надода ба замин нигарист, оби ба чашмони чӯкидаи камнураш омадаро ба нӯги сарпечи даридааш пок кард.

– Чӣ хабар? Магар ба Наниманча ҳодисае рӯй дод? – ба хавотир афтод пирамарди раҳмдил.

– Ҳодиса гуфтию мондӣ! – ҷавоб дод занак ва домони суханашро бо душворӣ ба забон ронд: – Ин гапро ба кас гуфта намешавад, лекин ба ту мегӯям, ту одами бохирадӣ рози касонро фош намекунӣ... Духатарам... дуҷон шудааст. – Зан дар ин ҷо боз гирист. – Шармандаам ман, додар. Ба мурданам сад бор розиам, лекин аҷал ҳам ба ман механдаду маро намегирад...» [Улуғзода 2017, с. 9].

Мо дар ин тасвири нависанда ва муҳовараи қаҳрамонони адиб возеҳ ба забону фарҳанги суғдиён ошно мешавем. Маълум мегардад, ки дар Суғд одатан ғуломон корҳои мардумро мекардаанд. Ҳамчунин аз ин саҳна ва дигар тасвирҳои адиб мо мебинем, ки шарафу номус барои оилаҳои суғдӣ чизи муқаддас ва боарзиш мебошад.

Дар саҳнаи дигар мебинем, ки суғдиён бо ғуломон ва гадоён хонадор намешаванд ва ин амалро барои худ нанг медонанд: « – Наниманчаро хостгорӣ кун.

Ревахшиён пораи чапотии ба даҳон бурдаашро гашта ба дастархон гузошт. Чинҳои ҷабини пиронаи ӯ ҷафстару ғафстар шуданд. Бо ҳайрату шубҳаву ғазаб ба рӯи Виркан чашм дӯхт. Вай аз писараш ҳаргиз ин суханро чашм надошт.

– Наниманча?.. Ҳавасат ба ҳамон гадойдухтар рафт? Медидам-а, ҳар бор, ки меомад, ӯро бо чашмат хӯрам мегуфтӣ. Бесабаб набудааст!

Виркан хомӯш буд, ба таънаи падараш ҷавоб намедод, то ки ғазаби ӯ боз бештар ҷӯш назанад.

– Ман хешии гадоёни дарбадарро намехоҳам!..» [Улуғзода 2017, с. 13].

Хонанда дар ин саҳнаҳо ба фарҳанги хостгорӣ, интихоби арӯс, рӯзгори маъмулӣ ва рафтори шахсии суғдиён шинос мешавад.

Аз ҷумлаи фарҳанги суғдиён, ки нависанда дар «Ривояти суғдӣ» тасвир намудааст, ин бурида шудани никоҳ ҳангоми ба ғуломӣ гирифтор шудан аст. Чуноне адиб овардааст: «Никоҳи Виркану Наниманча бекор шуд, зеро паймони заношӯй, ки ба расми суғдиён домоду арӯс бо ҳам дар пеши қозӣ мебастанд, гуфта шуда буд, ки агар яке тарафайн ба асорат ё ғуломӣ афтад, тарафи дигар аз қайди никоҳ озод шумурда мешавад» [Улуғзода 2017, с. 33].

Маълум мешавад, ки С. Улуғзода дар баробари ҳодисоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ бо забону фарҳанги суғдиён ба хубӣ огоҳ аст. Чун аз тасвирҳои боло бармеояд, ки адиб онҳоро дар асоси фактҳои таърихӣ ба хонанда пешкаш намудааст. Аз ҷумла матни «ба асорат» ё «ғуломӣ» афтодани яке аз тарафайн ва «аз қайди никоҳ озод шудан» дар сарчашмаҳо пурра зикр шудааст [Согдийские документы... 1962, с. 23-25].

Хулоса, дар «Ривояти суғдӣ» чун асари таърихӣ мо шоҳид мегардем, ки нависанда дар тасвири худ аз забону фарҳанги суғдиён бо диди таърихнигорона назар карда, дар қолаби бадеӣ онро ба хонанда пешкаш намудааст. Нависанда дар «Ривояти суғдӣ» як давраи муайяни тахрихиро бо назокати баланд тасвир намуда, моро ба забону фарҳанг, таърихи пурғановати ниёгонамон ошно месозад. Саҳми босазои адиб дар эҷоди ин асари арзишманди таърихӣ дар он аст, ки ба воситаи тасвири ҷаззоб ва сужаи ҷолиб таърихи васеъро бо тамоми ҳодисот сода ва ҷолиб ба хонанда мерасонад. Аз мутолиаи ин асар хонанда моҳияти воқеа, ҳадафи ҳодисаҳо, фарҳангу ойин ва ғановати таърихиро дарк намуда, худро бо таърих ҳамнаво месозад. Яъне, «Ривояти суғдӣ» моро бо Суғди тоисломӣ ва мухолифату ҳуҷумҳои арабҳо ба суғдиён ва забону фарҳанги онҳо ошно месозад.

2.3. Муқоисаи таърихияти забон ва фарҳанг дар «Ривояти суғдӣ», «Фирдавсӣ», «Темурмалик» ва «Восеъ»

Адабиёти бадеӣ дар ҳамаи давру замон дар робита ба ҳаёти иҷтимоӣ инкишоф меёбад. Ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳар кишвар аз эҷодкори асил талаб менамояд, ки ба масъалаҳои муҳим ва ҳаллашон

таъхирнопазир бо диди тоза нигариста, дар роҳи таъмини пешравӣ, тараққии ҷомеа ва рушду камоли маънавии миллат ва афроди он асарҳои мувофиқ ба замон эҷод намуда, ба ин восита, дар тарбия ва камолоти маънавии инсонҳо нақш гузорад. Адиб метавонад аз рӯзгори ҳамзамонон ва ё таърихи гузашта баҳра бардошта, ҳақиқати ҳаёт, рӯзгори таърихӣ, шахсони таърихӣ ва ё воқеоти таърихиро ба таври бадеӣ инъикос намояд. Вобаста ба маҳорат нависанда қодир аст, ки воқеот ва шахсиятҳои таърихиро дар айни ҷолибият ба хонанда пешниҳод намояд ва дар ин росто номи қаҳрамонони таърихиро дар эҷоди бадеӣ муҳри абадӣ занад.

Эҷоди образи бадеии таърихӣ, ки насри реалистӣ ном бурда мешавад, бештар ба таҳқиқи бадеии таърих ва воқеият иртибот дорад. Насри реалистӣ аз нависанда тадқиқи амиқи таъриху ҷуғрофия, этнография, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фалсафа ва улуми дигарро талаб мекунад. Дар адабиёти тоҷик насри реалистӣ асосан аз нависанда Садриддин Айнӣ оғоз гардида, онро Сотим Улуғзода ба таври бояд рушд дод. Рушди жанри мазкурро мо дар киноповести «Қисмати шоир» (1957), драмаи «Рӯдакӣ» (1958), романи «Восеъ» (1967), повести «Субҳи ҷавонии мо» (1947), драмаи «Алломаи Адҳам» (1971), повести «Ривояти суғдӣ» ва дигар асарҳои Сотим Улуғзода метавонем мушоҳида кунем.

Осори Сотим Улуғзода аз рӯи муҳтаво ва истифодаи сарчашмаҳои таърихӣ, тасвири ҳаводису воқеаҳо ба марҳилаҳои гуногун ҷудо мешавад. Аз ҷумла, марҳилаҳои тақдирсози таъриху тамаддуни мо аз давраи тоисломӣ, замони Сомониён, ҳуҷуми ваҳшатбори муғулҳо, салтанати амирони манғит ва давраи бозсозию бунёдкории тоҷикон дар асарҳои С. Улуғзода тасвир ёфтаанд. Мо дар ҳар асари С. Улуғзода ба забону фарҳанг ва айнияти зиндагии гузаштагонамон дар давраҳои мухталиф ошно мегардем. Аз ҳамин сабаб С. Улуғзодаро «гӯяндаи ҳақиқати таърих ва зиндагии мардуми тоҷик ва то ҷое ҳамҷавори он» [Шарифов 1997, с. 7] мегӯянд, ки ӯ ба таври бадеӣ таърихи халқро дарк карда, ба миллат шиносонидааст. Чунонки адабиётшинос Абдусамади Мулло таъкид намудааст: «Ҳар як халқ бо фарзандони барӯманд, дастовардҳои илмию фарҳангӣ ва

корнамоиҳои ҷовидонаи таърихиаш ифтихор дошта, бузургӣ ва шаҳомати ҳастии маънавии ӯ дар ин замина эътирофи ҳамагон мегардад» [Муллоев 2003, с. 7].

С. Улуғзода дар натиҷаи омӯзиши таърих ва корнамоиҳои фарзандони барӯманд, дастовардҳои илмию фарҳангии миллати тоҷик асарҳои бадеӣ-таърихии мондагор эҷод намудааст.

М. Исоматов дар китоби худ аз суханони С. Улуғзода чунин иқтибос овардааст: «Надонистани таъриху фарҳанги миллат гуноҳи авфнопазир аст. Зеро қадами қатъии ҳар як халқ аз қадамҳои аввал, аз донистани таърихи миллат сар мезанад»[Исоматов 2002, с. 30]. Аз ин андешаҳои адиб бармеояд, ки ӯ бо дарки ҳамин масъулият дар асарҳои хеш миллати тоҷикро аз зовияи дигар, яъне дар шакли бадеӣ таъриху фарҳанги ниёконро муаррифӣ намудааст.

Дар офаридани симоҳои таърихӣ ва аз забону фарҳанги гузашта ёд намудан саҳифаҳои таърихи гузаштаи сарнавишти халқ таҷассум меёбанд. Нависанда ба воситаи эҷоди жанри насри реалистӣ – таърихӣ дар пойдории асолати миллӣ ва пайванди рӯҳонию маънавии наслҳо саҳм мегузорад. Дар насри таърихӣ инъикоси образи намояндагони бузурги зиёиёни эҷодкор, шоирону нависандагон, равшанфикрон ва арбоби илму фарҳанг дар даврахои мухталифи таърихӣ инъикос меёбанд. Адиб бо офаридани симоҳои таърихӣ камолоти маънавии халқро дар гузашта ифода намуда, ҳодисаҳои таърихиро ба ҳадафи донистану шинохтани гузашта, баланд бардоштани худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ ва шукуфоии имрӯзу фардои миллат таҷассум менамояд. С. Улуғзода бо истеъдоди баланди эҷодии худ хонандаро марҳала ба марҳала ба даврони пурэъҷози Сомониён ва рӯзгори пурфоҷиаи устод Рӯдакӣ дар драмаи «Қисмати шоир», муборизаи беамони мардум алайҳи аҷнабиён дар қиссаи «Ривояти суғдӣ», зиндагиномаи пур аз кашфу эҷоди Ибни Сино, Ҳаким Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш, талошҳои ҷоннисоронаи Темурмалику Восеи диловар барои озодии халқу диёр аз ҷабру ситами ғосибон ошно намудааст. Ба таври дигар Улуғзода ба қаҳрамонҳои таърихии миллат дар адабиёт умри зиндаву абадӣ бахшид.

С. Улуғзода дар эҷодиёташ бо маҳорати баланди офарандагӣ сабку услуб ва шеваи навишти худро ба замонҳои мухталиф мутобиқ кунонида, забони эҷоди худро вобаста ба ҳар давра дигар кардааст. Аз ҷумла, агар мо дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» забону фарҳанги мардуми суғдиро дар давраи тоисломӣ ва муборизаи ҷавонмардонаи онҳоро бар зидди арабҳо шоҳид гардем, дар романи «Фирдавсӣ» андешаҳои адиб рӯи воқеоти таърихӣ ва ҳаёту рӯзгори яке аз донишмандони тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ тамаркуз намудааст. Дар драмаи «Темурмалик» ва романи «Восеъ» бошад, нависанда таърихи муборизаҳои адолатхоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷикро тасвир намудааст. Адиб бо офаридани асарҳои таърихӣ саҳифаҳои норавшан, вале пурифтихори халқи тоҷикро равшан намуда, бо заҳмату талошҳои ӯ симоҳои таърихию қаҳрамононаи Виркани диловар, Фирдавсии донишманд, Темурмалики мубориз ва корномаи Восеъро бо тобишу ҷилои тоза ба адабиёт ворид намудааст.

С. Улуғзода бо маҳорати баланди эҷодӣ забону фарҳанги ҳар давраи эҷоди худро ҷудогона тасвир намуда, хонандаро ба замонҳои ҷудогона мешиносонад. Дар асарҳои С. Улуғзода дар забони навишт ва гуфтори қаҳрамонон тафовути куллӣ ба назар мерасад. Чуноне таъкид намудем, адиб мувофиқ ба давру замон забони навишти худро мутобиқ кунонидааст. Масалан, дар повести «Ривояти суғдӣ» мо забону фарҳанги замони суғдиёнро мебинем, ки ба ҳамин давра хос гардонида шудааст. Дар асар нависанда таваҷҷуҳи асосиро ба рӯзгори суғдиёни тоисломӣ равона карда, аз рӯзгори онҳо ба хонанда қисса мекунад.

Дар «Ривояти суғдӣ» С. Улуғзода нахуст урфу одат, зиндагии маъмулӣ, сипас ҳуҷуми арабҳо, қаҳрамониҳои суғдиён, муборизаҳои онҳо баҳри ҳифзи сарзамини худ ва амсоли ин қисса мекунад. Дар ин асар нависанда дар робита ба хатти сужет хонандаро ба забону фарҳанги суғдӣ дар замони ҳуҷуми арабҳо ошно мекунад. Нависанда дар муҳовараҳо ва тасвири саҳнаҳо дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ урфу одат, ойин, рӯзгузаронӣ ва дар маҷмуъ ҳаёти суғдиёни тоисломиро тасвир намудааст.

Нависанда дар асар қаҳрамони асосиро паҳлавон ва чобуксавор тасвир намуда, ба ин восита фарҳанги зиндагии мардони суғдиро нишон додааст: «Дертар Вирканро мастии ҷавонӣ ва ғурури паҳлавонӣ ба васвасаи зӯрозмоӣ бо паҳлавони Суғд андохт. Ба ин вайро ёру ошноҳо низ якзайл тарғиб мекарданд: «Ту ба ин китфу ёл, бо ин зӯри паҳлавонӣ, ки дорӣ, ғолиб мебароӣ. Нахустпаҳлавонӣ ҳақи туст». Ҳатто мегуфтанд, ки агар вай аз хариди лавозимоти набард – сипар, кулоҳу ҷавшан андеша дошта бошад, онҳо тайёранд ин чизҳоро худашон шарикона барояшон бихаранд» [Улуғзода 2017, с. 22]. Дар ин ҷо нависанда ба он ишора мекунад, мардони Суғд бовиқору боғурур ва паҳлавону ҷасур буданд.

Чизи дигар, ки аз забону фарҳанги суғдиён дар асар ёд мекунад, ин расму ойини мардумӣ, аз ҷумла Наврӯз мебошад. Нависанда бо истифода аз сарчашмаҳо таърихи ҷашни ниёкон, Наврӯз ва тарзи ба ҷо овардани расму ойини онро бозгӯ намудааст. Чуноне адиб аз урфу одатҳои наврӯзи меорад: «. Агар дар майдон ба вай ғолиб ояд, худаш паҳлавони якуми Суғд мешуд. Ва ҳам мағлуб ба дасти ғолиб кушта мешуд» [Улуғзода 2017, с. 22].

Дар ин ҷо адиб ба таври возеҳ яке аз ҷашнҳои асосии даврони суғдиро ба тасвир фаро гирифта, онро дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ дар қолаби насри реалистӣ пешкаши хонанда намудааст. Ҳамин тавр, агар хонанда дар повести «Ривояти суғдӣ» агар бо ҳаёти тоҷикони қадим, тоисломӣ ва урфу одатҳои онҳо қабл аз ҳуҷуми араб ошно шавад, пас романи «Фирдавсӣ» бо таърихи асрҳои давраи исломӣ рӯ ба рӯ мешавад. С. Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» симои Фирдасиро чун шахси ватанпарасту эътиқодманди давлати овозадори Сомониён ба тасвир додааст. Нависанда ҳангоми офаридани образи Фирдавсӣ, замони зиндагӣ ва вазъияти иҷтимоии даврони ӯ, чун қиссаи «Ривояти суғдӣ» ба ҳақиқатҳои таърихӣ такя кардааст. Муҳокимаронихои С. Улуғзода ҳангоми офаридани романи «Фирдавсӣ» собит мекунад, ки нависанда аз ҳақиқати таърихӣ дур нарафтааст. Адиб дар романи мазкур Фирдавсиро дар вуҷуди худ ворид намуда, ҷараёни сужаро дар асар ба ихтиёри ӯ гузоштааст. Ба ин восита нависанда

бо истифода аз усулҳои адабӣ ҳама ҳодисоту воқеоти овардаро ба рӯзгори шоир бахшидааст. Чуноне аз муҳтавои роман бармеояд, нависанда ҳамвора бо қаҳрамони худ ҳамсуҳбат аст. Адиб кӯшиш намудааст, ки Фирдавсии воқеиро офарад. Аз ҳамин ҷо, адиб дар романи «Фирдавсӣ» дар баробари офаридани ҳаёт, забону фарҳанг, муносибат, ҳолати зиндагии шоир, инчунин шахсияти Фирдавсиро таърифу тамҷид намудааст.

Аз ибтидои роман нависанда ба инъикоси воқеаҳои таърихӣ оғоз кардааст. Дар қисмати аввали роман, ки «Хонаводаи деҳнишин» унвон дорад, нависанда дар бораи паноҳ бурдани Тӯси паҳлавон дар Хуросон аз ҷабри Кайхусрав нақл карда, аз зиндагонии шоир, воқеаи таърихии умр ба сар бурдани Фирдавсӣ бо ҳамсараш Фотимабону ва писараш Ҳушангу духтараш Манижа дар Бож ёдовар мешавад [Улуғзода 1988, с. 5-6].

Ҳамин тавр, дар роман як қатор саҳнаҳои таърихӣ мегузаранд, ки таърихи забону фарҳанги замони Фирдавсиро бозгӯ мекунанд. Ба фарқ аз повести «Ривояти суғдӣ» адиб дар романи «Фирдавсӣ» бештар ҳаёти қаҳрамони худро дар қаробат бо ҳукмронии шоҳон ва афроди илмдӯсту саводҷӯ тасвир намудааст. Агар дар повести «Ривояти суғдӣ» адиб дар тасвири худ бештар ба ҳаёти мардуми одӣ, урфу одат, анъанаҳои миллӣ пардохта бошад, ин махсусият дар романи «Фирдавсӣ» дида намешавад.

Фарқияти дигар таҷассуми забон ва тасвири фарҳанг дар повести «Ривояти суғдӣ» ва романи «Фирдавсӣ» дар он аст, ки дар повести «Ривояти суғдӣ» С. Улуғзода саҳнаҳо ва забону фарҳанги образҳоро дар заминаи воқеаҳо ва саргузаштҳои таърихӣ тасвир намудааст. Романи «Фирдавсӣ» бошад, аз адиб заҳмати бештарро тақозо намуда, назди ӯ масъалаи зинда гардонидани таъриху фарҳанги халқи худ ва ифшои ҳақиқати таърихро гузоштааст. Ба таври дигар «Ривояти суғдӣ» бештар моҳияти таърихӣ ва «Фирдавсӣ» ҷанбаи адабиро дар худ доро мебошад.

Аз асарҳои дигари С. Улуғзода, ки дар шакли драма эҷод шудааст, «Темурмалик» мебошад, ки ба корномаи Темурмалик ва муборизаи ӯ бар зидди

муғулон бахшида шудааст. Асари мазкур бори аввал соли 1969 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» нашр гардидааст. Мо аз китоби «Қиссаҳои драмавӣ»-и С. Улуғзода [Улуғзода 1984] истифода намуда, усул ва сабки навишт ва забону фарҳанги онро дар муқоиса ба дигар асарҳо дида мебароем. С. Улуғзода дар эҷоди драмаи «Темурмалик» аз асарҳои таърихӣ истифода намуда, муборизаи қаҳрамононаи Темурмалик ва сабабҳои асосии дар ростои лашкари муғул истодагарӣ карда натавонистан ва шикаст хӯрдани давлати бузурги Хоразмро хеле равшан ва муассир нишон додааст. Адиб қисме аз саҳнаҳоро дар Урганҷ ва қисмеро дар Хуҷанд тасвир намудааст, ки ба солҳои 1219-1221 рост меоянд. Сужети асар аз тасвири боргоҳи шоҳи Хоразм – Алоуддин Муҳаммади Хоразмшоҳ ва машварати ӯ бо амирону волиёни вилоятҳо ва лашкаркашону аҳли дарбор Алитегин, Шаҳобиддини хевагӣ, Хумортегин, Қутлуғхон, Инончхон, Эрбуқо, Урозмалик ва Шамсиддину Темурмалик оғоз мегардад. Персонажҳои мазкур ҳоҷиб, волӣ ва сарлашкарони халқу мамлакатҳои Бухоро, қипчоқ, туркман ва тоҷик буда, ишора бар он мекунанд, ки дар кишвари паҳновари Хоразмшоҳ халқиятҳои мухталиф зиндагӣ мекунанд. Бояд гуфт, фарқияти драмаи «Темурмалик»-и С. Улуғзода бо дигар асарҳои ӯ дар он аст, ки дар ин асар мо аз лиҳози иштироки персонажҳо дар сохтмони сужет ва моҳияти он фарқияти калон аст. Персонажҳое, ки дар асар ширкат мекунанд, иборат аз сарҳангон ва сарбозони муғул, Чингизхон, Чиғатой, Туқтуғон, Тайнал, Тухучар, Хутуху, сафири Чингизхон - Ибни Кафроҷ, савдогари хуҷандӣ Аҳмад, волии Хуҷанд – Темурмалик, ҳамсари ӯ Шаҳноз ва Маҳтоби каниз, духтарони Хоразмшоҳ – Хонсултон, Қамарулбанот ва Дурратулмулк ва дигарон мебошанд, ки асар бо иштироки онҳо моҳияти муборизаи таърихиро гирифтааст. Адиб бо истифода аз персонажҳои интихобшуда доманаи тасвир ва андешаи хешро вусъат бахшида, барои ошкор кардани моҳияти ҳодисаю воқеот ва ҳаматарафа офаридани симои қаҳрамони марказии асар кӯшиши зиёд намудааст.

Аз моҳияти драма ва ҳар як пардаи он бармеояд, ки дар ҳар бахши он воқеаҳои таърихӣ инъикос гардидаанд. Дар ин асар ҳам нависанда ҳангоми офаридани сужети бештар ба маълумоти таърихӣ такя намудааст. Хусусан,, дар

асар мо метавонем бо вазъи давлат ва давлатдории Хоразм дар замони ҳамлаи муғул, парокандагӣ ва нотифоқии ҳокимону амирон, имому қозӣ, шайхон ва хиёнати дигар бузургони давлат, ки адиб бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ рӯи варақ овардааст, ошно шавем. Адиб музаффариятҳои пайвастаи муғулон, шикасти шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Хоразму Хуҷандро бо маҳорати баланди нигорандагӣ табиӣ нишон додааст. Сужети асар аз омадани сафирони Чингизхон пас аз фоҷиаи Утрор ба дарбори Хоразмшоҳ оғоз мегардад [Улуғзода 1984].

С. Улуғзода барои эҷоди драмаи «Темурмалик» чун асари таърихӣ рӯзгор, замон ва муҳити даврро аз сарчашмаҳои эътимодноки таърихӣ омӯхта, бо огоҳии комил бо такя ба бурҳону далелҳои таърихии дар сарчашмаҳо ва китобҳои таърихӣ дарҷшуда, бо нигоҳи адиб дар як замон таърихнигорона офаридааст. Тафовути ин асари С. Улуғзода аз дигар асарҳои ӯ дар он аст, ки адиб бо диди фарох, вусъати андеша, матонат, мантиқи сухан, иштироки персонажҳо, инчунин натиҷагирӣ аз раванди воқеаҳо онро ба хонанда пешкаш намудааст. Мо аз асарҳои дигари С. Улуғзода дар мисоли повести «Ривояти суғдӣ» ва романи «Фирдавсӣ» дида баромадем, ки нависанда дар истифодаи маводи таърихӣ ва офаридани асарҳои бадеию таърихӣ таҷрибаи ғанӣ дошта, ин таҷриба дар офаридани драмаи «Темурмалик» низ ба таври аъло истифода гардидааст. Вале дар қиёс ба дигар асарҳои С. Улуғзода симои қаҳрамон – Темурмалик дар ин асар хеле фаъол офарида шудааст. Аз муҳтавои асар бармеояд, ки адиб Темурмалик, қаҳрамони асосии асарро дар баробари сарлашкари итоаткор будан, соҳиби андешаи комил, соҳибраъй, ботадбир, ташаббускор, қавиирода ва шуҷоатманд тасвир намудааст. Дар драмаи «Темурмалик»С. Улуғзода моҳияти масъалаҳоро бештар дар заминаи муҳокимаю мулоҳизаронихои мантиқии иштирокчиёни баён намудааст. Омӯзиши васеъ ва мутолиаи фарохи нависанда ба он боис гардидааст, ки дар асар иштирокчиёни персонажҳои бешумори сарлашкарони муғул, сужет, тасвири майдонҳои ҷанг ва мубоҳисаҳои таърихиро байни сарбозон дар асар ба амал орад. Фарқияти таърихии забон ва фарҳанги драмаи «Темурмалик» бештар дар он таҷассум меёбад, ки дар асари мазкур нависанда бештар ба саҳнаҳои таърихӣ –

ҷангӣ, муҳорибаҳо, гуфтугузорҳо дар бораи лашкаркашӣ, ҷанговарон, шоҳ ва амсоли ин таваҷҷуҳ намудааст.

Асари дигари таърихии С. Улуғзода романи «Восеъ» мебошад, ки адиб ин асарро дар шакли драма дар се парда ва 9 намоиш низ ба саҳна гузоштааст. Сабк, услуб, муҳтаво ва таҷассуми саҳнаҳо дар романи «Восеъ» дар қиёс ба дигар асарҳои адиб бо дигаргуниҳои куллӣ эҷод гардидааст. Романи «Восеъ» дар заминаи шӯриши Восеъ, ки соли 1888 дар Бухорои Шарқӣ ба амал омада, пояи ҳукумати Манғитияро ба ларза овард.

Дар насри бадеӣ асари калонҳаҷме, ки образи Восеъро ба тамоми паҳлу мавриди тасвир қарор додааст, романи «Восеъ» мебошад.

Романи «Восеъ»-ро С. Улуғзода дар заминаи омӯзиши таърихи муборизаҳои адолатхоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик эҷод намуда, дар он шӯриши мардуми тоҷикро бо сардории Восеъ таҷассум намудааст.

Аз рӯи жанр романи «Восеъ» асари таърихӣ буда, аз 33 боб иборат аст. Дар ду боби аввал нахуст ба симои манфӣ – Мирзоакрамбой ва баъд ба қаҳрамони асосӣ – Восеъ шинос мешавад. Ин ду образ аз аввал то охири асар иштирок намуда, дар ҳалли зиддият ва масъалаҳои асосии асар мавқеи марказӣ доранд.

Дар романи «Восеъ» С. Улуғзода хонандаро аввал ба амалҳои бади Мирзоакрамбой – мансабдори аморати Бухоро ошно намуда, сипас ба тасвири зиндагии Восеъ – марди кӯҳистонӣ ва аҳли оилаи ӯ мегузарад. Аз рӯи тасвири нависанда Восеъ дар зодгоҳи худ ба ҷувозкашӣ, бо роҳи ҳалол ва меҳнат зиндагиашро пеш бурд. Ӯ миёни мардум бо қавиродагӣ ва ёриву мададгорӣ дар байни ҳамдиёрон эътибори калон пайдо кард.

Аз сужети асар бармеояд, ки дар Бухорои Шарқӣ хушксолӣ ба вуҷуд меояд ва аҳволи мардуми меҳнатӣ сол то сол бад ва тоқатфарсо мешавад. Дар ҳамин вазъияти сангин барои аҳолии мавзеъҳои Ховалинг, Балҷувон ва Сарихосор амири нави Бухоро Абдулаҳадхон Мирзоакрамбойро мири Балҷувон таъин менамояд ва супориш медиҳад, ки аз аҳолӣ андози сесоларо ҷамъ намояд. Мирзоакрамбой молу пули зиёде сарф карда, ба ин мансаб соҳиб шуда буд. Бинобар ин,

дар бадали ду ҳафта хароҷоташро ду баробар рӯёнда, барои хазинаи амир ҳам ҳадяи муносиб тайёр мекунад. Ин амали беадолатона ва аз даҳони мардум кашида гирифтани охирин луқмаи нон косаи сабри аҳолиро лабрез мекунад ва боиси сар задани шӯриш мегардад. Деҳқонону чӯпонон ва дигар табақаҳои камбизоати аҳолии бекигарии Балҷувон бо калтаку шохину белу каланд ва тешаву табар мусаллаҳ гардида, «дод аз дасти манғит»- гӯён сарбозони беки Балҷувонро торумор мекунанд. Бек фирор мекунад ва амир Абдулаҳадхон ба кӯмаки мири шикастхӯрда ҳазор тан сарбози варзидаву мусаллаҳ мефиристад. Онҳо дар якҷоягӣ бо дастаи сарбозон аз ҳисоби ҳокими ҳисор Остонақул – қушбегӣ ба Балҷувон сафар намуд. Шӯришгарон ба муқобили сарбозони аз Ҳисор омада, мири Кӯлоб ва дастаи ғоратгари Туғай мардонавор меҷанганд, аммо бо белу каланд ба муқобили сарбозони мусаллаҳ истодагарӣ карда, оқибат шӯриш ба шикаст рӯ ба рӯ омад. Восеъро бо дӯстонаш Назир, Одина, Саид мерган, Нозим, ва Давлат Аюб дастгир намуда, аввалан ёронашро, сипас худашро ба ҳузури амир Абдулаҳадхон бурда, ба дор меовезанд [Улуғзода 1979, с. 39-40].

Мо дар романи мазкур ба воситаи образи марказӣ дар аввал ба фарҳанг ва расму русуми мардуми Дараи Мухтор, бахусус тарошидани ҷувозкунандаро ошно мешавем. Мо дар асар ба воситаи Восеъ ба саъю талош, меҳнат, паҳлавонӣ, ҳақиқату адолат ва амсоли ин хислатҳои мардуми Дараи Мухтор вомехӯрем. Фарқияти асари мазкур низ дар он аст, ки руҳияи образҳои мусбӣ дар доираи ғурур ва мардонагӣ тасвир ёфтаанд. Адиб дар такя бо сарчашмаҳои таърихӣ зиндагии пурмоҷарои сокинонро ва ҳисси худшиносии онҳоро дар симои Восеъ тасвир намудааст, ки махсусияти романи «Восеъ» дар қиёс ба асарҳои дар боло дидаамон мебошад. Дар асари мазкур мо ба меҳнатқаринӣ, ҳаёти маъмулии деҳотиён, урфу одат ва зиндагии ҳаррӯзаи онҳо ошно мешавем. С. Улуғзода дар заминаи омӯхтаҳои хеш сюжети асарро ба урфу одат ва фарҳангу забони қаҳрамонони хеш мутобиқ гардонидааст.

Ҳамин тавр, ҳар як асари Сотим Улуғзода аз маҷмуи сарчашмаҳои таърихӣ, ҳаводису манобеъ ва далоили таърихӣ маншаъ гирифта, дар алоҳидагӣ забону

фарҳанги миллати тоҷикро дар давраҳои мухталиф таҷассум менамоянд. Фарогирии мавзуи мазкур ба таври васеъ бо мисолҳо дар як зербоб маҳдудаи ба худ хосеро дорад, ки аслан дар ин бора боз ҳам густардатар ва фарогиртар сухан кардан мумкин аст. Аз натиҷаи масъалагузорӣ ва таҳқиқи мавзуъ дар риштаи фавқуззикр ба хулосаи мушаххас омада, дар ин заминатар бе ҳеҷ шакку тардид метавон гуфт, ки мазмуну мундариҷа ва тасвиру обуранги бадеӣ дар осори Сотим Улуғзода, услуби нигориш ва фарогирии вижагиҳои асили забон, факту далелҳои таърихӣ, ҳодисаҳои сарнавиштсози марбут ба шахсиятҳои намоён дар коргоҳи эҷодии адиб ҳамеша мукаммал, пурвусъат, дақиқу амиқ ва фарогир муаррифӣ мешавад. Маҳз барои ҳамин ҷанбаҳои гуногуни бадеӣ, тасвири таърихият ва ҷанбаҳои фарҳангӣ, арзишҳои милливу меъёрҳои иҷтимоӣ ва дигар махсусияти асарҳои адиб таҳқиқоти васеъ, гуногунпаҳлу, бисёрҷабҳа ва вобаста ба масъалаҳои гуногун пажӯҳиши ҷудогонаро тақозо менамояд.

Аз таҳлилҳо ва қиёсгузориҳо дар зербобҳои боби мазкур бачунин хулоса метавон расид, ки дар эҷодиёти Сотим Улуғзода принсипи таърихият, образи чеҳраҳои таърихӣ, таърихияти забон ва фарҳанг мавқеи намоён дорад.

Нависанда дар шакли бадеӣ як зумра қаҳрамонони таърихиро ба хонанда ошно намудааст. Аз эҷодиёти адиб бармеояд, ки ӯ ба таври бадеӣ таърихи тоҷиконро ба хонанда шиносонидан мехоҳад. С. Улуғзода ба ин восита дар инкишофи насри бадеии таърихӣ, махсусан, драмаҳои таърихӣ - тарҷумаиҳолӣ ҳиссаи босазое гузоштааст.

Дар эҷодиёти С. Улуғзода қаҳрамононҳо вобаста ба вақту замонҳои мухталиф ба насри бадеӣ ворид шудаанд. Аз ҷумла, дар повести «Ривояти суғдӣ» чун асари таърихӣ инъикоскунандаи ҷавонмардӣ ва қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик мебошад.

Нависанда дар эҷодиёти худ чеҳраҳоеро чун образ қарор дода аст, дар фарҳангу тамаддуни тоҷик ҷанбаи реалӣ доранд. Аз ҷумла, тасвири қисме аз қаҳрамонҳо дар повести «Ривояти суғдӣ» ҳамин ҷанбаро доро мебошанд.

Муҳтавои қиссаи «Ривояти суғдӣ» низ офариниши воқеии симо ва як давраи томи таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷикро бозгӯ мекунад.

Дар осори адиб таърихияти забон ва фарҳанг равшану возеҳ аст. Бахсус дар повести «Ривояти суғдӣ» дар муаррифии таърихи забон ва фарҳанги тоҷикони қадим саҳми арзанда дорад. Адиб дар ин асар урфу одат, ойину анъана ва таърихи забону фарҳанги тоҷиконро таърихнигорона ба қалам додааст.

Нависенда дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» чун асари таърихӣ ба забону фарҳанги суғдиён бо диди таърихнигорона назар карда, дар қолаби бадеӣ онро ба хонанда пешкаш намудааст. Адиб дар ин қисса воқеаҳои тахрихиро бо назокати баланд тасвир намуда, хонандаро бо забону фарҳанг, ҳодисаҳои таърихӣ ошно намудааст. С. Улуғзода дар повест моҳияти воқеа, ҳадафи ҳодисаҳо, фарҳангу ойин ва ғановати таърихиро дар қолаби бадеӣ тасвир намудааст.

Дар эҷодиёти адиб сарчашмаҳои таърихӣ, тасвири ҳаводису воқеаҳо ба марҳилаҳои гуногун ҷудо мешаванд, аз ҷумла даврахои тақдирсози таъриху тамаддуни тоҷикон аз давраи тоисломӣ, замони Сомониён, ҳуҷуми ваҳшатбори муғулҳо, салтанати амирони манғит ва давраи бозсозию бунёдкории тоҷикон. Нависанда кӯшиш намудааст, ки дар ҳар асари худ вобаста ба мавзуъ, забону фарҳанг ва айнияти зиндагии мардумро дар даврахои мухталиф фаро гирад. Ба ин восита таърихияти забону фарҳанг дар асарҳои нависанда дар даврахои мухталиф тасвир ёфтааст.

БОБИ III

ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРИ СИМОҲОИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

3.1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки садаи X дар таърихи адабиёт ва фарҳанги тоҷикон чун асри тиллоӣ ба шумор меравад. Зеро дар ин давра шоҳони Сомонӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ба сари қудрат омаданд ва бо омезиши фарҳанги гузаштаву замони худ забону адабиёти наверо ба вуҷуд оварданд, ки сабаби пойдории фарҳанг ва бақои миллати тоҷикон гардид. Ин қарн замони тавлид ва устувор гаштани тамоми соҳаҳои адабиёт чун марҳалаи ҷадид гардид. Мақоми адабиёт ба мартабаи иззат ва худогоҳии гӯяндагону ниёзмандон ва талабгоронаш баробар аст. Шеъру шоирӣ, аз ин сабаб, вақте рӯй ба зуҳур ва ташаккулу тараққӣ ниҳод, ки на фақат дар байни мардум шунаванда ва муҳиббон ёфт, балки онро аҳли ҳунару аркони давлат ва амирону подшоҳон ҳам дархост намуданд. Маҳз ҳамин давра дурахшонтарин чеҳраи адабиёти тоҷик, Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ба саҳнаи фарҳангу адаби тоҷик овард.

Сотим Улуғзода дар муаррифии шахсият зиндагии Рӯдакӣ саҳми бориз дорад. Ӯ аз зумраи он адибонест, ки адабиёту фарҳанги асрҳои X–XI тоҷик мавриди баррасӣ қарор додааст, вале дар аснои зиндагинома ва осори устод Рӯдакӣ мақоми алоҳидаро касб менамояд. Ҳамин таваҷҷуҳи хоссаи С. Улуғзода ва дигарон буд, ки имрӯзҳо рӯзгори Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ на танҳо ба мо, балки берун аз кишвари мо низ ошно мебошад.

Дар инъикоси таърихи адабу фарҳанги тоҷик дар асри XX баъд аз Садриддин Айнӣ, бешак, Сотим Улуғзода меистад.

Сотим Улуғзода ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд (1925-1929) ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик рӯ оварда, минбаъд он дар эҷодиёташ мавқеи асосиро касб кард. Аз ҷумла нависанда дар қисме аз қиссаи тарҷумаҳолии худ « Субҳи ҷавонии мо» бо номи «Халқи худро шинос» аз дарси

худшиносии профессори рус М. С. Андреев бо сипосгузорӣ чунин ёдовар шудааст: «Профессор ба мо аз таърихи Бухоро ва ривоятҳои оид ба пайдоиши ин шаҳр баъзе чизҳоро нақл кард. Баъд аз он аз талабаи бухорӣ боз пурсид:

– Ту Рӯдакиро шунидаӣ?

– Рӯдакӣ-мӣ? Аз одамҳо шунида будам: дар қадим ҳамин хел як валӣ гузашта будааст.

Профессор лабханде карду гуфт:

Не, вай валӣ набуд… Рӯдакӣ ҳамватани бузурги туст, вай бисёр одами аҷоиб буд… Вақте ки ту дар ин ҷо хонда, кӣ будани Рӯдакиро донистӣ, вайро дӯст хоҳӣ дошт» [Улуғзода 1982, с. 269].

Дар ҷойи дигар нависанда С. Улуғзода дар «Единение» ном маҷмуаи очерку мақолаҳояш таъкид мекунад: «Зиндагӣ ва эҷодиёти Рӯдакӣ таваҷҷуҳи маро ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба худ ҷалб намуда, дер боз орзӯ доштам, ки дар бораи осори ӯ чизе навишта образи ӯро ба тасвир биёрам. Ҳангоме ки соли 1956 дар хусуси Рӯдакӣ навиштани киносенария супориш баромад, ман бо хушнудӣ барои ин филм сенария навиштам» [Улуғзода 1963, с. 124]. Киносенарияи навиштаи С. Улуғзода «Қисмати шоир» ном дошта, ба муносибати 1100-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида шудааст.

Дуруст аст, ки мо ба ҳаёт ва фаъолияти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сараввал дар осори илмии Садриддин Айнӣ вомехӯрем, вале дар эҷодиёти С. Улуғзода ин таҳқиқ мукаммал ва пурра гардидааст. Махсусан образи Рӯдакиро Сотим Улуғзода дар драмаи «Рӯдакӣ» хеле хуб рӯи саҳна овардааст. С. Улуғзода баъд аз тадқиқотҳои илмӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ, ҷустуҷӯҳо ва омӯхтани мероси адабии шоир дар натиҷаи заҳматҳои зиёди фикрӣ образи Рӯдакиро дар драмае бо номи «Рӯдакӣ» соли 1958 офарид. Драмаи мазкур аз 4 парда ва 13 намоиш иборат буда, ба таъкиди Мусулмонқулов Р.: «Нависанда ӯро аз ҷавонӣ, ҳини ба дарбори Сомониён омаданаш то давраи пирӣ, аз дарбор ронда шуданаш, нишон медиҳад» [Мусулмонқулов 1992, с. 177].

Аз ин андешаҳо бармеояд, ки С. Улуғзода дар драмаи «Рӯдакӣ» қисмати асосии умри Рӯдакиро нозукона пешниҳод намудааст. Дар ин драма ақидаҳои адолатпарваронаи Рӯдакӣ дар гуфтор ва дар кирдор ба қалам дода шудааст.

Дар бораи забони драмаи «Рӯдакӣ» муҳаққиқи тоҷик М. Шакурӣ чунин менигорад: «Асар асосан, ба забони тоза ва софи имрӯза навишта шудааст, унсурҳои архаистӣ, ки драматург истифода намудааст, чунин унсурҳое нестанд, ки ба қонунҳои забони имрӯза тамоман зид ва ба тамошобин номафҳум бошанд» [Шукуров 1961, с. 37].

Воқеан, забони драмаи «Рӯдакӣ» содаю равон, образнок, шевою гуворо буда, ба рӯҳи таърихии асар ва замону макони воқеаҳо иртиботи комил дорад: «Амир ба шарафи фатҳи Нишопур маҷлиси зиёфат тартиб медиҳад. Вакили халифа ва дигар сафирони хоричӣ ҳозир хоҳанд шуд. Амир мунтазири қасидаи нав аст. Бояд бузургии давлати Сомонӣ, бузургии подшоҳи моро васф кард, ба илова ин ки Бухоро аз БаҒдод камтар нест ва билохир дувоздаҳ шоирро ба сари коғазу қалам нишондам, пагоҳ боз теша бар паҳлуи андеша мезананд, аммо натиҷае нест» [Мусулмонқулов 1992, с. 202].

Маҳорати баланди образофарии С. Улуғзода дар он аст, ки хонанда қаҳрамони асарро зинда фикр мекунад ва дар тасаввуру тахайюли хонанда лаҳзаву воқеаҳо, амалу рафтори персонажҳо, манзараҳо басо воқеӣ ва муассиру пуробуранг муҷалло мегардад. Аз ҷумла, дар тасвири Рӯдакӣ С.Улуғзода чунон маҳорати баланд нишон додааст, ки манзараи зиндаро пешорӯ қарор медиҳад. Хонанда дар тасвири Рӯдакӣ нафареро мебинад, ки гӯё бо нависанда, С. Улуғзода ҳамроҳӣ дорад. Аз ҷумла дар ин ҷо мебинем: «Як марди сабзинаи тануманд ва қоматбаланд, ба назар бисту ҳашт-сисола, дар танаш қабои кабудранг, дар сараш дасторчаи сафед ва ба дасташ варақҳои дарози қоғаз, назди як тӯда талабагон ва мударрисон истода, гарму ҷӯшон шеър мехонд. Ин кас Абуабдуллоҳи Ҷаъфар Рӯдакӣ буд» [Улуғзода 1975, с. 221].

Ҳамин вижагии тасвири С.Улуғзода аст, ки ӯ симои зоҳирии қаҳрамонро вобаста ба симои зоҳирии сокинони макони таваллудёфтаи қаҳрамон мушобеҳ

карда, ба қалам медод. Чӣ тавре ки имрӯз ҷавонони самарқандӣ қабои кабудранг ва дасторчаи сафед дар сар мепӯшанд, бо ҳамин пиндор симои Рӯдакиро тасвир кардааст, ки хело табиӣ баромадааст.

С. Улуғзода дар тасвири мавзеи қаҳрамони асари худ низ аз сарчашмаҳои таърихӣ ва ёдгориҳо суд меҷӯяд. Чунончи, аз тадқиқи археологӣ имрӯз пайдост, ки дар Самарқанд боқимондаи ҳисори баланд мавҷуд аст, ки ба ҳамон аср мутааллиқ мебошад. Аз ин ёдгорӣ истифода карда, дар тасвири Самарқанди асри IX гуфтааст, ки «бар болои шаҳр ҳисори баланди ҳокимнишин, ки дар замони Рӯдакӣ кӯҳандизаш мехонданд, ҳукмфармост…» [Улуғзода 1975, с. 221].

Азбаски аксари мардуми самарқандӣ сабзинаранганд, С. Улуғзода дар тасвири Рӯдакӣ ҳамин иртиботро дуруст дониста, шоирро «сабзина» (гандумгун) гуфтааст. Албатта ин ҷо пиндори шоир дар тасвири ӯ таъсир гузоштааст. Вагарна аниқ нест, ки Рӯдакӣ марди сафедпӯст буд ва ё сабзина.

Дар тасвири ҷавонмардии Рӯдакӣ, ки ангуштарини туҳфакардаи амирро бар ивази озод кардани деҳқонони як деҳа ба Ҷунайд медиҳад, навиштааст: «Ҷои ҳазл нест. Гиред! Нархи ин ангуштарин аз қарзи инҳо зиёдтар аст. Гиреду ҳамаашонро озод кунед» [Улуғзода 1975, с. 269].

Албатта, дар тасвири чеҳраи адабии Рӯдакӣ ва умуман, симои шоир ва муҳити рӯзгори ӯ С. Улуғзода дар заминаи асарҳои таҳқиқии хондааш ва дар асоси муҳтавои ашъори шоир, ки дар ҳамин мавзуъ суруда шудаанд, сурат гирифтаааст. Дар рӯзгори шоир муҳаққиқон гуфтаанд, ки Рӯдакӣ бадоҳатан шеър месуруд, С. Улуғзода низ овардааст: «Ман сари роҳ ин ғазалро бо оҳанги суруди вай сурудам. Шоир барбаташро гирифта, ба навохтан ва суруд гуфтан сар кард:

Гули баҳорӣ, бути таторӣ,
Набид дорӣ, чаро наёрӣ.
Набиди равшан, чу абри баҳман
Ба назди гулшан чаро наёрӣ?» [Улуғзода 1975, с. 222].

Дар тасвири боло нависанда қобилияти сурудхонӣ ва навозандагии шоирро низ ба қалам додааст, ки муҳаққиқон вобаста ба иттилои тазкираҳо ва ашъори

шоир дар ин бобат сухан кардаанд. Яъне, ҳамеша тасвири чеҳраҳои адабию таърихӣ дар насри С. Улуғзода ҳамрадифу ҳамҷавори иттилои сарчашмаҳои илмию таърихӣ қарор мегиранд, ки аз як ҷиҳат, ҷанбаи бадеиро қавӣ мегардонад, аз ҷиҳати дигар, образофари илмию бадеиро ба вуҷуд овардааст.

Аз забони персонажҳои дигар садои форам ва ҳунари мусиқинавозии Рӯдакӣ дар драмаи «Рӯдакӣ» борҳо такрор шудааст. Чунончи: «Дар он ҷо талабагон ва мударрисон бо шӯру ғавғо ба ҳофизи хушовоз таҳсину офарин мехонданд:

– Зиҳӣ, булбули хушхон!

– Чӣ овози ҷонбахше дорӣ, Ҷаъфар!

Шеърашро намегӯед! Аз шеъраш шакар меборад!» [Улуғзода 1975, с. 222-223].

Ҷасорати Рӯдакӣ дар драма борҳо ба қалам дода шудааст. Аввалин тасвири ҷасорати шоир дар мубоҳисаи ӯ бо Ҷунайд-висоқбошӣ, ғуломи сипаҳсолор Саҳл бинни Мансур, ки савори асп ба мадраса медарояд ба қалам дода шудааст:

« – Рӯдакӣ шумоед?

– Оре, манам, локин шуморо кӣ иҷозат дод, ки ба ин ҷо аспакӣ дароед?» [Улуғзода 1975, с. 223].

Дар он замон бо висоқбошӣ, чокари сипаҳсолор Саҳл бинни Мансур бо чунин ифода сухан карданаш ҷасорати ӯро ифода мекард, ки албатта, бо муболиға дар драма тасвир ёфтааст.

Дигар ҷасорати ӯ дар вақти аз Бону хосгор шудани Нигина аст, ки омадааст:

« – Бонуи олимақом…

Ман дар ишқи Нигина месӯзам, вай ҳам маро дӯст медорад. Чӣ мешавад, ки маро ба ғуломии худ қабул намуда, ба расму ойини мусулмонӣ сари дуи моро ҷуфт кунед» [Улуғзода 1975, с. 264].

Албатта, ҷасорати Рӯдакӣ дар муқобили Бону барин зан, беҳамтост. Зеро Бону бисёр бадҷаҳл, гапнодаро ва ишратпараст буда, ҳатто ба гапи шавҳари худ гӯш намедод. Нависанда гапнодароии Бонуро аз забони Балъамии вазир чунин ба қалам додааст:

« – Оре. Ман шояд дар ин кишвар ягона шавҳаре бошам, ки занам мегӯяд «ба кори ман дахл накун», – ҳасратомез гуфт Балъамӣ ва рафт» [Улуғзода 1975, с. 265].

Аммо Рӯдакӣ тирандозӣ наметавонистааст, ки ин паҳлуи қаҳрамони драмаи С.Улуғзода чунин тасвир ёфтааст:

« – Шоҳзода Нӯҳ пеш омада, нохост аз Рӯдакӣ пурсид:

– Камон андохтан метавонӣ?

Шоир аввал ҳайрон шуд ва баъд гуфт:

Камони ман шеър аст ва тирам сухан…» [Улуғзода 1975, с. 259].

Дар ин ҷо нависанда ду хислати шоир: ҳозирҷавобӣ ва камонвар набудани ӯро ба қалам додааст.

Дар муқаддимаи ашъори Рӯдакӣ Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммади Хуросонӣ бар он ақидаанд, ки «аз рӯи шеърҳои мадеҳавӣ ва ғаноии Рӯдакӣ ва навиштаҳои муаллифони тазкираву таърихномаҳо ҳукм кардан мумкин аст, ки вазъи зиндагӣ ва мартабаву манзалати шоир дар дарбор ниҳоят хуб ва дар неъмату фаровонӣ мегузаштааст. Шоир таронаҳои ошиқона месуруд, қасидаву мадеҳаҳо дар ситоиши амирону вазирон иншо мекард ва аз қадршиносии мамдӯҳон ҳамеша хурсанду мамнун буд. Дар қасидаи пирияш гуфтааст, ки сарвату моли ӯ бо давлати амирон баробарӣ мекардааст» [Рӯдакӣ 2007, с. 33].

С. Улуғзода бо назардошти ҳамин нуқтаи назар, ки таҳқиқи илмист, дар тасвири вазъи иҷтимоии Рӯдакӣ гуфтааст: «Аммо бидонед, ки Рӯдакӣ акнун бадавлат аст. Агар шумо бо лутфу марҳамати худ канизакро ба вай медодед, як кори хайр мекардед» [Улуғзода 1975, с. 265].

Дар драмаи «Рӯдакӣ» Сотим Улуғзода хислати ҳозирҷавобии шоирро дар мавриди саволи муҳассили мадрасаи Самарқанд чунин ба қалам додааст: «Ҳамин тавр бошад ҳам, аҷиб нест. Охир овозаи ту, Ҷаъфар, кайҳо ба Бухоро ҳам расидааст. Хусусан, баъд аз он ки амири шаҳир туро бори аввал дида пурсида буд: «Эй шоир, ба ман бигӯ, мард кист ва мардӣ чист?» ва ту бо вай бо шеър ҷавоб дода будӣ» [Улуғзода 1975, с. 223-224].

Дар мавриди дигар ҳини ҳамсафарии Маҷ, ки толиби илм буду мехост дар масҷид намоз хонад ва гуфт: «… ба шукронаи расидан ба дидори шумо имрӯз рӯ ба меҳроб кунаму ду ракъат намоз бештар хонам…

– «Рӯ ба меҳроб кунам», – лабханд карда, такрор намуд Рӯдакӣ. Ва тааммул карда, бадоҳатан ин мисраъҳоро гуфт:

Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд?
Дил ба Бухорову бутони Тироз!
Эзиди мо васвасаи ошиқӣ
Аз ту пазирад, напазирад намоз!» [Улуғзода 1975, с. 231].

Дар симои Рӯдакӣ нависанда на танҳо шоири қудратманд, ҳофизи хушсадо, балки як марди қавииродаро низ ба қалам додааст. Дар вақти ба Самарқанд омадани амаки шоир, ки мақсади ба деҳа бурдани ӯро дошт, чунин омадааст: «Чизу чораатро ғундор! – нохост амр кард пирамард ба Рӯдакӣ.

– Барои чӣ? – ҳайрон шуд шоир.

Ба Панҷрӯд меравем. Мадрасаро кайҳо хатм кардӣ, шонздаҳ сол дар шаҳр зистӣ, акнун бас аст!..

Ман Бухоро меравам. Инак, ба ман имрӯз аз Бухоро нома расид, шоир номаро нишон дод. – Маро ба он ҷо талабидаанд» [Улуғзода 1975, с. 226].

Дигар хусусияти Рӯдакӣ дар драма дар зеҳнияти қавии ӯ ифода ёфтааст. Дуруст аст, ки на ҳама шоирон ашъори худро аз ёд медонанд. Зеро аксари шоирон як қисми шеъри худро медонанд ва ҳатто дар мавриди хондани шеъри онҳо аз ҷониби дигарон, давоми шеърашонро пурсон шавӣ ба гумон аст, ки дар зеҳнашон бошад. Аммо Рӯдакӣ ашъори худро ба хубӣ дар зеҳнаш ҳифз карда буд. С. Улуғзода дар мавриди имоми деҳа, ки дар вақти коррезкании аҳли деҳа ба онҳо дар музофоти Самарқанд шеър мехонд, ин нуктаро сареҳан иброз дошта, чунин ба қалам додааст: «Имом ба овози баланд ва ҳаракатҳои ҷозибадор ба ҷамоат шеър мехонд… Рӯдакӣ наздик омаду гӯш андохт. Вай ба ғояти таааҷҷуб мижа мезад…

Назар чӣ гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст, – гуфта, имоми ҷавон ба хондани байти дигар шуруъ карда буд, ки нохост давоми шеърро Рӯдакӣ гуфт:

… Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷои гиёҳ,

Касе, ки огаҳӣ аз завқи ишқи ҷонон ёфт,

Зи хеш ҳайф бувад гар даме шавад огоҳ» [Улуғзода 1975, с. 228-229].

Паҳлуи дигари тасвири Рӯдакӣ ҳамчун чеҳраи адабӣ дар хислати бахшандагии ӯст. Рӯдакӣ дар тасвири нависанда зуд гуноҳи дигаронро мебахшад ва барои озод кардани асирон низ ангуштарие, ки инъом гирифта буд, ба сипаҳсолор медиҳад. Аз ҷумла, гуноҳи имоми самарқандиро, ки шеъри ӯро аз номи худ муаррифӣ мекард, бахшидааст: «- Хоҷа, аз гуноҳам гузаред, қариб гириста, тавба кард вай... Аз карда пушаймонам.

- Рӯдакӣ кифт ҷунбонида гуфт:

- Хуб, агар пушаймон шуда бошед, гап тамом» [Улуғзода 1975, с. 230].

Дигар сифати Рӯдакӣ дар ниҳоят хайрхоҳ будани ӯ инъикос ёфта, дар роҳи Бухоро Маҷро савори асп кардани он аст, ки, албатта, метавонист, асп дуи онҳоро дар он роҳи дароз то ба манзил нарасонад. Аммо ҳисси инсонсолории Рӯдакӣ то ба ҷоест, ки аз пайомади он ҳолат огаҳ буд, аммо натавонист, ки Маҷро дар ин роҳи дароз ва пурхатар танҳо гузорад: «Пас ба куҷо меравед? Ба Бухоро. Ман Бухороиям, толиби илм ҳастам, номам Маҷ…

Пас савор шавед, ҳамроҳ меравем, ман ҳам азми Бухоро дорам.

Ба ростӣ? – толиби илм ба шавқ омад» [Улуғзода 1975, с. 230].

С. Улуғзода Рӯдакиро дар мавриди суҳбат бо Аскофӣ ҷавонмарди боғурур нишон дода, пешниҳоди Аскофиро дар бораи котиби ӯ шудани Рӯдакӣ чунин ба қалам додааст: «Агар хоҳӣ, ба хизмати мо ой, котиби мо бош.

Рӯдакӣ ба даруни чашмони Хоҷа рост нигоҳ карда, бо ғурур ҷавоб дод:

– Ман фақат шеърҳоеро, ки дилам меписандад, нусхабардорӣ мекунам ва он ҳам танҳо барои худам...

Шоир бо ҳамроҳии Маҷ баромада рафт» [Улуғзода 1975, с. 233].

Нависанда дар ин ҷо Рӯдакиро на мағрур, балки бовиқор нишон додааст. Яъне, шоире, ки бо мақсади шоири дарбор будан аз ҷониби Балъамӣ даъват шуда-

аст ва ин қадар ҳунари волои шоирӣ дорад, мавриди таҳқири Аскофӣ қарор гирифта, аз ҳувияти худ дифоъ кардааст.

Хулоса, мақсади асосии Сотим Улуғзода дар драмаи «Рӯдакӣ» тасвир намудани шахсияти Рӯдакӣ ба сифати шоири тавоно мебошад, ки нависанда бо тамом дар офариниши он ба комёбӣ ноил гардидааст. Дар баробари ин, чунин хизмати боризу арзандаи Сотим Улуғзода буд, ки шоири маъруф ва асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс боз ҳам хубтару беҳтар шинохта шуд.

3.2. Вижагиҳои тасвири симои Шивоҷӣ чун чеҳраи фарҳангӣ

дар тасвири овозхони маъруфи Ҳиндустон Шивоҷӣ С. Улуғзода аз услуби нави нигориш ва то ҷое гуфтан метавон, ки аз таҷрибаҳои бисёрсолаи нависандагиаш истифода намуда, дар ифодаи ҳунари сарояндагии ӯ тасвири хос офаридааст. Чунончи, гуфтааст, ки «замзамаи оби чашмасорон ва ғулғулаи раъду барқ, амвоҷи баҳри тӯфонӣ ва чаҳчаҳӣ булбул-ҳама дар нағмаи ӯст» [Улуғзода 1975, с. 114].

Нависанда чунон нағмаи Шивоҷиро тасвир кардааст, ки баробари хондани ин ҷумлаҳо хонанда эҳсос мекунад, ки гӯё ҳамон нағмаи Шивоҷиро шунида истода бошад. Яъне, тасвири С. Улуғзода бисёр зинда, муассир ва ҳатто аз ҳолати воқеӣ бештар ба қалам дода шудааст, ки ин услуби хосси нависанда мебошад.

Ин маънои онро дорад, ки С. Улуғзода дар тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ кӯшиш кардааст, ки ҳунари онҳоро бештар ва пуровозатар инъикос намояд. Аз як тараф, мақсади нависанда дар ифодаи матлаби мазкур баланд бардоштани завқи эстетикии хонанда, маҳбубтар кардани ҳунарманд дар чашми хонанда, муаррифи бештари соҳибҳунар ба омма бошад, аз ҷониби дигар, нависанда мехоҳад, ки овозхонҳо дар ҳақиқат ҳамин тавр дорои ҳунари воло бошанд, бо ҳунари худ дар дилу дидаи мардум ҷой гиранд ва санъату ҳунари волоро новобаста аз нажоду миллат ва марзу бум тарғиб намудааст.

Сабаби дигари тасвири ҳунари волои Шивоҷӣ ва дар ҳадди ғулув инъикос кардани санъати ӯ дар он аст, ки ҳофиз ба мардум фақат шодӣ меорад ва аз дарду ғами халқ, шодию музаффариятҳои мардум месарояд. Яъне, овозхон низ мардумист ва ҳар гуна ҳунари мардумии асил ҷовидонагӣ дорад. Нависанда дар нотаҳои ором навохташавандаи Шивоҷӣ замзамаи оби чашмасорон, ки бо садои шав-шави якмарому хос равон мешаванд, дар зеру бами нағмаҳои сурудҳои Шивоҷӣ, ки нохун ба ситор мезанад ва садои нотаҳо ногаҳон баланд мешаванд, ғулғулаи раъду барқро инъикос кардааст.

Адабиётшинос Ш. Шарипов дар мавриди таҳқиқи тазкираи «Майхона», ки дар Ҳиндустон таълиф шудааст, нақли муаллифи тазкираро дар бобати зебоиҳои Ҳиндустон чунин овардааст: «Ҳаминро бояд афзуд, ки дар аввалҳои вуруди Абдунабӣ ба Ҳиндустон иртиботи равонии ӯ ба ин кишвар ниҳоят қавӣ буд ва гуфт, ки «ҳар кӣ як навбат гашти Ҳинд намуд ва баҳрае аз ин мулки файёз бардошт, вақте ки ба Эрон рафт, агар дар роҳи ин сарзамин ва ин билод намирад, албатта дар орзуи ин хоки мурод мемирад» [Шарипов Ш. 2019, с. 25].

Ҳадаф аз овардани истиноди боло дар он аст, ки дар асри XVI муаллифи «Майхона» дар тасвири мавзеоти Ҳиндустон зикр кардааст, ки агар касе он ҷойро набинад, як умр боармон хоҳад буд. Аммо дар асри ХХ С. Улуғзода дар мавриди садои ҳофизи ҳиндустонӣ - Шивоҷӣ гуфтааст, ки «ҳар кас боре суруди ӯро шунида бошад, солҳо дар нашъаи он аст ва агар ин саодат насибаш нашуда бошад, як умр дар ормон» [Улуғзода 1975, с. 114].

Яъне, гарчанде ки тасвири Фахруззамонии Қазвинӣ дар мавриди манзараҳои Ҳиндустон ва тасвири С. Улуғзода дар тасвири овози ҳофизи ҳиндустонӣ бахшида шуда бошанд ҳам, ҳарду аз калимаи «ормон» истифода кардаанд. С. Улуғзода ҳатто шунидани овози сарояндаи ҳиндустониро «саодат» мешуморад, ки аз як тараф, арзи эҳтиром ба халқи Ҳиндустон бошад, аз тарафи дигар, як василаи ифодаи дӯстии халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҳиндустон буд, ки асар дар ҳамон замон таълиф ёфтааст. Аз ҷониби дигар, арзи эҳтиромі баланди нависанда

ба сарояндагон буда, як навъ дилбастагии хосси ӯро ба санъат, ба хусус санъати ҳиндӣ ифода менамояд.

Сифати дигари Шивоҷиро нависанда дар достонсароӣ ва муғаннигии ӯ мебинад. Дар тасвири шахсияти Шивоҷӣ низ нависанда аз тозагии тасвир ва аз тарзи нави ифода истифода карда, дили ҳофизро бузург, кони савту наво, ганҷинаи ҳикматҳо гуфтааст [Улуғзода 1975, с. 114].

С. Улуғзода ҳатто ёди Шивоҷиро хазинаи ривоятҳо ва беҳамто номидааст. Дар зери ин тасвир, ки ҳамагӣ ду сархати хурдакакро фаро гирифтааст, нависанда тавонистааст, ки симои чеҳраи фарҳангӣ-Шивоҷиро бо тамоми ҳашамат ва бузургӣ нишон диҳад. Аз ин ҷост, ки ҳофизро ҳаким-ганҷинаи ҳикматҳо, донишманд-хазинаи ривоятҳо, бузург, хунёгар-кони савту наво номидааст [Улуғзода 1975, с114].

Шивоҷӣ дар тасвири нависанда на танҳо овозхони тарабфизо ва ҳаммароми мардум, балки сарояндаю созандаест, ки ба лашкар рӯҳи паҳлавонӣ ва размоварӣ эҳдо мекунад. Ҳофизест, ки шунавандаро ба шавқу сурур, ҳаяҷон ва ҳатто мубориза даъват менамояд. Аз ин ҷо чунин гуфтааст, ки «ҷанги қаттоле дар пеш аст, ки дар вай шояд кори муқаддаси сварач якрӯя гардад. Сипаҳсолор мехоҳад арафаи наҳзати калони худро ба маҷлиси самоъ, базм, айшу нӯш бахшад. Мехоҳад аз суруду нағмаи Шивоҷии беҳамто ҳаловат барад ва достони наверо, ки ҳофиз дар он рӯзҳо бастааст, шунавад. Охир, кадом сарояндаву созанда мисли Шивоҷӣ қодир аст шунавандаро ин қадар шавқу сурур, ҳаяҷон, рӯҳи паҳлавонӣ ва размоварӣ бахшад! Магар чунин ҳаяҷон ва чунин рӯҳия ҳоло ба Нанасоҳиб, ба саркардагон ва сипоҳиёни вай аз ҳарчи заруртар нест?» [Улуғзода 1975, с. 115].

Самоъ дар ҳолате рӯй медиҳад, ки инсон дар ҳолати вачд ва сурур қарор мегирад, худ аз худ мераҳсад ва ҳолати худро идора карда наметавонад. Нависанда таъсири суруди Шивоҷиро ба ҳамин самоъ шабоҳат додааст, ки шунавандаро беихтиёр ба сӯйи шавқу сурур, ҳаяҷон, рӯҳи паҳлавонӣ ва размоварӣ мекашонад.

Дигар вижагии тасвири нависанда дар мавриди инъикоси симои Шивоҷӣ ҳамчун чеҳраи фарҳангӣ дар он аст, ки гоҳ-гоҳ аз насри мусаҷҷаъ истифода карда, тасвири ҳолат ва воқеотро зеботар намудааст. Чунончи, гуфтааст, ки «як умр дар ормон», «Ҳиндустон дар ҷӯши исён», «ҳофизи номдори Ҳиндустон», «зери байрақи сварач ҳинду ва мусулмон», «зинда бод иттиҳоди халқҳои Ҳиндустон», «ҳамчун товусе дар селаи мурғон», «пешвозодаи мағрур ва лашкаркаши ғаюр», «Рао-соҳиби вакили молиёти кишвар», «сарлашкарҳо Бола Раои номвар», «Боба Бҳотаи диловар», «Тантия Топии сафдар», «Ҷавол Парасади гурди размовар», «Азимуллохони вазири донишвар», «Вазиуддини наттоқи суханвар», «эй ғосиб ва ғоратгар», «сардори шӯришгарони музаффар» [Улуғзода 1975, с. 114-116].

Хусусияти дигари тасвири нависанда дар истифодаи тасвирҳои парадоксӣ аст, ки ин гуна тасвир дар адабиёти тоҷик кам ба чашм мерасад. Масалан, С. Улуғзода ошӯб кардани мардуми Ҳиндустонро дар таркиби «алами исён барафроштан» изҳор доштааст

Аслан, алам барафрошта мешавад, аммо нависанда ба он тобиши услубию маъноӣ дода, «алами исён», яъне байрақи ошӯб бардоштанро истифода намудааст. Дар ҷои дигар «замин дар зери пойи ситамгарони англис даргирифта»-аст, гуфта, таркибҳои «ҳавои гудохта» ва «ҷӯшидани Ганг»-ро ҳам зебо ва бамаврид ба кор бурдааст [Улуғзода 1975, с. 114].

С. Улуғзода менависад, ки «суруди Шивоҷӣ хеҷ гоҳе монанди имрӯзҳо, рӯзҳои пурғавғои тобистони соли 1857, чунин пурсадо набудааст» [Улуғзода 1975, с. 114]. Дар ин ҷо низ аз таркибҳои «рӯзҳои пурғавғо» ва «рӯзҳои пурсадо» истифода кардааст.

Дигар хусусияти хосси тасвири нависанда дар мавриди инъикоси чеҳраҳои фарҳангӣ дар он аст, ки бисёр нозукона ва андак-андак аз ҳодисаҳои таърихӣ ва воқеот, вазъи иҷтимоии замон ёдрас ҳам мешавад. Чунончи, зикр шуд, аз ҳодисаи тобистони соли 1857, бедодии ғоратгарони фарҳангӣ ва ситамгарони англис дар ҳамон солҳо дар кишвари Ҳиндустон, иттифоқии ҳиндувону мусулмонҳо барои муборизаи якҷоя бар зидди душманон, мавзеи ҷуғрофӣ, аз ҷумла дар мавриди

Калкутта дар мавриди симои Шивоҷӣ ба қалам рафтааст. Дар ин маврид нависанда ёдрас шудааст, ки дар ҳамон солҳо Калкутта «мустаҳкамтарин урдугоҳи англисҳо ва муҳимтарин пойгоҳи ҳукмронии онҳо» будааст [Улуғзода 1975, с. 115].

Дар паҳлуи ин ҳама, нависанда аз урфу одат ва рамзи давлатдорӣ-парчами ҳиндувон ёдрас шуда, гуфтааст, ки «дар соҳили Ганги муаззам-дарёи муқаддаси ҳиндувон ба масофаи чандин кас чодарҳои ранг ба ранг зада шуданд, ки дар офтоби оташбори июлӣ медурахшанд. Дар мобайн ва гирду пеши чодарҳо филон, шутурон, говон, аробаҳо, бору бунаи гуногун, зину афзоли маркабҳо моломол ва дарҳам барҳам, тӯда-тӯда сипоҳиёни дасторбасар дар ҷунбишу тараддуд. Урдугоҳ кӯчи азими бодиянишинонро ба хотир меоварад» [Улуғзода 1975, с. 115].

Ҳамин тавр, нависанда дар як сархат аз «дасторбасарӣ»-и сипоҳиёни ҳиндӣ дар соли 1857, ки то имрӯз низ ҳамин рукни либоси низомиашон аст, «тӯда-тӯда» будани онҳо, воситаи нақлиёти онҳо – филон, шутурон, говон ёдрас шуда, аз ранги сурху сабзи байрақи Ҳиндустон ёд кардааст, ки имрӯз низ ҳамин рангҳоро дорост.

«Дар миёни урдугоҳ чодари рах-рахи сабзу сурху сафеди сипаҳсолор бо байрақи сурху сабзе, ки дар болои чодар лаппас мезанад, ҳамчун товусе дар селаи мурғон, назарраборт» [Улуғзода 1975, с. 115]. Истифодаи тасвири «товус дар миёни мурғон», агар аз як ҷиҳат матлаби нависандаро равшантар инъикос карда бошад, аз тарафи дигар муқоисаи байрақ бо чодарҳо ва аз нигоҳи тасвири нависандагӣ ифодаи «назаррабоӣ»-тасвири зебоии парчам аст.

Дигар хусусияти тасвири нависанда дар он аст, ки хосияти сипоҳи ҳиндуро дар ҳамоҳангии суруди Шивоҷӣ нишон додааст. Аз як тараф ифода кардааст, ки суруди Шивоҷӣ муассир аст, аз ҷиҳати дигар иброзе он таъриҳ аст, ки ҳиндувон пеш аз ҷанг суруду соз баланд карда, гӯш мекардаанд.

Дар баробари тасвири чеҳраи фарҳангӣ нависанда қиёфаи қаҳрамони худро бо маҳорати баланд ба қалам додааст, ки хонанда метавонад дар вақти хондан симои қаҳрамонро рӯи назар оварад. Чунончи, нависанда дар тасвири қиёфаи

Шивоҷӣ гуфтааст, ки «Шивоҷии солхӯрдаи мӯдарози паҳнриш бо созандагон нишаста, достони нави худро месарояд» [Улуғзода 1975, с. 116].

Нависанда дар баробари он, ки «овози шӯрангез»-и ҳофизи маъруфро борҳо сифат менамояд, матни суруди ӯро низ пурра нақл мекунад. Нақли пурраи матни суруди чеҳраи фарҳангӣ, ки даъвати мардум ба мубориза бар зидди инглисҳои ғоратгар буд, на танҳо ифодаи сиёсати Ҳиндустон, балки ифодаи сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳамон солҳо ба шумор меравад.

Дар матни суруди Шивоҷӣ таҳқири англисҳо, тарғиби корномаҳо, сифати муборизони роҳи озодӣ, иттиҳоду дӯстии халқу миллатҳо, якҷошавии динҳо, тасвири табиат, таърих, вазъи иҷтимоии замон, садоқати халқ ба Ватан бо эҳсоси баланд ифода ёфтааст.

Вале хиёнати писари Шивоҷӣ-Шондип ба Ватан вазъи овозхонро ором гузошта натавонист, ки дар тасвири нависанда садоқати Шивоҷӣ то ба ҳадде ба Ватан бузург аст, ки агарчи хиёнати писари ӯро Нанасоҳиб бахшида бошад ҳам, худи ӯ бахшида натавонист ва бо ханҷар писари худро қатл кард. Дар ин маврид нависанда садоқати беандозаи Шивоҷиро ҳамчун яке аз сифатҳои хосаи ин чеҳраи фарҳангӣ ба қалам додааст. Нависанда дар тасвири чеҳраи фарҳангӣ - Шивоҷӣ, ки писари ягона, нишон ва ёдгор аз худро бо дастонаш ба ҳалокат мерасонад, яке аз хислатҳои дигар-фидокории ӯро дар роҳи озодӣ ва истиқлол ба қалам дода, ҳамзамон, якрӯю якдил будани ӯро бозгӯ кардааст. Дар сурудҳои Шивоҷӣ ҳамеша садоқат ба Ватан, мазаммати хоин, мубориза бар зидди душман аз мафҳумҳои калидӣ буданд. Аз ин рӯ, дар ҳолати хиёнати фарзандаш ӯро бахшида натавонист, аммо ду дард: хиёнати фарзанд ва бо дасти худ нобуд кардани ӯро бардошта натавониста, вафот мекунад.

Дар симои Шивоҷӣ нависанда инсони меҳрубон, нисбат ба ҳамсараш вафодорро тасвир кардааст, ки пас аз хиёнати писараш бо худ чунин мегӯяд: «Оҳ, Радҳа, ёд дорӣ, мо бо ту аз писари ягонаамон чӣ умеду орзуҳои ширине доштем, чӣ нақшаҳои хуше дар ҳаққаш мекашидем! Доғи ту ҳанӯз синаамро месӯзонад.

Радҳа, лекин бубахш, ман дар ин лаҳза ҳатто шодам, ки ту рафтӣ ва нанги фарзандатро намебинӣ...» [Улуғзода 1975, с. 118].

Дар тасвири Шивоҷӣ нависанда ҷасоратро ниҳоят бузург нишон додааст. Зеро ҷасорати бузурги Шивоҷӣ маҳз тавонист, ки корд бар синаи фарзандаш занад ва аз забони қаҳрамони асараш гуфтааст: «На! Ту пешво, бахшида бошӣ, ман намебахшам! Хоин бояд бимирад! Ҳукм, ҳукми ман аст, дар ин боб ман аз ту муқаддамам, пешво, зеро ки ҳаётро ба вай ман бахшидаам. Ман ҳақ дорам он чиро, ки бахшида будам, пас бигирам» [Улуғзода 1975, с. 119].

Хулоса, дар тасвири Шивоҷӣ ба сифати чеҳраи фарҳангӣ нависанда аз насри мусаҷҷаъ, таркибҳои парадоксӣ ва ихтилофангез истифода кардааст. Тасвири С. Улуғзода бисёр зинда, муассир ва ҳатто аз ҳолати воқеӣ бештар ба қалам дода шудааст, ки ин услуби хосси нависанда мебошад.

Ҳамин тавр, С. Улуғзода дар тасвири Шивоҷӣ, овозхони маъруфи Ҳиндустон чун дигар офаридаҳояш муваффақ буда, ӯро нависанда достонсаро, муғаннӣ, сарояндаи бузург, кони савту наво, ганҷинаи ҳикматҳо, пешбаранда ва посдорандаи арзишҳои мардум муаррифӣ намудааст.

С. Улуғзода ҳатто ёди Шивоҷиро хазинаи ривоятҳо ва беҳамто номидааст. Нависанда тавонистааст, ки дар як мақолаи хурд чеҳраи фарҳангӣ - Шивоҷиро бо тамоми ҳашамат ва бузургӣ нишон дода, ҳаким, донишманд, бузург ва хумёгар номидааст.

Бо ҳамин тартиб, С. Улуғзода дар тасвири Шивоҷӣ ҳамчун инсони содиқ, меҳрубон, якрӯю якдил, муборизи роҳи озодӣ, хизматгори мардум, тарабафзои халқ ба қалам дода, симои ӯро чун шахси намунавӣ, ҳунарашро мояи тарғиб ва пайравию посдорӣ ва қобили омӯзишу тараннум ба қалам додааст.

3.3. Таҳрири образи Фирдавсӣ дар осори нависанда

Яке аз паҳлуҳои қобили диққат ва қобили таваҷҷуҳи С. Улуғзода дар он дида мешавад, ки адиб ба офаридани образи Фирдавсӣ яку якбора напардохта,

сараввал адиб достонҳои «Шоҳнома»-ро аз назм ба наср баргардонида, солҳои 1976-1977 дар ду китоб пешкаши хонанда кардааст. Ин ҳама пайвандгариҳо ба эҷодиёти Фирдавсӣ барои ташаккулу инкишофи образи шоири ҳамосасаро беасар набудааст.

Дар мавриди навиштани шеъру асарҳои бадеиву ҳунарӣ оид ба рӯзгору осор ва фаъолияти адабии чеҳраҳои фарҳангиву таърихӣ барои адабиёти тоҷику форс падидаи нав нест. Дар заминаи рӯзгору осор ва эҷодиёти ин ё он адиб даҳҳо осорро метавон номбар кард, ки ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ низ далели ин гуфтаҳо мебошад. Ба таъбири профессор Х. Асозода, «Чунин шуд, ки ин ровии Сосониёну Сомониён (Фирдавсӣ – Н.М.) дар садаи бистум боиси таваҷҷуҳи суханшиносони шеъру адаби форсии тоҷикӣ гардид, ки романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода аз намунаи беҳтарини ин осор хоҳад буд» [Улуғзода 2000, с. 51].

Соли 1986 романи «Фирдавсӣ» ба миён омад, ки он чун як навъ ҷамъбасти тамоми асарҳои адабии то он давра ба майдон омадаи нависанда буда, дар айни замон барои офариниши образи Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ «Шоҳнома» саҳифаҳои нав илова кард.

Ба андешаи мо, бузургтарин хидмати устод С. Улуғзода таълифи романи «Фирдавсӣ» маҳсуб меёбад. Насри тоҷик асареро ба ин бузургиву гаронсангӣ ёд надорад. Аз ҷониби дигар шахсияти Фирдавсӣ, мақому ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ андак нест. Гузашта аз ин, адибе, ки ба худ ҷуръати тасвири симои чунин бузургмардеро медиҳад, бояд фарогири донишу мутолиоти густурда, бохабар аз раванди рушду камоли фарҳанги ҳазорсола бошад. С. Улуғзода, бидуни шак, ҳамаи ин мазияту омодагиҳои лозимаро барои эҷоди чунин асаре дар ихтиёр дошт ва ошноии ӯ бо рӯзгору осори устод Фирдавсӣ аз замони хурдсолӣ шуруъ шуда буд.

Романи мазкур ҳангоми дар қайди ҳаёт будани муаллифи он се маротиба (матни маҷаллаи «Садои Шарқ». – 1986. – №11-12, нашри аввали китобӣ – 1988, нашри дуюми китобӣ – 1991) чоп гардидааст. Аз ин маълум мешавад, ки романи

«Фирдавсӣ» тавассути меҳнати пурмашаққати эҷодӣ ва донишандӯзии чандинсолаи С.Улуғзода ба табъ расидааст. «Навиштани романи «Фирдавсӣ», – қайд намудааст С. Улуғзода, – бароям кори осон набуд. Ва ман имрӯз ҳам, ки онро анҷом додаам, ба он сабук наменигарам. Он ҷустуҷӯҳою мутолиаи зиёде тақозо дошт. Дар сипардани ин марҳила мушкилоте беандоза раҳгирам карданд» [Раҳмонов Н. 1987, с. 3].

Маълум, ки то навиштани романи «Фирдавсӣ» ва тасвири образи шахсиятҳои бузурги адабӣ ва фарҳангию таърихӣ С. Улуғзода таҷрибаи зиёде ҳосил намуда буд. «Бинобар сабаб аз лиҳози донишу таҷрибаи касбӣ Улуғзода ҳамаи имконотро дошт, ки ба таълифи чунин як асаре (романи «Фирдавсӣ» – Н.М.) даст зада бошад» [Шарифов 2001, с. 136]. Ин аст, ки асари мазкур ва муаллифи он ҷойгоҳеро миёни фарҳангиёни ватанию хориҷӣ касб карданд.

Аҳаммияти эҷодиёти С. Улуғзода дар тадқиқу тасвири образҳои гузаштагон назаррас буда, далели гуфтаҳои фавқ образи Фирдавсӣ дар романи «Фирдавсӣ» мебошад.

Аз «Равзанаи меҳр» ном мақолаи мунаққид Ҷ. Бақозода бармеояд, ки С. Аюбов ном хонанда романи «Фирдавсӣ»-ро мутолиа карда, соли 1987 таассуроти худро ба воситаи мактуб ба нависандаи он иброз медорад. Ба ақидаи С. Аюбов, образи Фирдавсӣ чун симои ватанпарасту эътиқодманди давлати овозадори Сомониён дар асар пурра ба камол расидааст. Аммо, ба андешаи С. Аюбов ва адабиётшинос Х. Мирзозода дар «Романро проблема мебояд» (1989) ном мақолааш камбудии романи «Фирдавсӣ»-ро дар он мебинанд, ки С. Улуғзода мебоист Фирдавсиро сугвору дардкаши инқирози давлати овозадори Сомониён нишон медод. Сотим Улуғзодаро масъалагузорӣ ва муҳокимаронихои С. Аюбов ва профессор Х. Мирзозода водор намудааст, ки ба онҳо принсипҳо ва махсусиятҳои романҳои таърихиро шарҳ диҳад. «Ман (С. Улуғзода – Н.М.) ҳаҚ надоштам Фирдавсии хаёлие эҷод кунам. Бароям он Фирдавсие зарур буд, ки «Шоҳнома» эҷод карда ва тавре ки маълум аст, на ҳама номаҳо шоҳномаанд. Дар дарёфти сарчашмаҳо муайян сохтани муҳити иҷтимоии давраи зиндагонии он

абармарди сухан дар ҳудуди Тоҷикистон ва мамлакат адабиёти ночизу нокифоя арзи вуҷуд мекунад. Наметавонистам худсарона, бидуни далелу асос шоири бузургро сугвору дардкаши сукути Сомониён ба қалам диҳам» [Раҳмонов Н. 1987, с. 3].

Ба нокифоягии сарчашмаҳои таърихию адабӣ нигоҳ накарда, аз мулоҳизаҳои С. Улуғзода маълум мегардад, ки нависанда ҳангоми офаридани образи Фирдавсӣ, замони зиндагӣ ва вазъияти иҷтимоии даврони ӯ бо вазъ хеле хуб ошно аст. Барои аз воқеъияти таърихӣ дур нарафтану ҷанбаи таърихии асарро нигоҳ доштан С. Улуғзода ҷиҳати қонеъ гардонидани мусоҳибаш намоишномаи кинофилми муаллифи эрониро мисол оварда, таъкид мекунад, ки «дар он Фирдавсӣ ҷонибдор ва ҳаммаслаки Абуалии Симҷурӣ, ки бар зидди Сомониён исён карда буд» ёдрас месозад. Чунин муҳокимаронихои нависанда водор месозад, ки ҳангоми офаридани чеҳраҳои фарҳангию таърихӣ, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ» заррае аз ҳақиқати таърих, ҳарчанд ки адабиёти бадеӣ ин ҳуқуқро дорад, берун набаромадааст.

Дар романи «Фирдавсӣ» С. Улуғзода талош варзидааст, ки бадеият ва таърихро дар симои адиб ва шахсияти таърихии асри IX-X барои хонандаи замон ва даври худ (асри XX) ба қалам диҳад. С. Улуғзода дар асари мазкур забони адабиро бо истифода аз гӯишҳо дар муколамаҳо ва аз забони қаҳрамонҳо омезиш дода, кӯшидааст, ки ду ҳадафро ба нишон расонад:

1. Мазмуни асар ба завқи бадеии хонандаи муосир баробар бошад ва ё он ки он қадар дур набошад.

2. Ҳаёти тасвирёфтаи қаҳрамон дар роман аз ҳаёти мардуми шаҳр ва музофоти ҳамасри нависанда дур намонад. Ин ба хотири воқеиятбинона ва табиӣ тасвир ёфтани сужаи роман аст. Аз ин рӯ, нависанда бештар аз ҳолат ва ашёе кор гирифтааст, ки ба хонандаи муосир низ фаҳмост. Аммо гоҳо он мақом, мансаб ва ҳолате, ки ба забони Фирдавсӣ хос буд, дар ҳамон шакл ифода ёфта, аз тарафи С. Улуғзода ташреҳ ёфтаанд. Масалан, дар замони Фирдавсӣ вилоят ба маънои дигар ифода гардида, дар замони муосир ин вожа воҳиди марзию маъмурии ҳуқуқии

муайянро ифода мекунад. Ё «Тӯс ва рустоҳо-деҳкадаҳои атрофи он…», «онҳо деҳқонон-мулкдорони калон…» [Улуғзода 1988, с. 5], «дар боғ як дар хонаи пешайвондор – ҳуҷраи кори шоир» [Улуғзода 1988, с. 6]-ро навишта, дар баробари онҳо бо назардошти сатҳи тафаккури хонандаи асри ХХ ва истифодаи вожаҳои барои ин давр номафҳумро корбаст карда, онҳоро шарҳ додааст.

Чунин ба назар мерасад, ки С. Улуғзода Фирдавсиро то ба ҳадде дар вуҷуди худ ҷой додааст ва он қадар амиқ шинохтааст, ки дар романи мазкур ҳампаҳлуи достони «Рустам» достони «Фирдавсӣ»-ро офарида, ҷараёни сужаро дар асар ба ихтиёри Фирдавсӣ гузошта, ҳама гуна усулҳои адабии романро ба тағйири ҳодисоту воқеоти рӯзгори адиб марбут донистааст ва риштаи тақдири қаҳрамононро ба ихтиёри ӯ вогузоштааст. Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ бештар бо образҳои худ суҳбат меорост ва боризтарини онҳо суҳбати ӯ бо Рустам буд ва ҳамин гуна дар романи «Фирдавсӣ» С. Улуғзода ҳамвора бо Фирдавсӣ ҳамсуҳбат аст ва гӯё ҳарду ҳамсафар ва ҳамроз бошанд, ки гоҳо онҳоро аз ҳам ҷудо кардан ниҳоят душвор мегардад. С. Улуғзода хеле эҳтиёткорона бо Фирдавсӣ мулоқот мекунад. Нависанда бо ин тариқ Фирдавсии хаёлӣ не, балки воқеиро офаридааст. С. Улуғзода дар офаридани образи Фирдавсие, ки «Шоҳнома» эҷод кардааст, воқиятро бештар мехост ба қалам диҳад. Ҳоло он ки як қисми достонҳои «Шоҳнома», ба хусус симои Рустам асотирӣ, мифӣ, хаёлӣ буданд, ҳарчанд ки ҳунари волои соҳиби «Шоҳнома» ӯро ба ҳақиқат наздик овардааст. Аз ин ҷо Фирдавсии воқеӣ офаридани нависанда кори душвор буд ва ба вижа зиндагиномаи шоирро ба ҳақиқат табдил додан, нуқтаҳои ҳассоси ҳаёти шоирро ҳассосона ба қалам додан, албатта, аз С. Улуғзода заҳмати зиёд ва ранҷи эҷодиву ҳунариро тақозо мекард. Агар дақиқтар ба романи «Фирдавсӣ» назар афканем, асарест, ки аз як ҷониб ҳаёти шоирро ба қалам дода бошад, аз ҷониби дигар «Ситоишнома»-и Фирдавсӣ аст.

С. Улуғзода номи романро «Фирдавсӣ» гузоштааст, ки албатта, тахаллуси адабии шоир аст. Назар ба эътирофи Абдураҳмони Ҷомӣ шоир баъд аз он, ки ба маҷлиси Султон мушарраф гардида, қабули назари ӯ мешавад, аз ҷониби шоҳ

чунин баҳоро мебинад: «Маҷлиси моро Фирдавсӣ сохтӣ». Ва ҳамин арзёбӣ боиси он гардид, ки Абулқосим «Фирдавсӣ» тахаллус кард ва «Шоҳнома»-ро бо номи мустаор иртибот бахшида, гӯё тасвирҳову чеҳраҳои фирдавсрӯе офарид, ки воқеан, маънану мантиқан зебову дилкашанд, чун Рустаму Суҳроб, Таҳминаву Гурдофарид ва Манижаву Қатоюн ва ғайра [Асозода 2001, с. 54].

Романи «Фирдавсӣ» аз нигоҳи нигориш ба «Шоҳнома», монандиҳои зиёд дорад, ки нависанда дар вақти навиштани асар ба ин хусусият диққат кардааст. Асозода Х. дар ин маврид гуфтааст, ки «бо сифати китоби хирад ва дафтаре ба навъи зиндагиномаи бузургмардони фарҳангӣ шинохта шудааст. Метавон гуфт, ки ин асар дар адабиёти садаи бисти форсии тоҷикӣ падидаи адабии нотакрорест» [Асозода 2001, с. 54].

Аз ибтидои романи «Фирдавсӣ» нозукона нависанда ба инъикоси воқеаҳои таърихӣ оғоз кардааст. Дар қисмати аввали роман, ки «Хонаводаи деҳнишин» унвон дорад, нависанда дар бораи паноҳ бурдани Тӯси паҳлавон дар Хуросон аз ҷабри Кайхусрав нақл карда, аз зиндагонии шоир-воқеаи таърихии умр ба сар бурдани Фирдавсӣ бо ҳамсараш Фотимабону ва писараш Ҳушангу духтараш Манижа дар Бож ёдовар мешавад [Улуғзода 1988, с. 5-6].

Ҳодисаи дигари таърихӣ ба Абуалии Симҷурӣ-ҷонишини подшоҳи Сомонӣ дар Хуросон тааллуқ дорад, ки аз пушти ҳокимони вилоятҳо дар ҳамон давра ҷосусони махфии худро гузошта будааст. Маҳз бадгумонии ҳамин Абуалии Симҷурӣ боис гардида, ки дар Тӯс мардум бар зидди зимомдорон шӯриш кардаанд.

Ҳодисаи дигари таърихӣ дар роман ҳокими Тӯс таъин шудани Ҳусайни Қутайб мебошад, ки ба ҷои Меҳрон ба ин мансаб таъин гардида буд. Дар роман чунин ифода ёфтааст: «Қутайб ба Нишопур омада, чанд гоҳ дар девони иншои валӣ хизмат кард ва сониян Симҷӯрӣ девони рисолати худро ба вай дод. Меҳрон аз ҳокимии Тӯс маъзул шуда буд, ки сипаҳсолори Хуросон ба ҷои ӯ Ҳусайни Қутайбаро таъин кард» [Улуғзода 1988, с. 54].

Ҳодисаи дигари таърихӣ дар роман чунин ифода ёфтааст: «Дар пойтахти ҷонишинони пайғамбари ислом ба қабули ҳазрати Муҳаммад ибни Исмоили Аскофӣ (лақаби дигараш Муваффақ) мушарраф шудан осон набуд. Ноиби «шоҳаншоҳ» (амир Баҳоуддавла худро шоҳаншоҳи Эрон эълон карда буд) дар сарои махсуси воқеъ дар соҳили Дачла истиқомат мекард. Ду ҳазор сарбози савора ва садҳо мулозиму хизматгор дошт ва дар ҳақиқати амр ҳокими Бағдод ӯ буд, зеро ҳукмдорони эронии мансуб ба хонадони Дайламии Бувайҳӣ дар соли 945 Ироқи Арабро, ки Бағдод дар вай аст, забт карда буданд; амир Баҳоуддавла ҳамчун мусулмон расман мавлои халифа бошад ҳам, аслан халифа дастнишондаи ӯ буд. Халифаи пир Алқодир бе савобдиди Баҳоуддавла ва ноиби Аскофӣ коре карда наметавонист» [Улуғзода 1988, с. 75].

Ин воқеа ба ҳодисаи таърихии соли 945 далолат карда, инъикоси бадеии воқеаи таърихӣ ба шумор меравад.

Дар ҷои дигар нависанда аз ҳукмронии Маҳмуд-писари Сабуктегин-волии Хуросон, ҳодисаи дигари таърихӣ ёдовар шуда, навиштааст: «Имрӯз вазъи Хуросон чӣ гуна аст? Волӣ Маҳмуд-писари Сабуктегин аст? Ӯ чӣ касест? Падараш турк» [Улуғзода 1988, с. 78].

Ҳамин тариқ, ҳодисаҳои таърихӣ дар роман гарчанде ки бо забони бадеҳият нигошта шудаанд, аммо ҳақиқати таърихиро воқеъбинона инъикос кардаанд.

Ҳодисаи дигари таърихӣ, ки дар саросари адабиёти тоҷик машҳур аст, тақдими «Шоҳнома» аз ҷониби Фирдавсӣ ба султони Ғазна Маҳмуд ибни Сабуктегин мебошад. Гарчанде ки ҳодисаи мазкур бо чанд шакл дар байни мардум машҳур аст, аммо тасвири бадеии он дар роман ниҳоят ҷаззоб буда, чӣ тавре ки «Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм» аст, ҳамин гуна хашми ҳар як хонанда, ҳатто насли имрӯзи Маҳмудро нисбат ба Маҳмуди Ғазнавӣ барангехта, ба хашм меорад.

Ҳодисаи дигари таърихӣ мулоқоти шоир бо адибони дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ: Унсурӣ, Лабибии Адибӣ, Фаррухии Систонӣ буда, рақобати байни адибонро нависанда, ки худ адиби нотакрор аст, воқеъбинона ба қалам додааст.

Ҳамин тариқ, С. Улуғзода, ки аз насри реалистии рус огоҳ шуда буд, тариқи воқеънигориро низ аз русҳо дар насри бадеӣ омӯхта, пайравӣ кардааст. Аммо дар зинда гардонидани таърихи халқи худ, ҳақиқати таърихиро ба қалам додан ба устоди худ С.Айнӣ пайравӣ кардааст. Устод С. Айнӣ ба масъалаи зинда гардонидани таърихи халқи худ ва ифшои ҳақиқати таърихӣ бисёр диққати ҷиддӣ дода, дар бораи рӯзгор ва осори Рӯдакию Фирдавсӣ ва Синову Саъдӣ асар эҷод кардааст.

Эҷодиёти С. Айнӣ дар бораи адибони мазкур, аз як ҷиҳат, паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва осори адибони мазкурро равшан инъикос карда бошад, аз ҷиҳати дигар, як қатор ҳодисаҳои таърихиро таҷассум намудааст.

С. Айнӣ мехост, ки гузаштаи мардуми бофарҳанги тоҷикро дар симои бузургони илму адабаш ба таври воқеӣ дар асарҳояш инъикос кунад. Аммо бар асари режими сиёсии даврони зиндагонии С. Айнӣ ӯ натавонист, ки тамоми симоҳои адабии адибонро пурра ба қалам диҳад. С. Улуғзода тавон

истааст, ки як қатор ормонҳои устод С. Айниро, ба хусус тасвири воқеии симоҳои адабӣ ва фарҳангии миллиро ба таври бояду шояд инъикос намояд.

Барои офаридани симои Фирдавсӣ дар як роман танҳо донистани рӯзгори шоир басанда набуд. С. Улуғзода комёбии дигаре, ки барои офаридани романи «Фирдавсӣ» насибаш гардид, ба наср баргардонидани «Шоҳнома» буд. Дар вақти баргардони «Шоҳнома»-и назмӣ ба «Шоҳнома»-и насрӣ С.Улуғзода ба раванди таърихии ҳаёти халқи худ ошноии комилтар гирифт. Ба ҳодисаҳои фоҷеабори миллат ошно шуд. Ҷабри таърихии миллатро аз «Шоҳнома» дарёфт. Пас аз муносибати бисёр золимона ва хунсардонаи Ғазнавиён, ҳодисаҳои дигари бераҳмонаи таърихӣ нависанда дар зеҳни худ қолаби романи мазкурро тарҳрезӣ намуд. Бар бод рафтани заҳмати 30-35-солаи як нафар адиби бузург нависандаро ҳамчун адиб бетафовут гузошта наметавонист. Ба қавли муҳаққиқони аврупоӣ «Шоҳнома» романи дар шакли шеърӣ навишта шудааст. Аз як ҷониб ба наср гардонидани «Шоҳнома» хизмати дигари бузурги С. Улуғзода ҳам барои адабиёти мо ва ҳам барои наслҳои имрӯзу фардост. Зеро як қисми калони ҷомеа насри С.

Улуғзодаро, яъне «Шоҳнома»-и ба наср баргардонкардаи С. Улуғзодаро бештар аз шакли назмии он мефаҳманд. Ҳамин нуктаро нависанда дарк карда, «Шоҳнома»-ро ба наср баргардон кардааст.

Рӯзгору осор ва саҳифаи зиндагии Ҳаким Абулқосим Ҳасан ибни Исҳоқ ибни Шарафшоҳ Фирдавсӣ кайҳост, ки диққати арбобони машҳури сиёсӣ, адабию фарҳангӣ ва мутафаккирони бузурги Шарқу Ғарбро ба худ ҷалб намудааст.

Аввалин андешаҳо дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ҳанӯз дар замони худи шоир ба вуҷуд омадаанд. Сипас, ҳаёт, шахсият ва корномаи эҷодии Фирдавсӣ чи дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва чи дар Эрон дар арафаи ҷашни ҳазораи зодрӯзи шоир соли 1934 оғоз ёфтааст. Таваҷҷуҳи Сотим Улуғзодаро ин чеҳраи адабию фарҳангӣ ва таърихӣ хеле барвақт, ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба худ ҷалб намуда будааст. Р. Мусулмонқулов қайд мекунад, ки «Ҳанӯз ҷавон буд (С. Улуғзода – Н.М.), ки диққаташ ба ҳамосаи безавол ҷалб шуд. Дар соли 1934 дар Съезди якуми нависандагони тоҷик якшаба маҷлиси Съезд ба Фирдавсӣ бахшида шуда буд. Дар он маросим суханронии Лоҳутӣ, Фитрат, Айнӣ, қироати ҷозибаноки Лоҳутӣ аз «Шоҳнома» ва қироати Раҳим Ҳошим ҳаҷви Султон Маҳмудро ба С. Улуғзода таъсире кардаанд, ки аз он пеш ҳеҷ як хониши шеъру достонҳо ва суханрониҳо дар бораи шоирон он гуна муассир набуданд» [Мусулмонқулов 1992, с. 192].

Дар бораи романи «Фирдавсӣ» ақоиди муҳаққиқон гуногун аст. Аз ҷумла Х. Асозода гуфтааст, ки «матлаб аз эҷоди романи «Фирдавсӣ» аввалан ҷовидонӣ сохтани номи соҳиби «Шоҳнома» будааст» [Асозода 2001, с. 55]. Албатта, ба ин назар наметавон мувофиқ буд. Зеро номи соҳиби «Шоҳнома» то эҷоди асари мазкур ҷовидона гардидааст ва ҳанӯз ҳам бо ин қадар ҳунари адабӣ романи «Фирдавсӣ» шуҳрати зиёд надорад ва ақалан даҳ фисади шуҳрати «Шоҳнома»-ро фарогир нест.

А. Мирзоев гуфтааст, ки «осон аз он, ки «Шоҳнома» барои мардуми тоҷик ва ҳамаи форсизабонони ҷаҳон як асари ба қалби ҳар як ошност, зеро ҳама достонҳои маъруфтарини онро аз овони кӯдакӣ аз забони модару модаркалон ва

падару бобоёнамон бисёрҳо шунидаем, ҳамчунин дар китобҳои осори омиёна, яъне осори даҳонии мардум (фолклор) достонҳои қаҳрамонӣ ва ишқии дилчаспи онро дида ва такрор ба такрор хондаем. Илова бар ин дар ҳама маҳалҳои тоҷикнишин ва дигар кишварҳои ҳамҷавор маҳфилҳои шоҳномахонӣ ҳам ба назм, ҳам ба наср дар тӯли қарнҳо маъмул буда, баъзе лаҳзаҳои ҷудогонаи қисса бо саҳнаҳои махсуси ҳунарӣ намоиш дода мешавад» [Мирзоев 2007, с. 6].

Андешаҳои А. Мирзоев бори дигар шаҳодати он аст, ки С. Улуғзода дар ҷовидонӣ сохтани номи соҳиби «Шоҳнома» коре ҳам карда наметавонист. Зеро «дар ҳама маҳалҳои тоҷикнишин ва дигар кишварҳои ҳамҷавор маҳфилҳои шоҳномахонӣ ҳам ба назм, ҳам ба наср дар тӯли қарнҳо маъмул будааст. Аммо ба гуфтаи Х. Асозода метавон ҳамфикр шуд, ки гуфтааст: «Баъдан, ҳамон навъе, ки Фирдавсӣ дар паҳлуи «Шоҳнома» шуҳратёр гардид, С.Улуғзода низ ҳамин орзуро дар худ мепарварид ва профессор Х. Шарифов дуруст дарёфтааст, ки бо «офаридани нақши Фирдавсӣ мақому ҷойгоҳи адабие барои худ» устувор кардан хостааст» [Асозода 2001, с. 54].

Дар ҳақиқат, мароми аввали С. Улуғзода на «ҷовидонӣ сохтани номи соҳиби «Шоҳнома» будааст», зеро нависанда медонист, ки номи Фирдавсӣ ҷовидона аст ва ӯ дар роҳи шинохти Фирдавсӣ коре ҳам карда наметавонад. Аммо матлаби баъдӣ, дар паҳлуи шоири ҷаҳонӣ шинохта кардани номи худ мақсади асосии нависанда будааст, ки ин нуктаи назар дар асарҳои Х. Асозода ва Х. Шарифов ба чашм мерасанд.

Х. Асозода қайд кардааст, ки «мегуфтем, ки Рустами Достон офаридаи хосси Фирдавсист, акнун дар садаи охир метавон гуфт, ки «Фирдавсӣ» офаридаи ҷолиби С. Улуғзода мебошад» [Асозода 2001, с. 55].

Дар масъалаи шинохти Фирдавсӣ аз ҷониби С. Улуғзода афкори зиёди адабиётшиносон ва муҳаққиқон ба чашм мерасад. Дар масъалаи «Шоҳнома» адабиётшиносони мо К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Мирзоев, Х. Шарифов, М. Муллоаҳмадов, А. Сатторзода ва дигарон пажӯҳиши пурмоя кардаанд. Х. Асозода гуфтааст, ки «дуруст аст, ки аз «Шоҳнома» мухлисони Фирдавсӣ ва дар маҷмуъ,

халқ ҳимоят мекунад, чӣ хеле, ки дар умум, дар поёни румон метавон хонд: «таъсири афкори халқ буд, ки шоирро дӯст медошту дӯст медорад...» [Асозода 2001, с. 55].

Дар масъалаи шинохти «Шоҳнома» ва романи «Фирдавсӣ», бо он ки дар боло зикр рафт, ақидаи зиёди муҳаққиқон ва адабиётшиносон мавҷуд бошад ҳам, наметавон ба ин андешаи Х. Асозода розӣ буд, ки гуфтааст: «Лекин гап дар ин аст, ки «Шоҳнома» асари тақдирсоз буд ва ин тақдир он вақт зоҳир гардид, ки он таҳқир дид. Тасаввур кардан мумкин аст, ки агар «Шоҳнома» ба осонӣ боиси қабули ҳокимони давр мешуду ба ҳеҷ хел муқобилияти фарҳангиёни замон дучор намеомад, гумон буд, ки бо ҳамон қадар арзишмандиаш, дар тӯли ҳазор сол боиси гуфтугӯи умум шуда метавонист» [Асозода 2001, с. 55].

Дар таърихи адабиёти тоҷик асарҳое мавҷуданд, ки ба ягон амиру шоҳ бахшида нашудаанд, аммо аз ҷониби амирону шоҳон хуш истиқбол гирифта шуда, шуҳрати зиёд пайдо кардаанд. Ба монанди «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ, девони Ҳофизи Шерозӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ ва амсоли онҳо. Яъне, «Шоҳнома», агар бозиддият гирифтор намешуд, маъруфият намеёфт, нодуруст аст. Мо наметавонем, гӯем, ки «Шоҳнома» қабули ҳокимони давр мешуду ба ҳеҷ хел муқобилияти фарҳангиёни замон дучор намеомад, гумон буд, шуҳрат ёбад», ба ҳеҷ ваҷҳ дуруст нест. Ба фикри мо, ба риштаи назм кашидани достонҳои асотирӣ, ҳамосӣ ва таърихӣ, бо обуранги бадеӣ тасвир кардани онҳо, барҷаста ба қалам додани қаҳрамонҳои таърихӣ ва асотирӣ ва ҳаҷми бузурги асар аллакай боиси ҷаҳонӣ ва шуҳратёр гардидани он мегашт.

Аммо Х. Асозода боз ба андешаи худ тобиши дигари маъноӣ бахшида, гуфтааст, ки «чунин натиҷабардорӣ дар мавриди «Шоҳнома» ва Фирдавсӣ воқеият дорад ва ҳеҷ гоҳ манзалати шоирро поён нахоҳад бурд. Аз ин рӯ, вақте ки баҳс сари талошҳову муборизаи Фирдавсӣ ба хотири ҳимоят аз «Шоҳнома» сурат мегирад, ин чунин маънӣ дорад, ки Фирдавсӣ аз худ дифоъ менамояд. Ҳамин ҷиҳат бештар боиси таваҷҷуҳи С. Улуғзода мегардад, ки ӯ ба дифои Фирдавсӣ мепардозад. Дар ин ҷода С. Улуғзода ба ҷустуҷӯи тақдирсозон мебарояд ва

онҳоро дар симои ҳокимони бофазлу аммо нодидагир ва фарҳангиёну шоирони дарбори Султон Маҳмуд кашф намуда, Фирдавсиро ба онон ҳамсуҳбат сохта, торафт мавзуи тақдири «Шоҳнома»-ро ҳаллу фасл менамояд. Ин ҳолат аз миёни тақдирсозон касони хайрхоҳ ва адолатпеша ба фаъолият мепардозанд, лекин муҳити ин гурӯҳ тангӣ мекунаду ба муҳити шоҳу адибони маддҳо муқобилияти сареъ нишон дода наметавонанд, балки боиси ба миён омадани низову тазодҳои дигаре шуда, дар хулосабарориҳои рақибони Фирдавсӣ мусоидат менамоянд [Асозода 2001, с. 56].

Аз мутолиаи асар маълум мешавад, ки С. Улуғзода дар зери эҷоди чеҳраи ҳунарии шоир дар як рада «Шоҳнома»–ро ба риштаи таҳқиқ мекашад. Аҷиб он ки Х. Асозода гуфтааст, ки «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» ин ду падидаи адабианд, ки бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд». Адабиётшинос Фирдавсиро низ падидаи адабӣ номидааст, ки дар ҳар ду сурат: ҳам ба маънои шоир ва ҳам ба маънои романи С. Улуғзода ба ақидаи мо, мақбул нест. Зеро шахсияти шоир ҳам падидаи адабӣ шуда наметавонад ва ҳам асари насрии С. Улуғзода дар жанри роман, ки пеш аз нависанда романҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳақиқат, «Шоҳнома» гавҳарест, ки бо тамоми мавзуву проблемаҳояш ҳаллу фасли бадеиро дидааст ва ҳаргиз ба ташвиқу тарғиб эҳтиёҷ надорад.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз шумори он осори гаронбаҳои фарҳангист, ки чун китоби халқ дар канори ишқу ихлос ва оғӯши завқу андешаи мардумон аз осеби забонаҳои дуду оташи ҳаводиси рӯзгорон ва табари бедоди замонҳо то имрӯз маҳфуз мондааст. «Шоҳнома» шореҳи сарнавишти пурмоҷарои инсони боҳушу фарҳанг, муборизу диловар, худованди латифтарин афкору эҳсос, номаи розу ниёз, набарду пирӯзӣ, ваҳдат ва ҳамбастагии халқҳо дар набард бо деви бедоду ситам, зулмат ва зиштиву дадманишӣ, башардӯстӣ, дастури касби хулқу атвори ҳасана, ҳамосаи азамат, хирад ва заковат, неруи бузурги халлоқи инсон, достони ишқи безавол, таърихи суннат ва анъаноти писандидаи мардум мебошад. «Шоҳнома»-и безавол асрҳост, ки миёни мардумон шуҳрат ва маҳбубияти хосе дошта, ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи на танҳо мардуми Ховарзамин, балки халқҳои

тараққихоҳи дигар мамолики ҷаҳон аст. «Шоҳнома» дар ҳама кишварҳо дӯстон ва ошиқони зиёде дошта, достонҳои ҷудогонаи он тавассути донишмандон ба забони халқҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума ва дастраси хонандагони ҳар диёр гардидааст. Роҷеъ ба масоили мухталифи китоб мақолоти илмӣ, рисолот ва шарҳу тафсири зиёде низ ба табъ расидааст, ки зикри ҳар яке аз он имконпазир нест. Аз ин рӯ бояд ҳамин нуктаро мавриди назар дошт, ки навиштани як асаре бо номи «Фирдавсӣ», ки муаллифи ҳамин гуна асари безавол аст, ба назари аввал шояд каме осон намояд, аммо бо он ки як қатор муҳаққиқон ва адабиётшиносон нукоти эродии зиёд рӯи кори С. Улуғзода дар навишти романи «Фирдавсӣ» мегиранд, кори ниҳоят сангин ва душвор аст.

Барои С. Улуғзода навиштани романи «Фирдавсӣ» шояд каме аз он ҷиҳат осон буд, ки «Шоҳнома» барои мардуми тоҷик ва ҳамаи форсизабонони ҷаҳон як асари ба ҳар як ва ҳамагон ошност, зеро ҳама достонҳои маъруфтарини онро аз овони кӯдакӣ аз забони модару модаркалон ва падару бобоёнамон бисёрҳо шунидаем, ҳамчунин, дар китобҳои осори омиёна, яъне осори даҳонии мардум (фолклор) достонҳои қаҳрамонӣ ва ишқии дилчаспи онро дида ва такрор ба такрор хондаем. Илова бар ин, ба қавли А.Мирзоев «дар ҳама маҳалҳои тоҷикнишин ва дигар кишварҳои ҳамҷавор маҳфилҳои шоҳномахонӣ ҳам ба назм, ҳам ба наср дар тӯли қарнҳо маъмул буда, баъзе лаҳзаҳои ҷудогонаи қисса бо саҳнаҳои махсуси ҳунарӣ намоиш дода мешавад. Дар баробари ин, иншои рисолае дар мавзуи «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯс бениҳоят душвор ва мушкил аст, зеро аз назари ҳунари суханварӣ, шеърият, луғат ва ганҷинаҳои сухани сара, неруи фикри болиғ ва қудрати баёни фасеҳ ва умуман аз назари фасоҳат ва балоғат ва мазмуну мундарича, ҳамчунин аз нуқтаи назари ҳаҷми ин бузургофаридаи доҳиёнаи замони сомониён як асари беҳамто ва бемислу монанд аст. Ва ба ҳамин ҷиҳатҳо ҳар як навиштае дар ин мавзуъ ба назари хонанда, як ҷуръат ва ҷасорати нависанда ва қувваозмоии густохонае дар пешгоҳи бузургтарин ҳамосасарои мо – Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ менамояд» [Мирзоев 2007, с. 6].

Ин масъалаест, ки барои С. Улуғзода равшан аст шояд зарурат ба кашфи рӯзгору сарнавишти офаридаи он нест. Аммо, ҳангоме ки кас романи «Фирдавсӣ»-ро ба таври ҷиддӣ мутолиа менамояд, мебинад, ки ҳамон масъалаҳое, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома « матраҳ сохтааст, дар асари фавқи С, Улуғзода дубора ба миён гузошта мешаванд. Таърихи Аҷамро «зинда кардан» баёнгари ифтихороти миллӣ буд. Фирдавсӣ аз оғози асар то интиҳо сари баррасии ҳамин мавзуъ заҳмат мекашад. Дар заминаи нақли манзуми ривояту афсонаҳои бостонӣ шоир андешаҳои хешро доир ба масоили рӯзмарраи даврони Сомониён баён медорад. Ба қавли Х. Асозода «чунин мешавад, ки Фирдавсӣ ба он фасонаҳо муосирият ато мекунад. Хизмати С. Улуғзода дар он аст, ки муоссирияти «Шоҳнома»-ро ба румони хеш интиқол медиҳад ва таҳқиқи бадеии онро ба воситаи фаъолияти чеҳраи хаёлӣ не, балки шахсияте, ки воқеӣ буда, дар замони Сомониён аз шуҳратёрӣ бархӯрдор мебошад ҳал карданӣ мешавад. Аз ин ҷост, ки дар асари С. Улуғзода «Шоҳнома» ва офаранандаи он паҳлуи ҳам дар ҳаракатанд ва аввалӣ дуввумиро дар ба даст овардани матлаб такмил медиҳад. Дар ҷараёни сужа «Шоҳнома» ба Фирдавсӣ ҷиҳати воқеияти бештар пайдо карданаш мусоидат мекунад» [Асозода 2001, с. 60].

Ҳар ҷо ки С. Улуғзода дар ифодаи андеша ва мукаммалияти қаҳрамонаш ба душворӣ мекашад, ҳатман дар он маврид ба «Шоҳнома» мурочиат мекунад ва истифодаи беш аз 247 байт аз ин асари безавол гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Фирдавсӣ низ дар вақти сохтани чеҳраи қаҳрамони достон-Рустам ба маводи фасонаву ривоятҳои бостонӣ рӯй меоварад ва Рустамро аз ҳолати ноҳинҷор берун мекашад. Х. Асозода гуфтааст, ки «албатта, фоҷеа дар «Шоҳнома» мавқеи асосӣ дорад ва дар қалами С. Улуғзода низ ин падида то ҷое ба мушоҳида мерасад. Вале нуқтаи баланди фоҷеа, ки суқути давлати Сомониён аст, дар «Шоҳнома» нест» [Асозода 2001, с. 60].

Фирдавсӣ дар тасвири С. Улуғзода шоири мутафаккир аст. С. Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» бояд чеҳраи ҳунарии ҳамин навъ шахсиятҳо меофарид. Бо чунин кас сару кор гирифтан, аз нависанда маърифатмандию мутафаккириро

такозо менамуд. С. Улуғзода Фирдавсиро ба сифати муҳаққиқи варзидае, ки метавонад бо аҳли илму фарҳанг баҳсҳои илмӣ дошта бошад, ба тасвир мегирад. Дар айни замон адиб аз мулоҳизаву муҳокимаҳои таҳлилгароёна бархӯрдор будани Фирдавсиро дар мадди назар дорад. Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ дар қалами С. Улуғзода бештар ба чеҳраи илмӣ табдил ёфта, посухҳояш ҳам ҷанбаи илмӣ пайдо кардаанд. Дар мавзуи фасонаҳо ба воқеият мубаддал гардондан, Фирдавсӣ аз неруи офаридгориаш фаровон истифода кардааст. С. Улуғзода барои офаридани шахсияти Фирдавсӣ аз қудрати адабиётшиносии хеш кор гирифта, онро ба афкори Фирдавсӣ омезиш дода, баъдан баҳсҳои шоирро бо ҳокимону шуаро тасвир менамояд. Вақте мегӯем: С. Улуғзода нависандаи донишманд аст, ҳамин ҷиҳатро дар Фирдавсии ӯ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Масалан, ҷое Фирдавсӣ мегӯяд, ки «таърих дониш меафзояд», ин аслан ҳамон маъние аст, ки С. Улуғзода дар чанд асари таърихиаш изҳор доштааст.

«Мантиқан романи «Фирдавсӣ» се қаҳрамони фаъолиятманд дорад: «Шоҳнома», Фирдавсӣ ва С. Улуғзода» [Асозода 2001, с. 56], – навиштааст Х. Асозода. Инҳо дар пайвастагӣ ба ҳамдигар амал менамоянд. Аз ин се Фирдавсӣ қаҳрамони асосӣ ба шумор меравад. Қаҳрамони дигар вазифаи ровиро ба уҳда дошта, барои ҳамроҳ амал намудани қаҳрамони аввалӣ «Шоҳнома» ва дувумӣ мусоидат менамояд. Дигар иштирокчиёни хатти сужа персонажҳоеанд, ки дар мавриди зарурӣ шахсияти марказиро такмил медиҳанд. Персонажҳоро низ ба асосӣ ва ёрирасон тақсим кардан мумкин аст. Масалан, аз шахсиятҳои таърихӣ- Унсурӣ, Фаррухӣ – персонажҳои дувумдараҷа низ фаъолият менамоянд, ки беш аз 20-30 кас мебошанд. Ҳар кадом аз инҳо дар сужа вазифаи худро адо мекунанд ва ҷоиз нест, ки онҳоро ба мусбату манфӣ табақабандӣ намоем. Баъзе аз онҳо дар мавриди Фирдавсӣ хайрхоҳӣ зоҳир мекунанд ва иддае адибони барҷастаанд, вале ҳасуд ва кинаҷӯӣ доранд, чунки Фирдавсиро ба унвони нависандаи олимақом аз худ боло мебинанд. Агар ҳасуд намебуданд, ё кинаҷӯӣ намекарданд, боиси тақвияти манзалати офаридгории Фирдавсӣ шуда наметавонистанд. Ин ҳолатҳоест, ки С. Улуғзода аз воқеият берун нарафтааст ва чизи нодиданиву

ношуниданиеро ба онҳо нисбат надодааст, балки баҳсҳои ҳунарии ононро хеле табиӣ ба қалам мекашад. Он падида муҳим аст, ки шуарои дарбор, ки бо Фирдавсӣ рақобат доранд, дар баҳсҳо мағлуб шудани хешро эътироф менамоянд. Шахси рақибро манфӣ пиндоштан дуруст нест, зеро рақиб касе хоҳад буд, ки бо амали хеш низоъро метезонад ва боиси ҳалли дурусти масоили марбута мегардад. Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ, Зинатии Алавӣ ва амсоли онон аз ҷумлаи рақибони воқеӣ ва шоирони азалие мебошанд, ки дар боло бурдани манзалати шахсияти Фирдавсӣ устуворият нишон додаанд. С. Улуғзода ҳеҷ кадом аз номбурдагонро дар муқобили Фирдавсӣ ҷоҳилу нодон муаррифӣ наменамояд. Маданияти баланди муаллифии «Фирдавсӣ» дар сар то сари асар намоён аст. Барои мисол ба суҳбати Султон Маҳмуд бо Фирдавсӣ мутаваҷҷеҳ мешавем:

«Шоир дар пиронсолӣ бечора шудани худро арз медорад ва аз Султон чунин суханони тараҳҳумомезро мешунавад:

– Чаро ба хизмати мо наомадӣ? Агар меомадӣ ва аз шуарои дарбори мо мешудӣ, имрӯз ба чунин қареҳаи суханварӣ, ки турост аз атоҳои мо ҳамчун Маликушшуаро ё Амир Фаррухӣ соҳиби сарвату микнат мебудӣ.

Фирдавсӣ посух мегӯяд:

– Ман ба хизмати шоҳам имрӯз бо «Шоҳнома» омадам, магар ин беҳтар аз он нест, ки дар он ҳангом бо дасти холӣ биёям?..»

Дар ҳар ду сухан ҳам падидаи маърифатмандӣ ба мушоҳида мерасад. Чи шоҳ ва чи шоир ботамкинанд ва эҳтироми якдигарро ба ҷо меоранд, зеро ҳар кадом вазифаи хешро хуб дарк менамояд ва мартабаи якдигарро мепазиранд. Ҳарчанд ки С. Улуғзода романашро дар даврони Шӯравӣ ба поён расондааст, ҳангоми тасвири ҳокимону шуарои дарборӣ нозукии масъаларо дарк кардааст ва муносибату гуфтори ононро хеле эҳтиёткоронаву муаддабона ба таҳқиқ мегирад. Шоирони дарбор ба Фирдавсӣ «устод» гӯён муроҷиат мекунанд. Ҳатто шоҳ бар ин ақида аст, ки «Шоҳнома» устодона нигошта шудааст, аммо фасонаву ҳадиси кӯҳан будани онро таъкид менамояд. Султон дуруст маънӣ бардоштааст, аммо ба шоир имкон медиҳад, ки ақидаашро изҳор кунад ва аз Фирдавсӣ мешунавад:

«агарчи сухан аз бостонзамон меравад, онро ҳадиси кӯҳан ё фасонаи кӯҳна наметавон гуфт..., зеро панду ҳикмат, андарз ва ибрате, ки аз пешиниён ба пасояндагон мерасанд, ҳамеша наванд...

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз ҷанг ва сулҳ суҳбат ороста, онро ба воситаи силоҳ – шамшеру гурз ва найза ҳал карданӣ мешавад. Дар романи «Фирдавсӣ» ғояи ҷанг ва сулҳ идома меёбад, аммо на ба воситаи аслиҳа, балки аз тариқи сухани олимона матраҳ мегардад. Ба қавли Х. Асозода «Фирдавсӣ рустамона дар қалами С. Улуғзода фаъолият дорад ва сухани «Шоҳнома» ӯро кӯмак мекунад. Гӯё Фирдавсӣ баъд аз ба поён расондани достони безаволаш онро дар амал татбиқ карданӣ мешавад. Нияти эҷодии С. Улуғзода низ аз офариниши романи мазкур ҳамин аст. Дар ин ҷода муаллифи «Фирдавсӣ « ба мазмуни «Шоҳнома» такя намуда, моҳияти аслӣ ва муфиди фасонаҳои бостониро дар даврони салтанати Ғазнавиён ба исбот мерасонад. Фирдавсӣ, ки худ мутафаккир аст, бо фарҳангиён сару кор дорад. Кам фурсат шудааст, ки С. Улуғзода Фирдавсиро ба табақаи камбизоату аз фарҳанг бенасиб муколама андохта бошад» [Асозода 2001, с. 72].

Аз ин рӯ, романи «Фирдавсӣ» китобест, ки ҳам тарҷумаи ҳоли шоир, ҳам як қатор воқеоти таърихӣ ва ҳам образҳои қавии бадеиро дар худ маҷмуъ карда, асари хуби насрии бадеӣ ва шарҳиҳолӣ дар адабиёти муосири тоҷик аст.

3.4. Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар эҷодиёти Сотим Улуғзода

Абуалӣ ибни Сино парвардаи муҳити фарҳангии Сомониён буд. Вале қисми зиёди умри вай пас аз фурӯпошии давлати мутамаркази Сомониён дар гирдоби ҳодисаҳои мудҳиши нимаи аввали асри XI сипарӣ гардид. Ӯ гоҳ чун табибу файласуф, баъзан ба сифати фақеҳу вазир, ҳатто замоне чун маҳбуси зиндон умр ба сар бурд, чун надими хосси подшоҳону маликон низ рӯзгор гузаронидааст. Аммо ӯ лаҳзае аз омӯзиш ғафлат наварзида, аз пажӯҳиш ва корҳои илмӣ фориғ набуд.

Чуноне дар аввал гуфтем, Абуалӣ ибни Сино чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосим Фирдавсӣ дастпарварони замони Сомониён ба шумор меравад.

Фаъолияти мондагор ва бузурги ин абаршоирон аст, ки таърихи инсоният давраи давлатдории сулолаи Сомониён ҳамчун марҳалаи бузурги дастовардҳои илмию адабӣ ва зеҳнию фарҳангии таърихи башарият мешиносад. Чун маҳз дар ҳамин давра мероси илмию адабӣ ва фарҳангии гузаштагонамон ташаккулу инкишоф ёфта, фаротар аз давлати Сомониён, барои тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ нақши босазое гузошт ва маҳсули эҷодашон тамоми дунёро фаро гирифт.

Дар давраи эҳёи фарҳанги миллӣ, нимаи дуюми асри X ва ибтидои асри X1 саромадоне чун Сино дар рушди фарҳанги миллии сулолаи Сомониён бо фаъолияти илмию адабӣ ва фалсафии худ номи ҷовидонӣ ва шӯҳрати ҷаҳонӣ гузоштанд. Хусусан,, Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино бо кору пайкори неки таълифоти бузурги тиббӣ ва фалсафӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанию хориҷиро бештар ба худ ҷалб кардааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти илмию таърихии Сотим Улуғзода дар ин росто арзишманд ва сутуданист.

Сотим Улуғзода дар асари хеш «Пири ҳакимони Машриқзамин» дар бораи Абуалӣ ибни Сино чунин менигорад: «Дар тӯли асрҳо дар мамлакатҳои мутамаддини дунё олимон дар бораи ӯ тадқиқотҳо менависанд, аҳли тиб «Алқонун»-и ӯро, файласуфон ва донишҷӯён фалсафаи ӯро, муаррихон замони ӯро, таърихи зиндагонӣ ва фаъолияти илмии ӯро, олимони наботот, ҷамодот, физикҳо, биологҳо, геологҳо табиёти ӯро, филологҳо луғат ва эҷодиёти бадеии ӯро меомӯзанд» [Улуғзода 1980, с. 5].

Дар баробари Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ Сино сеюмин шахсиятест, ки тамоми умр мавриди таваҷҷуҳи С. Улуғзода қарор гирифтааст. Мақому манзалати Ибни Сино дар рушду камол, пешрафти илми ҷаҳонӣ, махсусан тиб ба шарҳу баён ниёз надорад. Абуалӣ илми тибро аз Абумансур Ҳасан Қамарии Бухороӣ, ки табиби дарбори Нӯҳ ибни Мансур буд, омӯхт. Аслан омӯзиши илми тибро ӯ дар 12-солагӣ шуруъ карда буд, вале ба маслиҳати Абусаҳли Масеҳӣ аз идомаи таҳсил худдорӣ намуда, чанде таваққуф намуд. Ба ҳамин тариқ, Абуалӣ дар 16-солагӣ чун як табиби ҳозиқ дар тамоми Бухоро шинохта шуд. Ҳамчунин ба такмили дониши худ дар соҳаи илми фиқҳ, мантиқ, фалсафа, табиатшиносӣ, риёзиёт ва

илми илоҳӣ баргашта, дар муддати якуним сол донишу малакаи худро дар ин самт мукаммал намуд. Абуалӣ шахси ниҳоят пуркор, ҷиддӣ ва меҳнатдӯст буд. Нафақат ақли расо ва қобилияти баландаш боиси пешрафти илмӣ ва маънавии ӯ мешуд, балки кӯшиши амиқ, сабру тоқат ва ҷаҳду талошҳояш низ воситае буд, ки пирӯзӣ ва комёбиҳои маънавии ӯро таъмин мекард.

Дар бораи Сино ва осори гаронарзиши ӯ таълифоти илмӣ хеле зиёд аст. Вале дар ин миён, хусусан, аз миёни адибони нимаи дуюми асри ХХ С. Улуғзода ягона нафаре мебошанд, ки беш аз ҳар нафари дигар дар муаррифиву ошносозии шахсияти Сино, рӯзгори ӯ саҳм гузоштааст.

Зиндагӣ ва шахсияти Сино таваҷҷуҳи С. Улуғзодаро ҳанӯз солҳои 20-уми асри ХХ ба худ ҷалб намуда буд, ки ба асари устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) алоқаманд аст. Сипас С. Улуғзода доир ба мероси илмию фалсафии Сино дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) ибрози андеша намудааст.

С. Улуғзода дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» оид ба ҳаёти Ибни Сино дар борабари дигар мутафаккирони бузурги халқи тоҷик мақола навишта, рӯзгору осор, мероси илмию адабӣ ва саҳифаи зиндагии ӯро равшан намудааст.

С. Улуғзода ҳамчунин дар мақолаи хеш таҳти унвони «Абуалӣ ибни Сино» ки соли 1949 дар маҷмуаи «Единение» рӯи чоп омадааст, дар бораи Сино ба таври возеҳ ва мушикофона гуфтааст. Ҳамчунин дар киноповести «Абуалӣ ибни Сино» (1952), ки бо ҳамқаламии В. Виткович навишта шудааст, С. Улуғзода ҳаёти Ибни Синоро чун дар соҳаи театр ва санъати кинои миллии тоҷик нишон додааст.

Дар эҷодиёти С. Улуғзода мебинем, ки ӯ баъди 30 сол, соли 1980 аз нав ба мавзуи Ибни Сино баргашта, бо ҳамқаламии В. Виткович драмаи «Ҷавонии Ибни Сино»-ро, ки аз ду қисм ва ҳафт саҳна иборат аст, таълиф намуданд. Ин намоишнома ҳаёти дар Бухоро гузаронидаи Синоро фаро гирифтааст. Муҳаққиқони соҳаи адабиёт Асозода Х. ва Кӯчаров А. дар бораи драмаи «Ҷавонии Ибни Сино» С. Улуғзода чунин мегӯянд: «Драматург як давраи кӯтоҳи ҳаёти Шайхурраисро дар айёми ҷавонӣ нишон дода, таъкид мекунад, ки асоси

эътибору эътирофи шахсиятҳои бузурги фарҳангӣ илму дониш аст, вале донишро маҳз дар давраи ҷавонӣ аз худ кардан зарур аст» [Асозода, Кӯчаров 2007, с. 12].

Ибни Сино яке аз пурмаҳсултарин олимон эътироф гаштааст. Фаъолияти эҷодии вай аз 17-18-солагиаш дар солҳои 996-997 шуруъ шуда, расо 40 сол давом ёфтааст. Ӯ осори насриву назмиашро ҳам ба забони арабӣ ва ҳам ба тоҷикӣ эҷод кардааст. Осори Сино гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои чандинҷилдаро ташкил медиҳанд. Ин асарҳо дар инкишоф ва такмили илмҳои мавҷуда нақши сазовор гузошта, то кунун арзиши бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ доранд. Аз ҷумла, китоби «Ал-Қонун», ки ба забони арабӣ таълиф шудааст, ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, англисӣ, форсӣ ва урду тарҷума шудааст. «Ал-Қонун» тақрибан 800-сол дар Ғарб як китоби арзишманд ва асосии тиббӣ буд [Абуалӣ ибни Сино 2021].

Бо дарназардошти ҳамин эҷодиёти гаронарзиш бо қарори ЮНЕСКО соли 1980 ҳазорумин солгарди олими энтсиклопедист, файласуфи ҷаҳоншумул, донишманди бузурги тиб Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино дар ҳамаи мамлакатҳои дунё ҷашн гирифта шуд. Бардошта аз ин рухдод С. Улуғзода дар бораи Ҳуҷҷатулҳақ Абуалӣ ибни Сино рисолаи пурқимате бо номи «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980) таълиф намуда, доир ба ҳама паҳлуҳои ҳаёти Ибни Сино, аз ҷумла, замони зист, авзои иқтисодӣ ва сиёсӣ, муҳити иҷтимоӣ, ба камол расидан, илм омӯхтан, олим шудан, хизматҳо дар роҳи илм, фалсафа, тиб ва адабиёт маълумоти нодирро пешкаши хонандагон намуд.

Дар назари С. Улуғзода Абуали ибни Сино, пеш аз ҳама, хоксор ва пуртавозӯъ аст. Ӯро дар ҷавониаш хоксор ба қалам дода, «Абуалӣ тавозӯъ ба ҷо овард»,»Абуалӣ таъзим кард», «Абуалӣ боз нимтаъзиме кард», – гуфтааст [Улуғзода 1975, с. 124].

Дигар хусусияти Сино ба пиндори нависанда дар он аст, ки бисёр завқи илм ва омӯзиши донишро дорад. Ин хислати Синоро чунин ба қалам додааст:

«Мо туро бо атою инъом хушнуд мегардонем. Боз гӯй чӣ талаб дорӣ?

Чашмҳои дарбориён ба ҷавон дӯхта шуданд. Марди ришсиёҳ ӯро тарғиб мекунад.

– Арз кун. Натарс. Ҳар талабе, ки дошта бошӣ, подшоҳи олам ба ҷо меоранд.

Абуалӣ мегӯяд:

– Агар аълоҳазрат маро ба китобхонаи худ роҳ медоданд, ман худро бахтёр мешумурдам.

Амир ба ҷавон як лаҳза бо таҳайюр ва таваҷҷуҳи хосе нигоҳ мекунад.

Дарбориён, ки ба назарашон талаби Абуалӣ ниҳоят бачагона ва содалавҳона намуд, ба вай хандае карданд, аммо ҷиддияти қиёфаи амирро дида, зуд аз ханда боз истоданд.

Абуалӣ бо ғурур сар боло карда, рост меистод.

Амир бо лабханди илтифоткорона ба вай муроҷиат мекард:

– Мо метавонем ба ту обу замин, ғулому каниз, рамаю галаҳо бахшем, симу зар диҳем…

– Ба китобхонаи подшоҳӣ роҳ ёфтан барои ман аз ҳар атою инъом авлотар аст, ҷавоб дод Абуалӣ» [Улуғзода 1975, с. 124].

С. Улуғзода симои Синоро то ба ҳадде илмдӯст ба қалам додааст, ки «обу замин, ғулому каниз, рамаю галаҳо бахшем, симу зар»-ро дар баробари роҳ ёфтан ба китобхонаи амир - «Саввон-ул-ҳикмат» ҳеҷ мешуморад.

То ба ҷое меҳри илм дар дили Сино ҷой гирифта буд, ки ҳангоми бо падараш вохӯрдан воқеаро пурра нафаҳмонда, «баъд, баъд мегӯям» гуфта, аз паси дарборӣ равон шуд, то зудтар ба «Саввон-ул-ҳикмат» расад. Гарчанде ки падараш бо парешонхотирии зиёд аз аҳволи Сино чандин фарсахро тай карда, аз паси писар то ба дарбор омад.

Дар ҷавонӣ соҳиби ин қадар дониш ва илми зиёд гардидани Сино, ки зуд шуҳратёр шуд, ба пиндори аксари олимони давр намеғунҷид. Инро дар мавриди инъикоси симои Сино нависанда аз забони Чағонӣ-китобдори китобхонаи амир чунин ба қалам додааст: «Ман гуфта будам, ки агар ин бача дар ҳамин синну сол

ба донишмандӣ шуҳрат ёфта бошад, ин аломати он, ки вай фиребгар аст» [Улуғзода 1975, с. 126].

Дигар паҳлуи симои Сино дар асар тасвири эҳтироми баланди ӯ ба шеър ва шоирон мебошад. Ҳангоме ки ЧаҒонӣ мегӯяд, ки «ин сандуқ дафъаи охирин сӣ сол пеш аз ин бо дасти Фирдавсӣ маҳкам карда шуда буд. Ман ҳатто гирди онро ҳам пок намекунам.

– Фирдавсӣ? – дар овози Абуалӣ оҳанги эҳтиром зоҳир гардид» [Улуғзода 1975, с. 126].

Нависанда дар ин ҷо на танҳо эҳтироми Сино ба шеър ва шоир-Фирдавсиро ба қалам додааст, балки эҳтироми ниҳоят зиёди ЧаҒониро ҳам инъикос намудааст, ки ба хотири нақши дасти Фирдавсӣ сӣ сол гарди он сандуқро пок накардааст.

Дар пиндори нависанда Сино бисёр касби худро дӯст медорад. Яъне, табобати халқро вазифаи хеш мешуморад ва дар ҷавоб ба дорусоз мегӯяд, ки «касби ман табобат аст, на тиҷорат» [Улуғзода 1975, с. 132].

С. Улуғзода овози Синоро «ҷарангосӣ» ба қалам дода, борҳо аз хоксории ӯ- «эҳтиромкорона тасдиқ кард» сухан гуфтааст.

Донишмандии Сино то ба ҷоест, ки ба саволҳои олимон кӯтоҳ, дақиқ ва қонеъкунанда ҷавоб дода, дар бораи китоби ҳаким Сушрутаи ҳиндӣ ба онҳо иттилоъ додааст.

Нависанда чеҳраи зоҳирии Абуалӣ ибни Синоро чунин тасвир кардааст: «Вай акнун ҷавони болиғ шуда, риши сиёҳе гирди рухсори лоғарашро фаро гирифтааст» [Улуғзода 1975, с. 139].

Дигар паҳлуи чеҳраи Сино дар назари нависанда он аст, ки ҳангоми муҳосираи Бухоро аз ҷониби бодиянишинон ҷиҳати баланд бардоштани рӯҳияи лашкари беғизомонда доира мезанад ва суханони рӯҳбаландкунанда мегӯяд. Чунончи, дар асар омадааст: «Ин чӣ нағмаю нағора? Одамон аз гуруснагӣ мурда истодааанду инҳо… – гуфт.

– Нағмаҳои Абуалӣ, – гуфт сарбоз, – вай мехоҳад, ки бодиянишинон гумон кунанд, ки дар Бухоро хотирҷамъӣ, шодию хуррамист…» [Улуғзода 1975, с. 139].

Дар аввалҳо Абуалӣ ибни Сино низ ба кӯмаки ҳокими Ғазнин ва писари ӯ Маҳмуд эътимод дошта, ба сарбозони бухороӣ талқин мекардааст, ки «мо бояд лоақал ду рӯзи дигар тоқат карда, по бар ҷо истем. Ба мадади мо лашкари ҳокими Ғазнӣ равон шудааст. Ва хабар оварданд, ки ба он лашкар сарлашкари номдор, писари ҳоким-Маҳмуд сардор будааст» [Улуғзода 1975, с. 139-140]. Яъне, Абуалӣ ибни Сино ба кӯмаки ғазнавиён ва озод кардани Бухоро аз муҳосираи бодиянишинон аз ҷониби онҳо бовар дошта, ҳеҷ гумон намекард, ки китобхонаи дӯстдоштааш, китобхонаи оли Сомон, «Саввон-ул-ҳикмат» маҳз аз дасти ҳамин Маҳмуд ба коми оташ меравад. Ҳатто дар аввалҳо, ки Маҳмуд наомада буд, Абуалӣ бо боварии том мегӯяд, ки «Маҳмуди баҳодур Бухорои моро начот медиҳад» [Улуғзода 1975, с. 140].

Ҳатто дар вақте ки Чағонӣ қулфи сандуқи қулфкардаи Фирдавсиро пас аз имтиҳони ҷиддии Абуалӣ ба рӯи ӯ боз кард, Шаҳиди хаттот хабар овард, ки писари волии Ғазнӣ – Маҳмуд ба ёрии бухороиён омадааст, Сино аз хурсандӣ «гуруснагӣ тамом шуд», гӯён аз шавқ китоби солҳо интизорашро як сӯ монда, ба берун шитофт. Аммо ноогоҳ аз он, ки на танҳо гуруснагӣ, балки рӯзи сиёҳро ба онҳо маҳз ҳамин Маҳмуд меорад.

Дар асар нависанда Абуалии нав ба балоғатрасидаро дар зиндагӣ танҳо ва ягона мададгори ӯ, мудири китобхона, Чағонӣ ба қалам додааст.

Дигар паҳлуи симои Абуалӣ ибни Сино дар зеҳнияти ниҳоят қавӣ, хотираи банудрат нотакрор ва мустаҳками ӯ мебошад, ки дар асар аз забони Абуалӣ чунин тасвир ёфтааст: «Ман бар ростӣ, ҳар чӣ хонда бошам, дар ёд дорам» [Улуғзода 1975, с. 142].

Дар ҷои дигар низ пас аз исрор ва таъни Чағонӣ Абуалӣ ибни Сино муқаррараи мегӯяд, ки ҳофизаи қавии ӯ сабаби он шудааст, ки ҳамаи хондаашро нуқта ба нуқта аз ёд медонад ва дар асар чунин омадааст: «Ман ҳатто аз ёд гуфта метавонам, ки дар кадом саҳифа чӣ навишта шудааст.

Чағонӣ ғурунгосзанон садое бароварда, гӯё «ана худситоӣ» гӯён дасте афшонд.

Хайр санҷида бинед, – гуфт Абуалӣ.

Ана халос, боз санҷида бинам, будааст. Чағонӣ аз зери дасташ аввалин китоби ростомадаро гирифта мекушояд.

– Не, ман намесанҷам. Ин китоб қиссаи исёни Абрӯй аст. Дар хотимаи китоб чӣ навиштаанд?

– Абуалӣ фикр карда истода, аз ёд хонд:

– «Чун сарвари фақирон ва бенавоёни Бухоро Абрӯйро дастгир карданд, ҳоким фармон дод, ки ҷуволеро аз замбӯри сурх пур кунанд ва Абрӯйро ба он ҷувол андозанд. Фармонро ба ҷо оварданд ва Абрӯй дар он ҷувол ҷон дод».

Ин тасодуфан дар ёдат мондааст, – инодкорона хитоб кард Чағонӣ.

Баъд вай аз сандуқе китоби калонеро мебарорад.

– Таълифи ҳаким Буқрот. Китобро ба тундӣ варақ зад. Китоби ҳафтоду чорум, саҳифаи чордаҳум. Аз чӣ сар мешавад? – гуён ба Абуалӣ ғолибона нигоҳ кард.

– Кадом саҳифа?

– Чордаҳум.

Абуалӣ каме фикр карда, баъд ёдакӣ хонд: «Бемориҳои ҷисмонӣ бо сабаби халал ёфтани таносуби байни чор моеи таркиби бадан, яъне хуну балғаму сафрою савдо, содир мешаванд…»

– Бас аст, бас аст… Ман фаромӯш кардам, ки ту табиб ҳастӣ, бинобар ин ҳам инро аз ёд медонӣ» [Улуғзода 1975, с. 143].

Дар ҳақиқат, ин гуна қобилияти майнаи инсон, ин гуна қудрати зеҳн бисёр нодир ва кам андар кам буда, яке аз сабабҳои ба мақоми олии илм расидани Сино гардидааст. Нависанда дар асар бисёр қувваи нотакрор ва қавии ҳофиза доштани Синоро аз забони Чағонӣ боз чунин ба қалам додааст: «Ду сол пеш хонда будӣ ва ба ёд дорӣ? Агар ту соҳир ва ё афсунгар набошӣ, ҳаққо ки қобилиятат бузург ва беназир аст! Дар тамоми ҳафтоду ҳафт соли умрам чунин ҳофизаеро надидаам. Аҷаб қобилияте! Лекин…» [Улуғзода 1975, с. 143].

Нависанда аз забони Чағонӣ иброз медорад, ки «дар тамоми ҳафтоду ҳафт соли умрам чунин ҳофизаеро надида» - аст. Дарвоқеъ, барои илм ва олим ҳамин нукта, ҳофизаи қавӣ аз масъалаҳои калидӣ аст. Дар таърихи инсоният новобаста аз миллату мазҳаб ва халқияту нажод ин гуна инсонҳо бо қувваи тасвирношудании қавии ҳофиза, зеҳни ниҳоят гиро боқудрат ба вуҷуд омада, арзи ҳастӣ кардаанд, ки яке аз мумтозтаринашон Абуалӣ ибни Сино мебошад. Бо истифода аз ин қобилият ва дарки масъулият Сино китобҳои дарбори амири Бухороро аз рӯи моҳият ва мавзуъ ба қисматҳо ҷудо накарда, ҳамаи онҳоро мехонад ва пурра аз бар мекунад. Ин азбаркунӣ то ба ҷоест, ки саҳифа ба саҳифа, нуқта ба нуқта асарҳои мутолаакардаашро дар зеҳн ҳифз кардааст ва дар мавриди зарурӣ чи дар иншои асар ва чи дар исботи андеша истифода менамояд.

Абуалӣ ибни Сино дар асар ҳамчун ҳомии халқ ва ростқавлу талқинкунандаи ростӣ, муборизи роҳи ҳақиқат тасвир шудааст. Чунончи, «Абуалӣ қад рост карда ва ҷаҳида ба болои тахтасуфаи бозор баромада, фарёд зад: Ҳой сарбозони ислом! Аз молу ҷони мардум даст кашед. Худро бадном накунед. Охир, шумо ба мадади ин шаҳр омадед!» [Улуғзода 1975, с. 145].

Ҳатто давида ба назди Маҳмуд меравад ва қазияро ба ӯ мефаҳмонад ва илтиҷо ҳам мекунад ва пас дармеёбад, ки таназзули илму маърифат ва шоҳии тоҷикон расидааст, ки яке аз оқибати ногувори он чунин буд, ки «Бузургтарин китобхонаи олам» дар коми оташи маҳмудӣ рафт ва ин гуна хизонаи арзишманд хароб гардид.

3.5. Инъикоси шахсияти Аҳмади Дониш дар эҷодиёти адиб

Аз зиндагиномаи Ахмади Махдуми Дониш медонем, ки ӯ дар Бухоро оилаи мулло Носир ба дунё омадааст. Дар мадраса мустақилона фанҳои табииёт, риёзиёт, нуҷум, таърих, фалсафаи табиӣ ва адабиёти форсиро омӯхтааст. Дар дарбори амир ҳамчун хаттот ва нақкош кор карда, ҳамчун донишманд шуҳрат пайдо кардааст. Соли 1857 Аҳмади Дониш ба ҳайати сафорати амирӣ барои

муборакбодии ба тахт нишастани шоҳ Александри II дохил карда мешавад. Дар Петербург ба ғайр аз вазифаи котибӣ, боз аз вазъи иқтисодию сиёсии Русия дар давоми ду моҳ шинос мешавад, ва ба аҳли дарбор баъди бозгаштан ахбор додааст. Бори дуюм, Аҳмади Дониш солҳои 1869-1870 ба Петербург сафар намудааст. Ин дафъа амир Музаффар бо мақсади сабуктар намудани шартҳои сулҳномаи 23 июли соли 1868 сафораташро фиристода буд. Дар ин сафар Аҳмади Дониш соҳиби боварии аҳли дарбори подшоҳи Русия гардидааст. Амир Музаффар чунин муваффақияти Донишро ба назар гирифта ба вай унвони фахрии илмии дарбори «Ӯроқ»-ро дода яке аз мансабҳои дарбориро пешниҳод намуд. Вале, Дониш аз мансаби пешниҳодшуда даст кашид ва зарур шуморид, ки андешаҳояшро оиди тарзи давлатдорӣ ба қалам диҳад. Солҳои 1870-1873 рисолаи бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-ро ҳамчун барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ дар аморат навишт. Аҳмади Дониш ҷорӣ намудани вазоратҳо ва маҷлиси машвараті, маҳдудияти ҳуқуқи амир дар асоси Сарқонун ва муносибати давлатдоронро бо халқ батафсил баён намудааст. Вай дар бораи подшоҳи одил ва адолатхоҳ андешаронӣ намуда шартҳои онро пешниҳод кардааст.

Аҳмади Дониш дар муддати 15 сол «Наводир-ул-вақоеъ», шоҳасари худро ба охир расонид (с. 1875-1890). Дар асари худ Аҳмади Дониш қафомондагии маориф ва фарҳанг, симои манфури табақаҳои ҳукумронро танқид намудааст. Ӯро дар надонистани асосҳои ислом ва фалсафаи он айбдор намуданд. Ҷавобан Аҳмади Дониш дониши васеи худро доир ба фалсафаи дин дар асари худ «Меъёр-ут-тадайюн» соли 1894 исбот менамояд.

Дар мероси адабию илмӣ ва фалсафии маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш ду асараш аҳаммияти калон доранд. Яке «Наводир-ул-вақоеъ», дигаре «Рисолаи таърихӣ». Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар бораи тарбияи насли наврас, дар бораи усули таҳсили нодуруст ва аз талаботи дур будани мактабҳо ва мадрасаҳо муфассал гуфтааст. Аҳмади Дониш ба асари «Наводир-ул-вақоеъ» тавсифи ду сафари ба Русия кардаи худро низ дохил намудааст. Муаллиф дар ин ҳикояҳояш дар бораи маданият ва илми пешкадами Россия, дар бораи тараққиёти

иҷтимоӣ ва иқтисодии ин мамлакат маълумот ва нақлҳои хеле шавқангез овардааст.

Аҳмади Дониш ба ин восита, шахсони пешқадам ва умуман мардуми Бухороро ташвиқу тарғиб намудааст. Ҳикояҳои Аҳмади Дониш дар байни хонандагон нисбат ба санъату маданияти пешкадами Россия ҳусни таваҷҷуҳ бедор кард ва дӯстии халқҳои Осиёи Миёна ва Россияро тарғиб ва ташвиқ намуд.

Дигар асари машҳури Аҳмади Дониш, ки афкори пешқадами сиёсиву иҷтимоӣ ва ақидаҳои маорифпарварии ӯ дар он равшантар баён шудааст, «Рисолаи таърихӣ»-и ӯст. Ин рисола дар ҳамон шакле, ки ба мо расидааст, як қисми аввали асаре будааст, ки Аҳмади Дониш онро тамом карда натавонистааст. Аммо ҳамин қисм як асари мустақил аст ва шаклу мундариҷаи том дорад. Азбаски асар нотамом мондааст, муаллиф ба ин рисола унвон ё ном надодааст. Аз ин сабаб, ин рисола то имрӯз дар байни аҳли илм ва тадқиқотчиён бо чанд ном машҳур аст: «Тарҷумаи ҳоли амирони манғития», «Таърихча», «Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ва ғайра.

Аҳмади Дониш асарҳои калонтарини худро, аз қабили «Манозир-ул-кавокиб» (Манзараҳои ситораҳо), «Рисолаи фи аъмол ил - кура» (Рисола дар бораи амалиёт бо кура), «Ҷомеа-ул-ҳикоёт» (Асари бадеии тарҷумаиҳолӣ), «Наводир-ул-вақоеъ» (Воқеаҳои нодир) ва «Тарҷумаи ҳоли амирони Бухорои Шариф» бо наср навиштааст. Ӯ порчаҳои шеърӣ ҳам дорад.

Бояд хотирнишон намуд, ки то имрӯз бо кӯшиши пажӯҳишгарон осори аллома Аҳмади Дониш дар шакли баргузида таҳия ва нашр шуданд. Айни замон, осори Аҳмади Дониш, «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Наводир- ул- вақоеъ», «Меъёр- ул- тадоюн» манзури ҷомеа карда шудаанд.

С. Улуғзода миёнаҳои солҳои 40-уми асри XX аз рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Аҳмади Дониш монографияе бо номи «Аҳмади Дониш» (1945)-ро таълиф намуда, баъдтар ин таҳқиқоти худро идома дода, соли 1971 драмаи «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро дар се парда ва нуҳ намоиш навишт.

Як хусусияти драматургияи С. Улуғзода дар он аст, ки санъати драматургии ӯ аз як асар то асари дигар такмил меёбад. Масалан, «Дар «Темурмалик» ватанпарварӣ ва халқпарварӣ мавзуи асосии асар аст. Мақсади асосии ин родмард ҳимояи молу мулки халқ аст. Темурмалик дар асари С. Улуғзода бо ҳамин гуна сифатҳо тасвир шудааст. Рӯдакӣ ва Темурмалик гирифтори низому тартиботи бесомони замони худанд. Вале Алломаи Адҳам ба он дараҷаи камолот расидааст, ки ӯ ҷаҳолати аҳли замон ва сабаби бедодгариҳоро мефаҳмад. С. Улуғзода дар ташаккул ва устувории драматургияи тоҷик саҳми арзанда дорад: ӯ таҳкурсии драмаи реалистии таърихиро гузошт ва мустаҳкам кард» [Энсиклопедияи адабиёт ва саъати тоҷик. Ҷилди 3, 2004, с. 244].

Сотим Улуғзода образи Аҳмади Донишро ба сифати олими ҷомеашинос, маорифпарвари маъруф ва тарғибгари таълимоти пешқадами замони худ муаррифӣ намуда, соли 1945 дар рисолае бо унвони «Аҳмади Дониш» симои ӯро ба тасвир гирифта буд. Сипас, нависанда ҷустуҷӯро дар бораи ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти Аҳмади Дониш идома дода, соли 1971 драмаи «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро эҷод мекунад.

То Ғалабаи Инқилоби Октябр дар Бухоро муллоҳои ҷоҳилу чалласавод бисёр буданд. Қувваи асосии сиёсати аморатро низ онҳо ташкил мекарданд. Ба замми ин, бурди асосии онҳо дар он буд, ки ҳама мансабдорону амалдорони хурду бузург аз ин табақаи ҷомеа буданд. Мавзуи асосии драмаи С. Улуғзода «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро ҳамин муҳити тоқатфарсою тираву тор ва сохти феодалии пӯсидарафтаи Бухорои охири асри Х1Х ташкил мекунад.

Мероси Аҳмади Донишро аввалин маротиба Садриддин Айнӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Мо дар эҷодиёти С. Айнӣ метавонем, доир ба шахсияту осори Аҳмади Дониш дар навиштаҳои таърихию адабии «Таърихи амирони манғити Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Ёддоштҳо» ва амсоли ин ошно шавем. Минбаъд осори Аҳмади Донишро донишмандони таъриху фалсафа ва адабиёт, аз ҷумла Е.Э. Бертельс, З.Ш. Раҷабов, С. Улуғзода, Х. Мирзозода А. Мирзоев, А. Баҳоваддинов, Р. Ҳодизода, Ғ. Ашӯров, М. Диноршоев, И. Муми-

нов, С. Аҳмадӣ, Ҳ. Алгор, Т. Атобакӣ ва дигарон таҳқиқ намудаанд. Махсусан, дар омӯзиши афкори таърихию фалсафӣ ва бадеии Аҳмади Дониш муҳаққиқони тоҷик А. М. Баҳоваддинов, З. Ш. Рачабов, С. Улуғзода, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Ғ. Ашӯров, М. Диноршоев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Сотим Улуғзода дар таълифи худ Аҳмади Донишро чун рушддиҳандаи адабу фарҳанги тоҷик, ташаккулдиҳандаи диди равшанфикрию ислоҳотталаби мардумони Осиёи Марказӣ тасвир намудааст. Ба андешаи С. Улуғзода Аҳмади Дониш бо осори безаволаш саҳифаҳои таърихи афкори иҷтимоию фарҳангии мардумони рангин намуда, дар беҳтарсозии он саҳми арзанда гузоштааст.

Сотим Улуғзода дар симои Аҳмади Дониш пеш аз ҳама, донишманди ҳозирҷавобро тасвир кардааст. Ҳангоми ба ғазаб овардани қозикалон аз ҷониби Қиёмиддин ва бӯҳтон задани Аллома дар вақти мулоқот дар назди қозикалон Аҳмади Дониш ба сӯи Қиёмиддин нигариста «ҳм.. маълум» мегӯяд. Қиёмиддин боз дар ҳамин маврид низ даст аз домани туҳмат наканда, «лаббай? Ман малъун?» мегӯяд. Дар ҳамин ҷо Аҳмади Дониш ҳозирҷавобона, посух медиҳад, ки «ман маълум гуфтам, домулло, «ман малъун»-ро шумо гуфтед» [Улуғзода 1975, с. 334].

Дар эҷодиёти С. Улуғзода масоили худшиносию худогоҳӣ ва таҳқиқи чеҳраҳои адабӣ-таърихӣ мавқеи махсус доранд. Дар китоби «Қиссаҳои драмавӣ» пиесаҳои «Дар оташ» (1944), «Темурмалик» (1968), «Алломаи Адҳам ва дигарон» (1970), «Восеъ» (1971), «Шифокори бузург» (1980) ва ғайраи С. Улуғзода ҷамъоварӣ шуда, дар онҳо қаҳрамониҳои фарзандони барӯманди халқи тоҷик таҷассуми бадеӣ ёфтаанд. Аз ҷумлаи дар пиесаи «Алломаи Адҳам ва дигарон» дар симои Аҳмади Дониш С. Улуғзода доир ба ақибмондагии кишвар, зиндагии тоқатфарсо, рӯзгори аллома ва амсоли ин ба хонанда нақл мекунад. Ба андешаи С. Улуғзода ақибмондагӣ ва зиндагии сахт Алломаи Адҳамро маҷбур сохтааст, ба ҳар роҳе, ки бошад ба амиру ҳоким ва мансабдорони давр фаҳмонад. Ягона роҳи начотро аз ин варта Алломаи Адҳам дар робитаи дӯстона бо маданияту фарҳанги халқи рус медонист. Мутаассифона, муллоҳои мутаассибу ҷоҳил ва зимомдорони давр ноумедаш мекунанд. Чуноне дар навиштаи мазкур омадааст:

«***Пашков.*** Оқибати номаи шумо, ки ба амир навишта будед, чӣ шуд, саркор? Он рӯз, ки шуморо ба арк даъват намуданд, дар ин хусус гуфтугӯ ба миён омад ё на?

Алломаи Адҳам. Бале, гуфтугӯ кардем. Албатта, ҳамаи пешниҳоди ман рад шуд. (Баъд аз сукут, бо алам). Оҳ, Мавлоно, ман танҳоям, танҳо. Бисту панҷ сол аст, ки мекӯшам ин амирони саффок, вазирони ҷоҳил, раисони коҳилро бо ваъзу насиҳат ба одамият оварам, бо хуни ҷигар номаҳо навиштам ба амир, рисолаҳо таълиф кардам роҷеъ ба ислоҳи бенизомиҳо, аммо маълум шуд, ки ман мушт ба девори похса мекӯфтаам ё танбӯр ба гӯши харон менавохтаам. Акнун, агар бақияи умрам вафо кунад, рисолаи дигаре менависам ва ҳарчи дидаму донистам, дар вай сабт мекунам, то шояд пасояндагон хонда ибрате бигиранд» [Улуғзода 1984, с. 304].

Аҳмади Дониш шиносоӣ бо чанд нафар уламои русро неъмат ва давлат мешуморад [Улуғзода 1975, с. 334]. Нависанда дар ибрози ин матлаб аз як ҷиҳат бо назардошти он ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ «неъмат ва давлат» донистани уламои рус боиси то андозае мавқеъ пайдо кардани асар дар замон мегардид, ҳамин маъниро ба қалам додааст. Аз ҷониби дигар, муносибати Алломаи Адҳамро ба илм ва уламо ифода карда, ҳамзамон, ҷиҳати муносибати дӯстона ва қавии Россияи подшоҳӣ ва аморати Бухоро чунин тарзи ифода ва мавқеъгирии намояндаи аморати Бухоро Алломаи Адҳамро нисбат ба муносибатҳои дипломатӣ инъикос намудааст.

Дигар хусусияте, ки нависанда дар симои Аҳмади Дониш тасвир намудааст, як навъ ҷасорати бемонанди Алломаи Адҳам нисбат ба сиёсати замон ва зимомдорони давр аст. Чунончи, дар ҷавоб ба қозикалон посух медиҳад, ки «… инчунин аз он чи дар он сафарҳо дидам ва шунидам, чашмам ба ҷаҳон кушода гардид; дидам-берун аз кишвари зулмоболу ҷаҳлободи мо ҳам ҷаҳоне будааст, мардумони аз мо донотару бинотаре будаанд» [Улуғзода 1975, с. 335-336].

Дар замони подшоҳӣ дар назди намояндаи давлат – қозикалон, ки ба шумори хизматчии давлатии имрӯз буд, нотарсона низоми давлатро ба

«зулмобод»-у «ҷаҳлобод» ташбеҳ кардан танҳо ба Аҳмади Дониш ва ӯ барин родмардони ҷасур хос буд. Ин гуфтаҳои Аллома маънои онро дошт, ки низоми зулмниҳоди подшоҳӣ бояд барҳам дода шавад ва ҷои ҷаҳлро, ки донистани забони русиро куфр мешуморид, бояд ки ақлу хирад гирад.

Дар мавриди дигар, дар баҳс бо қозикалон Алломаи Адҳам мегӯяд: «Масхарагӣ дар ин ҷо пеш аз ман сар шудааст, тақсир, агар шумо сухани маро масхарагӣ гӯед, пас ин фақат давоми он аст» [Улуғзода 1975, с. 336].

Рӯирост Аҳмади Дониш сиёсати қозикалонро масхара ном ниҳода, сатҳи тафаккури ӯро паст донистааст. Албатта, ин ҷасорати дигари ӯ дар баробари низоми подшоҳӣ буд, ки метавонист ӯро нобуд созад.

Дар ҷавоби қозикалон боз Алломаи Адҳам чунин ҷавоб медиҳад: «Маълум мешавад, зеру забар шудани Бухоро ба як дастбӯсии зани кофира маътал будааст? Каромат кардед, тақсир. Мани ғофил гумон мекардам, ки балою офат ба сари халқи мо аз вуҷуди риёкорон, ҷоҳилони дину шариатфурӯш меояд».

Дар ин ҷо Аҳмади Дониш рӯирост қозикалонро ҷоҳил ва аз моҳияти ислом бехабар шуморида, ҳамаи балоҳоро аз риёкорӣ-дурӯягию мунофиқии аҳли дин мешуморад, ки бо ном дар шариат буданд, аммо хурофот доштанд. Ба мисле ки Хоҷа Ҳофиз мефармояд: «Халқе забон ба даъвии ишқаш кушудаанд, // Эй ман ғуломи он, ки дилаш бо забон якест» [Ҳофиз 1983, с. 77].

Дар баробари ин, пас аз иддаи Абдусалом бобати он, ки қозикалон набояд Аҳмади Донишро ба куфру бидъат тавба фармояд, Аҳмади Дониш бо киноя мусулмонии қозикалонро ба тамоми мамлакат кифоя медонад [Улуғзода 1975, с. 337]. Ин маънои онро дорад, ки қозикалон, агар ҳамин хел пиндор дошта, исломро ҳамин тавр мефаҳмида бошад, пас аз мардуми одӣ чӣ интизор шуд?

Нависанда аз забони Абдусалом, қаҳрамони дигари асар низ аз ҷасорати Аҳмади Дониш сухан гуфтааст: «Аллома бароям аз ҳар саҳифаи китобаш ҳамчун як шахси фарзонаи ниҳоят ҷасур ва ҳақгӯй арзи вуҷуд карданд» [Улуғзода 1975, с. 337].

С. Улуғзода ҷасорати Алломаи Адҳамро боиси парда аз сиёсати зимомдорони аморати Бухоро афтода дониста, аз забони Абдусалом низоми сиёсати ҳамонвақтаи амирро ба ботлоқ ташбеҳ додааст. Чунончи, Абдусалом мегӯяд: «Монанди мударрисҳо ва ҳамдарсонам ман ҳам Бухороро маркази рубъи маскун, амирро сояи Худо, мадрасаро дорулмаърифат медонистам. Ва Алломаи Адҳамро кофир, коҳин, шогирди шайтон. Қурбоқа ботлоқи худро тамоми ҷаҳон мепиндоштааст. Пеш аз хондани китоби устод Аллома ман ҳам, бубахшед, қурбоқа будаам. Ин китоб тамоми андешаҳо, ақидаи маро тагорӯ кард. Фаҳмидам, ки то чӣ андоза аҳволи ватани мо расво, абгор, халқи мо то чӣ андоза бенаво ва забун будааст» [Улуғзода 1975, с. 338].

Ҷасорати дигари Аҳмади Дониш дар ирсоли мактуб ба унвони амир дар бораи кушодани мактабҳои русӣ дар қаламрави Бухоро буд, ки дар тасвири нависанда чунин омадааст: «Кошки дар шаҳрамон якто мактаби забони русӣ кушода мешуду мо ҷавононро, монанди Ҳабиба духтаронамонро мехонондем. Ман дар мактуби ба амир навиштаам ҳамин таклифро ҳам пешниҳод кардам» [Улуғзода 1975, с. 341].

Нависанда Аҳмади Донишро на танҳо донишманд, балки мутафаккири бузург тасвир намуда, аз забони Абдусалом мефармояд: «Фармуданд, ки афъолу атворамро дигар карда, ба омӯхтани забони русӣ шуруъ кунам. Суханашон ҳеҷ аз ёдам намеравад. Гуфтанд сарнавишт моро ба Россия пайванд кард, агар мо хоҳем, ки ба роҳи тараққию такомул қадам гузорем, моро аз ин халқ донишу ҳунар омӯхтан воҷиб аст, аммо гуфтанд, омӯзиш бе шогирдӣ мутасаввир нест, шогирдӣ ҳам бе дӯстӣ намешавад ва ин ду бе донистани забону садои русӣ маҳол аст» [Улуғзода 1975, с. 339].

Аҳмади Дониш надонистани забони русиро барои ҷавонони ҳушманди бухороӣ ба мисли Абдусалом «нохалафӣ» шуморидааст. Ин талабот барои ҷавонони имрӯз низ пеш омадааст. Бори дигар исботи он нукта аст, ки Аҳмади Дониш мутафаккири бузург буда, донистани забонро аз муҳимияти зиёӣ медонад.

Нависанда аз забони Пашков, яке аз қаҳрамонони асар, олим ва шарқшиноси рус шаш хусусияти Алломаи Адҳам-Аҳмади Донишро ба риштаи тасвир кашидааст, ки онҳо мунаҷҷиму муҳандис, мусаввиру мусанниф ва муолиҷу мунаққид мебошанд [Улуғзода 1975, с. 341].

С. Улуғзода чеҳраи адиби маъруфи асри 19-уми мо – Аҳмади Донишро дар шаш симо инъикос кардааст. Ӯро мунаҷҷим-ситорашинос шуморида, дар ин илм дастёб будани Аҳмади Донишро ба қалам додааст. Аҳмади Дониш аз илми муҳандисӣ низ хуб бохабар буда, пас аз сафар ба Петербург ин илми худро такмил бахшидааст. Мусаввир будани Алломаи Адҳам, пеш аз ҳама, дар он инъикос мегардад, ки ҳодисоту воқеоти замонро ба тасвир кашида, онҳоро дар асарҳои худ ниҳоят хуб тасвир кардааст.

Мусанниф будани Алломаи Адҳам дар таълифи асарҳои пурмуҳтаво ва таърихию адабияш маънидод гардида, ба қавли Пашков «мунаққиди бенизомиҳо-бедодгариҳо» буд. Дар ҳунари нависандагии худ Аҳмади Дониш қоил буда, боризан соҳиби ин ҳунар буданро баён мекунад: «Ҳамааш, ғайр аз хушнависию лавҳагарӣ ва шояд ҳам нависандагӣ, ё худ чунон ки фармудед, мусаннифӣ. Аз нависандагӣ мақсад ба ҳамватанони ҳушманд баъзе ҳақиқатро фаҳмонидан, баъзе донишҳоро дондондан ва масалан ҳазрати қозикалонро Афлотуни замон надонанд».

Нависанда аз забони худи Аҳмади Дониш ду ҳунари дигари ӯ: хушнависию лавҳагариро ошкор менамояд. Яъне, чеҳраи Аҳмади Дониш дар асари С. Улуғзода дар баробари он ки мунаҷҷиму муҳандис, мусаввиру мусанниф ва муолиҷу мунаққид будааст, боз ҳамчун хушнависию лавҳагар инъикос ёфтааст, ки бузургии Алломаи Адҳамро возеҳтар баён менамояд. Дар ин ҷо Аҳмади Дониш на танҳо чеҳраи адабию фарҳангӣ, балки ба симои ҳаким, алломаву ҳамадон, ходими давлатӣ-намояндаи аморати Бухоро дар Петербург, дар умум, ба чеҳраи таърихӣ табдил ёфтааст.

Чеҳраи Аҳмади Дониш дар асари С. Улуғзода ба сифати табиби ҳозиқ низ тасвир шуда, ин ҳунари ӯро аз забони худаш баён намудааст. Дар ҷавоби Пашков

мегӯяд, ки «ман ғайр аз худам ва аҳли хонаводаам касеро муолиҷа намекунам, намехоҳам шарики бадномии табибони мо шавам, ки бисёр нушдоруяшон кори заҳри ҳалоҳил карда ва ҳабби шифояшон шарбати марг омадааст» [Улуғзода 1975, с. 341-342].

Дар вақте ки Неъмат дар лаълӣ тут меорад ва Аҳмади Дониш Пашковро ҷиҳати тановул даъват менамояд, мегӯяд, ки «Тутро Ибни Сино дар «Ал-Қонун» навиштааст, ки дилро боқувват мекунад ва харобии даричаи дилро давост» [Улуғзода 1975, с. 343].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Аҳмади Дониш аз асарҳои Ибни Сино хуб огаҳ буда, ҷиҳати муолиҷа аз онҳо истифода мекардааст. Яъне, табиби ҳозиқи даври худ буда, ба хотири он, ки табибони замонаш аксар бо ном табиб будаанд, нахостааст, ки дар ин касб-табобати мардум низ ном барорад.

Хислати дигари Аҳмади Дониш дар асари С. Улуғзода дар он аст, ки на танҳо зимомдорони вақт, балки рӯирост ҳар зараррасони ҷомеа, аз ҷумла табибони ҳамон вақтро зери тозиёнаи танқид кашидааст. Яъне, Алломаи Адҳам, қабл аз ҳама, ростқавл, ошкорбаён, мунаққиди ҳамаи ҷурмҳои замон аст. Новобаста аз табақот ва вобастагии иҷтимоӣ ба ҳар як зараррасони ҷомеа мубориза бурда, нуқси ӯро рӯирост иброз медорад.

Алломаи Адҳам то ба ҷое ростқавл аст, ки боиси аз дарбор рафтанашро на хоҳиши худ, зарурати замон ва ё тақозои ҳолат медонад, балки бо забони худ мегӯяд, ки аз дарбор ронда шудааст. Ва ин нукта дар вақти суҳбат бо Пашков чунин иброз мегардад: «Ризқи ман аз пушти ҳамин хушнависӣ ва лавҳакашист, хусусан, баъд аз ронда шуданам аз дарбори амир» [Улуғзода 1975, с. 342].

Мусаввирии Аҳмади Дониш то ба ҷоест, ки Пашков ҳунари нақкошии ӯро ба ҳунари Беҳзод монанд карда, гуфтааст, ки «саркор, банда аз тамошои ин шоҳкори шумо хеле лаззат бурдам. Бидуни шак инро метавон бо корҳои Беҳзод дар як радиф гузошт» [Улуғзода 1975, с. 342].

Сотим Улуғзода бо ин пиндори Пашков мехоҳад, ки дар асари худ чеҳраи Алломаи Адҳамро ҳамчун рассоми чирадаст ва муваффақ ба калам дода, аз ин ҳунари ӯ, ки кам кас аз ҳаводорони илму адаб медонистанд, ҳамаро огоҳ созад.

Дар ҳақиқат, Алломаи Адҳам на танҳо адиб ва мутафаккири маъруфи асри XIX-и мо, балки яке аз мусаввирони чирадасти асри худ аст, ки аз ӯ мусаввараҳои нодир ба мо боқӣ монда, шаҳодати ин иддао мебошанд.

С. Улуғзода аз забони Пашков ба низоми ҳамонвақтаи идоракунӣ баҳо дода, «чароғи барафрохтаи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Ал-Берунӣ, Ал Форобӣ, Навоӣ, Улуғбекро хомӯшшудаистода» ба қалам додааст.

Аммо дар илова мефармояд, ки «худи вуҷуди саркор (Аҳмади Дониш-Н.М.) далели муҷассамаест, ки ин чароғ хомӯш нашудааст» [Улуғзода 1975, с. 342]. Бо ин ифода, нависанда паҳлуи дигари симои Аҳмади Донишро инъикос карда, ӯро давомдиҳандаи адабиёти форсу тоҷик, вориси Рӯдакию Сино ҳисобидааст. Яъне, чароғи фурӯзони адабиёти тоҷик дар асри XIX донистааст.

Дигар паҳлуи симои Алломаи Адҳам аз забони Пашков дар асар зикр шудааст, ки сухандонию суханварии Аҳмади Дониш мебошад. Пашков дар баробари он ки хонаи Аҳмади Донишро «Академияи илм ва санъати Бухоро» мешуморад, инчунин, мегӯяд, ки дар он «словестность»-суханварӣ, ширинсуханӣ мавҷуд аст [Улуғзода 1975, с. 344].

Пашков хонаи Аҳмади Донишро, ҳамчунин, намоишгоҳи нуҷум, ҷуғрофия, лоиҳакашӣ, тиб, мусаввирӣ, хушнависӣ ва хушбаёнӣ медонад, ки албатта, ҷанбаи дигари инъикоси чеҳраи Аҳмади Дониш дар асар аст. Аҳмади Дониш то ба ҷое ба илмҳои мазкур дода шудааст, ки олим ва шарқшиноси рус Пашков ва ҳамсари ӯ Пащкова Евгения Павловна хонаашро ба «Академияи илм ва санъати Бухоро» ва «намоишгоҳи илмҳо» монанд кардаанд. Дар як радиф, С. Улуғзода Аҳмади Донишро бо ин ҳама илму савод инсони хоксор ба қалам дода, аз забони ӯ дар мавриди таърифаш аз ҷониби Пашков чунин мегӯяд: «Ба Худо, ки маро хиҷолат медиҳед, мавлоно. Аз он чи шумо ба ман нисбат медиҳед, ман хеле-хеле дурам. Хуб, агар чизе дорам, аз юмни таваҷҷуҳи шумост» [Улуғзода 1975, с. 344].

Дар асар нависанда паҳлуи дигари симои Аҳмади Дониш - сиёсатмадории ӯро хело равшан ба қалам додааст. Гарчанде, ки Алломаи Адҳам ниҳоят ба амир ва сиёсати ӯ бадбин буд, аммо ҳамеша дар муқобили ӯ ҳангоми гуфтугӯ лутф мекунад. Аз ҷумла мегӯяд, ки «Ҷаноби олӣ ниҳоят ин дуогӯйро ҳам ба хотири муборак овардаанд, хеле сарфарозам» [Улуғзода 1975, с. 344]. Ин ҷо камоли сиёсатмадории Аҳмади Дониш дар риояи расми қабулшудаи амирону шоҳони тоинқилобӣ буд, ки ҳатман ба онҳо сано меҳонданд, хотирашонро муборак мешумурданд ва дидорашонро боиси сарфарозӣ меҳисобиданд.

Аз ҷумла, дар асар сиёсатмадорӣ ва дипломатияи баланди Аҳмади Дониш дар ҷавоби амир чунин ба қалам омадааст: «Дар дами дарвоза ба ҷаноби қозикалон бархӯрдам, ба фақир ало нигоҳ карда:»Дароед, аз кирдоратон дар ҳузури ҷаноби олӣ ҷавоб медиҳед» гуфтанд, маълум мешавад, аз ҷавобе, ки ба худашон дода будам, қонеъ нашудаанд» [Улуғзода 1975, с. 349].

Аҳмади Дониш аз дастбӯсии худи амир дар Петербург ва Москва огаҳ буда, онро рӯирост ба амир иброз медорад, ки «шунида будам ҷаноби олӣ ҳам дар Петербургу Маскав дасти бонуҳои русро бӯсида будаанд, инро хеҷ кас қабеҳ нагуфт ва агар гӯянд, аблаҳ аст» [Улуғзода 1975, с. 350].

Дар ин ҷо рӯирост Аҳмади Дониш амирро аблаҳ гуфтааст. Зеро худи амир ин амалро «кирдори қабеҳ» дониста буд. Ҷасорат, зарофат ва лутфи сухани Аҳмади Дониш то ба ҷоест, ки ин таънро нисбат ба амир дар ҳузури амир бисёр нозукона иброз доштааст.

Ҳамчунин, Алломаи Адҳам дар ҷавоби султон иброз медорад, ки «худро ба султон баробар кардани як нафар дуогӯи фақир мутасаввир нест, амирам, аммо инсофан бояд эътироф кард, ки имрӯз ба дастбӯсии зани кофира дуямон баробарем. Ва Худо нишон надиҳад, агар чунон ки ҳазрати қозикалон мефармоянд, аз ин дастбӯсӣ олам зеру забар гардад, ҷавобгар дуи мо ҳастем» [Улуғзода 1975, с. 350].

Дар асар хислати дигари Алломаи Адҳам равшан ба қалам дода шудааст, ки дар ояндабинӣ, дурбинӣ ва рӯҳияи созанда доштани ӯ инъикос меёбад. Зеро дар

ҳамон даврон аллакай Аҳмади Дониш ба амири марҳум ва нави Бухоро тавсия медиҳад, ки на танҳо дар Бухоро мактабҳои русиро бояд боз кунем, зеро ин омили муҳими иртиботи аморати Бухоро бо Россияи подшоҳӣ хоҳад гашт, балки тавассути ҷалби мутахассисони русӣ бояд фабрикаҳо кушод, аз дарёи Ому ҷиҳати обёрӣ кардани заминҳои берун аз кишт об баровард ва корҳои зиёди ободкорию созандагиро ба роҳ монд. Аммо хурофоти амир ва амирзода, қозикалон ва амсоли инҳо то ба ҷое буд, ки худашон аз асли шариат бехабар ғасбу ғорату туҳмату дурӯғу дурӯягӣ ва ҷаҳлу зулму ҷаҳолатро меъёри роҳбарӣ ва рукнҳои асосии низоми давлатдорӣ мешумурданд. Ин фаҳмиш то ба ҷоест, ки амир бо забони худ иқрор мешавад, ки «султоне, ки зиндон, дор, дарраю кунда надошта бошад чӣ султонест? Аз вай кӣ метарсад?» [Улуғзода 1975, с. 349].

Хулоса, дар асар симои Аҳмади Дониш аз ҷанд паҳлу ба қалам дода шудааст. Аввалан, Алломаи Адҳам ба сифати инсони фарҳангӣ, адабӣ ва таърихӣ мунаҷҷиму муҳандис, мусаввиру мусанниф ва муолиҷу мунаққид, хушнавис, хушбаён, зебосухан аст. Дуюм, ҳамчун фарди ҷомеа озодихоҳ, ростқавл, муборизҷасур, ҳақиқатгустар, хоксор, ва тарбиятгар мебошад. Сеюм, ба сифати ходими давлатӣ сафири нозукбин, нозукандеш, дипломат, мулоимсухан, доно, сиёсатмадори муваффақи замони худ будааст.

Симои Аҳмади Дониш аз нигоҳи нависанда дар маҷмуъ, симои як инсони комилест, ки новобаста аз авзои ниҳоят мухолифу мураккаб ва пурпечутоби ҷомеа барои саодати халқ, рушди ҳаёти иҷтимоӣ, дӯстию рафоқат ва муносибатҳои ҳасанаи кишварҳои ҳамсоя ва наздику дур ҳамеша кӯшиш ба харҷ дода, озодӣ, ободӣ ва комёбиҳои ҳамаи халқу миллатҳоро мепарварад. Интихоби Сотим Улуғзода низ аз миёнаи аҳли зиёву адаби садаи XIX дар шахсияти Аҳмади Дониш басо бамаврид аст, ки маҳз Аҳмади Дониш мубаллиғи донишу маърифат ва нуру зиё ҳамзамонону ояндагон ва дар умум кулли ҷомеаро ба маориф ва илму фарҳанг таблиғ намудааст ва калиди рушду нумуи ҳаёти башарро маҳз дар рушди илму маориф дидааст.

3.6. Симои устод Айнӣ дар таълифоти Сотим Улуғзода

Дар таърихи ташаккулу инкишофи тамаддуни фарҳанги миллати тоҷик бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо бо гузашти замон аз хотирҳо фаромуш нашуда, балки нуфузу эътибори онҳо миёни ҷомеаи мутамаддин ҳамвора меафзояд.

Фарзанди фарзонаи миллати тоҷик аввалин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ аз зумраи ҳамин фарзандони барӯманди халқи тоҷик мебошад. Ҳангоме ки тавассути таҳқиқоту таълифоти олимону муҳаққиқони ватанию хоричӣ ва адибони дохилию бурунмарзӣ ба ҳаёту фаъолият ва корномаи ин шахсияти барҷастаи фарҳангии асри XX шинос мешавем, шоҳиди он мегардем, ки на танҳо бо осори безаволаш дар рушди адабиёти миллати хеш ҳиссагузор гардидааст, инчунин бо рӯзгор ва зиндагиномаи худ дар дилу дидаи ин халқи фарҳангдӯст ҷой гирифтааст. Ин аст, ки бо гузашти солҳо ниёзи ҷомеаи тоҷикон ба шинохти шахсияти С. Айнӣ ба тадриҷ афзуда истодааст.

Устод Айнӣ дар вазъияти таърихие ба майдони кору эҷод омадааст, ки душманони халқи тоҷик мавҷудияти миллати тоҷик ва забону адабиёти онро инкор мекарданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад, ки «Агар мо нақши бузурги китобро дар ҳаёти сиёсӣ ва давлативу иҷтимоӣ равшантар донистан хоҳем, бояд бори дигар асари безаволи устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба хотир оварем. Дар он давраи ҳассос ва қисматсоз (соли 1926) устод Айнӣ дар кӯтоҳтарин муддат китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба майдон овард, даъвоҳои ғаразноки нотавонбинонро фош сохт, ҳуқуқи маънавии халқи тоҷикро ба таърихи куҳан, ба забон ва адабиёти оламшумулаш исбот ва таъмин намуд» [Эмомалӣ Раҳмон 2016, с. 312].

Дар ҳақиқат, миёни адибони давраи нави тоҷик устодон Садриддин Айнӣ ва Сотим Улуғзода, ба таъбири адабиётшинос А. Саъдуллоев, «чанорҳои сершоху барг ва серсояеро мемонанд, ки онҳо ба таъриху тамаддуни асили миллат ре-

шапайвандии амиқ дошта, на ин ки садсолаҳо, балки ҳазорсолаҳо бо эҷодиёташон мавриди таваҷҷуҳи хонандагону муҳаққиқон қарор мегиранд» [Саъдуллоев 2003, с. 4].

Дар илми адабиётшиносии тоҷик таъкид шудааст, ки номи устод Айнӣ баъд аз нашр гардидани повести нахустинаш «Саргузашти як тоҷики камбағал ё ки Одина» бо сарсухани Абдурраҳфи Фитрат (1927) диққати муҳаққиқон ва адабиётшиносону адибонро ба худ ҷалб намудааст. Ҳол он ки нахустин баҳои адабиётшиносиро оид ба фаъолияти адабии С. Айнӣ, ҳанӯз солҳои 1905 – 1907 Шарифҷон махдуми Садри Зиё дар тазкираи «Тазкори ашъор» дода буд:

Ба мулки сухан Айнии хушбаён,
Чу шамъ аст урёну равшанравон.
Ба назму ба насри сухан довар аст,
Зи насраш вале назми ӯ хуштар аст [Садри Зиё 1380, с. 152].

Дар муддати фаъолияти илмию эҷодии Садриддин Айнӣ ва баъд аз фавти устод то имрӯз суханшиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ садҳо асару мақолаҳо ва тақризу гузоришҳо ба табъ расонида, ҳар кадоми онҳо дар бораи ҳаёт ва хусусиятҳои эҷодии С. Айнӣ маълумоти мукаммал додаанд. Ба мисли Нарзуллоҳ Бектош дар «Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ» (1933), К.Д. Обидинов дар «Садриддин Айнӣ» (1936), А. Маниёзов дар «Публитистика ва назми устод С. Айнӣ» (1958), И. С. Брагинский дар «Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» (1968), Соҳиб Табаров дар «Романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ» (2005) ва «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» (1875-1899)» (2008), А. Сайфуллоев дар «Романи устод Садриддин Айнӣ «Дохунда» (1966) ва «Мактаби Айнӣ» (1978), М. Шукуров дар «Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» (1966), «Равшангари бузург» (2006) ва «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» (2006), Холида Айнӣ дар «Ҳаёти Садриддин Айнӣ» (1982), Х. Асозода дар «Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ» (2004), «Воқеият, сиёсат ва устод Айнӣ» (2010) ва «Саҳифае аз мактаби эҷодии устод Айнӣ», А. Кӯчаров дар «Тадқиқи текстологии повести «Одина»-и С. Айнӣ» (1982) ва «Масъалаҳои матншиносӣ ва нақди матни

насри С. Айнӣ» (1999), А. Маҳмадаминов дар «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ» (1998) ва «Айнишиносӣ ва замони ҳозира» (2006), М. Имомов дар «Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ» (2001) ва «Сюжет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ» (2007), Ш. Раҳмонов дар «Шеър ва Айнӣ» (1994) ва «Ақидаҳои адабӣ ва назари эстетикии устод Айнӣ» (2008), Н. Аслонова дар «Симои Садриддин Айнӣ дар насри муосири тоҷик» (2006) ва «Андешаҳои адабӣ - эстетикии Садриддин Айнӣ» (2012).

Гузашта аз ин, дар адабиёти бадеӣ ва публитсистика низ оид ба ҳаёт ва фаъолияти устод Садриддин Айнӣ ва саҳми ӯ дар инкишофи таъриху фарҳанги миллати тоҷик асарҳои мондагор рӯйи чоп омадааст. Чунончи, Раҳим Ҳошим дар «Пире, ки ҷавон шудааст» (1937) ва «Сухан аз устодон ва дӯстон» (1971), М. Турсунзода дар «Чароғи абадӣ» (1957), Ҷ. Икромӣ «Дар мактаби адабии устод Айнӣ» (1953) ва «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман» (1972), С. Улуғзода «Аз дафтари ёддоштҳои ман» (1935), «Садриддин Айнӣ» (1947), «Асосгузори адабиёти советии тоҷик» (1953), «Субҳи ҷавонии мо» (1956), «Дар бораи якчанд қайди устод Айнӣ» (1968) ва «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии устод Айнӣ» (1950), Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил» (1970), Ғанӣ Абдулло дар «Ормон» (1968), Абдусалом Деҳотӣ дар «Ҳикояҳо доир ба мулоқотҳои ман бо устод Айнӣ» (1961), Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим дар «Глазами совести» (1978), Ю. Акобиров ва Ш. Харисов дар «Садриддин Айнӣ» (1968), Ҳасан Ирфон дар «Ёддоштҳои ман дар бораи устод Садриддин Айнӣ» (1963), Расул Ҳодизода «Дар ёди устод» (1956), П. Толис дар «Хотираҳо дар бораи С. Айнӣ» (1956), Ӯрун Кӯҳзод дар «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» (1978), Бозор Собир дар «Муҷассамаи Айнӣ» (1987), Лоиқ Шералӣ дар «Айнӣ» (2008).

Умуман зиндагиномаи Садриддин Айнӣ, мактаби эҷодии устод ва дастгириҳои беғаразонааш нисбати ҷавонони боистеъдод ва донишманду эҷодкор дар бисёре аз осори шогирдону ҳаводоронаш дар шаклҳои гуногуни адабӣ рӯйи чоп омадааст. Аз ин миён, эҷодиёти С. Улуғзода, ки яке аз шогирдону давомдиҳанда-

гони мактаби эҷодии устод С. Айнӣ дар насри таърихӣ маҳсуб мегардад, назаррас мебошад.

Шиносоии Сотим Улуғзода бо Садриддин Айнӣ, асосан ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд, аз тариқи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» бо роҳнамоиву ҳидоятҳои устод Лоҳутӣ иттифоқ афтодааст. Сотим Улуғзода шиносоии аввалинашро бо устод Айнӣ дар яке аз ёддоштҳояш, ки зери унвони «Аз дафтари ёддоштҳои ман» моҳи ноябри соли 1935 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ба табъ расидааст, чунин баён намудааст:

«Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳи соли 1926 дар Тошканд устод Лоҳутӣ маро назди худ ҷеғ зананда оварданд. Ман дар он вақт студенти Дорулмуаллимини тоҷик будам. Устод дар бораи таҳсил ва муваффақиятҳои илмии ман ва ҳамдарсони ман суол карданд. Кӯшиш кун, ки хуб бихонӣ, - гуфтанд рафиқ Лоҳутӣ, - дарсҳои забонро махсусан аҳаммият бидеҳ. Забон, - асоси илмҳост. Дар охир рафиқ Лоҳутӣ як ҷилди муқовакардашудаи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба дасти ман дода фармуданд, ки бо ҳамсинфони худ онро мутолиа кунам. Баъд пурсиданд:

– Садриддин Айниро мешиносӣ?

– Шунидаам, - гуфта ҷавоб додам ман.

– Айнӣ як нависандаи калон аст. Асарҳои ӯро бихон ва ба рафиқони худат ҳам гӯй, ки хонанд.

Дар он вақтҳо агарчи саводи ман ба алифбои арабӣ ҳанӯз хеле ноқис буд, вале бо вуҷуди ин ман бо насиҳати падаронаи Лоҳутӣ амал карда, бо камоли шавқу завқ ба мутолиаи баъзе порчаҳои ҷудогонаи манзум ва мансури «Намунаи адабиёти тоҷик» сар кардам. Сарсухани бисёр муассири рафиқ Лоҳутӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» роҳе ба Айнӣ – аввалин чизе буд, ки маро ғоибона бо шахсияти устод Айнӣ як қадар шиносонд» [Улуғзода 1935, с. 22].

Воқеан ҳам, устод С. Айнӣ аз зумраи он зиёиёни пешқадами миллати тоҷик мебошад, ки тамоми умри азизи худро сарфи хизмат ба таъриху фарҳанг ва забону адабиёти халқи худ кардааст. Аз осори оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод Айнӣ ба табъ расонидаи Сотим Улуғзода бармеояд, ки маҳз тазкираи «Намунаи

адабиёти тоҷик» ва моҳияти фарҳангию иҷтимоии он сабаби аввалин шиносоӣ, меҳру муҳаббат ва самимияти Улуғзода нисбат ба Айнӣ гардидаст. Сотим Улуғзода нахустин таассуроти худро дар хусуси дидорбиниаш бо Садриддин Айнӣ чунин баён намудааст. «Дар охирҳои соли 1928 конференсияи алифбои нави тоҷикӣ даъват шуд. Ман, ки ба сифати вакили талабагони Дорулмуаллимин дар он иштирок мекардам, якумин бор Айниро дар ҳамин ҷо дидам. Ман аз як нафар шиноси самарқандии худам хоҳиш намудам, ки навъе карда маро бо Айнӣ шиносонад. Ӯ хоҳиши маро қабул кард. Чӣ қадар хурсандӣ, чӣ қадар ғурур ва ифтихор. Ман, талабаи мактаби миёна, бо Садриддин Айнӣ шинос шудам ва гуфтугӯ кардам. Ростӣ, ман муддатҳои дароз дар байни ҳаммактабҳои худам бо ин шиносоӣ худписандӣ мекардам» [Улуғзода 1935, с. 22].

Баъд аз нашри «Намунаи адабиёти тоҷик», чи хеле ки қайд гардид, повести «Одина» миёни зиёиёни тоҷик шуҳрат пайдо кард ва он дар маъруфии устод Айнӣ, ба ҷомеа, насли ҷавони солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ тоҷик нақши аввалиндараҷа касб намуд. Аз таърих маълум аст, ки дар он солҳо дастрасӣ ба эҷодиёти адибон, махсусан ба забони тоҷикӣ, барои ҷавонон мушкилиҳои зиёде ҷой дошт. Бо вуҷуди ин, ба бахти ҷавонони тоҷике чун Сотим Улуғзода мутолиаи асарҳои мисли «Намунаи адабиёти тоҷик» ва повести «Одина» - и устод Айнӣ дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ ва боло рафтани сатҳи маънавии онҳо кӯмак намудааст. «Дар соли 1927 «Одина»-и рафиқ Айнӣ чоп шуда баромад. Ин махсусан барои мо ҷавонони тоҷик як хурсандии калон буд, зеро ки ростӣ барои хондан дар забони тоҷикӣ китоб намеёфтем; дар омӯхтани забону адабиёти тоҷик «Одина» ба мо талабагон - шояд на танҳо ба мо, балки ба ҳазорон ҷавонони тоҷик ёрмандии калоне кард. Мо аз хондани он якумин бор тамоми зебоии забони соф, адабиёти насрии оммафаҳми тоҷикиро ҳис кардем. Бешубҳа, «Одина» яке аз сабаб ва стимулҳои муҳимми ба нависандагӣ сар кардани бисёр ҷавонон шуд» [Улуғзода 1935, с. 23].

Адабиёт ойинаи зиндагист. Аз ин ҷост, ки нависанда ба муҳимтарин воқеаҳо ва рӯйдодҳои тақдирсози ҳаёти кишвар, бунёдкориву созандагӣ ва таҳав-

вулоту дигаргуниҳои зиндагии ҷомеа ҳамовоз гашта, онҳоро дар асарҳои худ ҳақиқатнигорона тасвир менамояд. Повести «Одина»-и устод Айнӣ аз қабили ҳамин гуна асарҳои ҳақиқатнигоронаи адабиёти давраи нави тоҷик мебошад. «Садриддин Айнӣ на фақат эҷодкунандаи аввалин таронаҳои револютсионӣ, балки аввалин эҷодкунандаи повест ва романҳои советии тоҷик ҳам мебошад, - қайд кардааст Сотим Улуғзода. - Повести якуми вай «Одина» дар соли 1926 ба вуҷуд омад. Гуфтан мумкин аст, аввалин бор дар таърихи адабиёти ҳазорсолаи тоҷик қаҳрамони повест «шоҳзода» набуда, балки камбағали одии тоҷик буд ва асар на ба забони анъанавии китобӣ, балки бо забони соддаи оммафаҳм навишта шуда буд» [Улуғзода 1947, с. 3].

Фаъолияти адабии Сотим Улуғзода аз тарҷумаи асарҳои насрӣ шуруъ шудааст. Нависанда соли 1928 барои таҷриба «Сом ва Дик» ном асари М.А. Алексеевро ҳамроҳи собиқ донишҷӯи Донишгоҳи шаҳри Тошканд аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума намудааст. «Дар соли 1928 ман бо ҳамроҳии студенти собиқи факултаи шарқии Дорулфунуни давлатии Тошканд як китобчаи бачагона бо номи «Сом ва Дик»-ро аз русӣ тарҷума кардам. Шуъбаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Тошканд ин тарҷумаро барои таҳрир кардан ба рафиқ Айнӣ фиристода будааст. Баъд аз чанд вақт, рӯзе ман ба шуъбаи нашриёт омадам, мудири он рафиқ Мусавӣ як мактубро, ки аз Айнӣ гирифта будааст, ба ман дода хоҳиш намуд, ки хонда баромада, ба ӯ пас гардонам» [Улуғзода 1935, с. 22].

Аз ин маълум мегардад, ки С. Улуғзода аз рӯзҳои аввали фаъолияти адабии худ аз мактаби устод С. Айнӣ гузаштааст. Мактубу маслиҳатҳои устод С. Айнӣ барои С. Улуғзода манбаи илҳом гардида, қуввати дил ва боиси тасаллии хотири ӯ шудааст. Таҳриру тасҳеҳи «Сом ва Дик» дар роҳи минбаъдаи фаъолияти эҷодии С. Улуғзода такони ҷиддие ба вуҷуд овардааст. «Ҳоҷат ба гуфтан ҳам нест, ки ман ин мактубро хонда, аз ғамхории устод ва аз баҳои додагии он кас ба тарҷумаи ман, фавқулодда шод гардидам. Мактуби устод боварии маро ба худам, умедамро аз худам, зиёд кард ва маро водор намуд, ки минбаъд бо камоли ғайрат ва ҷиддият худро ба кори соҳаи нашриёт ва матбуот ҳозир намоям» [Улуғзода 1935, с. 23].

Навиштани осори тарҷумаиҳолӣ дар таърихи адабиёти тоҷик падидаи тоза набуда, балки анъанаҳои қадимӣ аст ва «Рисолаи саргузашт»-и Абуалӣ ибни Сино, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш далели ин гуфтаҳо мебошанд. Асарҳои дорои хусусияти тарҷумаиҳолӣ дар адабиёти классикии рус низ мавқеи муносиб доранд. Повести «Солҳои бачагии Багров набера» ва «Хроникаи оилавӣ»-и С.Т. Аксаков, «Бачагӣ», «Наврасӣ» ва «Ҷавонӣ»-и Лев Толстой, «Бачагии Тёма2, «Студентҳо» ва «Инженерҳо»- и Гарин Михайлковский ва «Бачагии Никита» - и Алексей Толстой аз қабили онҳост. Бо гузашти замон адибони даврони шӯравии тоҷик ба насри реалистии адибони рус аз наздик шинос шуданд ва ин анъанаи қадимии адабиёти классикиро мувофиқ ба талаботи замони нав ва шароити нав тағйир дод. Устод С. Айнӣ дар ҳикояҳои «Аҳмади девбанд» (1928) ва «Мактаби куҳна» (1930), «Ёддоштҳо» (1949-1954) ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1958), Ҷ. Икромӣ дар «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман» (1972), Р. Ҷалил дар «Маъвои дил» (1972) ва С. Улуғзода дар «Аз дафтари ёддоштҳои ман» (1935), «Садриддин Айнӣ» (1947), «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии устод Айнӣ» (1950), «Асосгузори адабиёти советии тоҷик» (1953), «Субҳи ҷавонии мо» (1956) ва «Дар бораи якчанд қайди устод Айнӣ» (1968) ин анъанаро идома додааст.

Симои устод Айнӣ дар повести «Субҳи ҷавонии мо» мавқеи намоёнро ишғол менамояд. С. Улуғзода дар асар ба Айнӣ боби махсусе бахшида, барои нишон додани хислатҳои устод Айнӣ чанд лаҳзаи фаъолияти ӯро ёдрас мешавад ва тасвири ин лаҳзаҳо шахсияти устодро дар назари хонанда равшан намоён месозад. Масалан, С.Улуғзода муносибати Айниро роҷеъ ба қабули алифбои нави тоҷикӣ, роҳҳои зудтару осонтар босавод намудани халқ басе самимӣ муайян кардааст. Дар тасвири Улуғзода, устод Айнӣ яке аз аввалин типи зиёиёни пешқадами тоҷик ва забоншиноси боистеъдод намудор мегардад. «Тирамоҳи соли 1928 дар Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд конференсияи забоншиносӣ баргузор гардид. Ба муҳокимаи конференсия ду лоиҳаи алифбои нави ба ҳуруфоти лотинӣ асосёфта пешниҳод шуда буд. Тартибдиҳандагони лоиҳаи якум таклиф мекарданд, ки

овозҳои ҷудогонаи ба мисоли баъзе алифбоҳои Европаи Ғарбӣ бо ду-се аломат (ҳарф) ифода карда шаванд, ки ин, ба фикри онҳо алифбои нави моро «зебо» ва «маданӣ» карда, ба вай тамомият мебахшид. Лоиҳа боиси тааҷҷуб ва эродҳои ҷиддӣ гардид. Айнӣ «далел»-и тартибдиҳандагони лоиҳаро бо истеҳзои талх ва суханҳои нешдор рад кард. Сухани ӯ ба ин мазмун буд: «Алифбои навро мо бо чӣ мақсад қабул мекунем? Барои «зебоӣ»-и онро тамошо карда завқ бурдан ё халкро зудтар босавод кардан? Агар мақсади шумо алифбои «зебо»-ро тамошо карда завқ бурдан бошад, марҳамат карда аз тамошои алифбоҳое, ки шумо аз онҳо намуна гирифтаед, завқ бурдан гиред. Мо бошем, толиби алифбои одӣ ва осон мебошем, то ки халқамон ба воситаи он тезтар савод барорад. Ба фаҳми мо, «зебоӣ», «маданият» ва «тамомият»-и алифбо дар он аст, ки бачагон онро ҳарчи осонтар ёд гиранд ва халқи тоҷики мо ҳарчи зудтар саводнок шавад» [Улуғзода 1982, с. 301].

С. Улуғзода дар асарҳои ба рӯзгору осор ва роҳи тайнамудаи Айнӣ бахшидаи худ кӯшиш намудааст, ки шахсият ва хизматҳои бузурги устод Айниро дар хусуси босавод намудани халқи тоҷик, омӯзиши забони адабии тоҷик, гирд овардани мероси гаронбаҳои адабиёти классикӣ, таҳрир ва тарҷумаи асарҳои бадеӣ, дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон ба тафсил нишон додааст. Ҳамаи ин, барои барҷастатар ва равшантар тасвир ёфтани шахсияти С.Айнӣ ёрӣ расонидаанд.

Х. Асозода гуфтааст, ки «С.Улуғзода бо навиштани «Саёҳати Бухоро…» шинохташро аз устод Айнӣ хотима набахшида, балки боз солҳо дар пайи ин шинохт қарор дошт. Июли соли 1954 С. Айнӣ вафот кард. Ӯ ҳамчун шахси зинда аз шогирдонаш ба дуриҳо рафт. Ин ҳодиса С. Улуғзодаро водор кард, ки устодро аз осораш ҷустуҷӯ намояд, зеро донише, ки аз шинохти Айнии зинда бардошта буд, ба шинохти дигаре эҳтиёҷ дошт, ки он метавонист дониши айнишиносии С. Улуғзодаро мукаммал созад» [Асозода 2001, с. 56].

Дар шинохти С. Айнӣ бисёриҳо навиштаанд, вале то ҳол шахсияти устод ба дараҷи кофӣ ва илмӣ исбот нагардидааст. Одатан, шинохти бузургон бузургӣ мехоҳад. Рӯзе аз «Садои Душанбе» шунидам, ки донишманде дар шинохташ аз С. Айнӣ чунин изҳор кард: «С. Айнӣ «Модар»-и А.М. Горкийро гирифту

«Ёддоштҳо»-яшро навишт». Дар фасле гуфта шуд, ки С. Айнӣ аз Горкий бисёр чизҳоро омӯхтааст. Аммо шинохти ин бародари донишманд аз С. Айнӣ ба куллӣ ғалат аст. Бахусус «Модар» ба «Ёдоштҳо» муносибате надорад. Саволе ба миён меояд, ки чунин ақидаҳо дар мавриди шинохт ва осори С. Айнӣ аз куҷо сарчашма мегирад? Магар истиқлолият маънои онро дорад, ки мо гузаштагони худро инкор кунем? Гап дар ин аст, ки осори С. Айниро нахонда, мехоҳанд, ки ӯро бишиносанд. С. Айнӣ шахсияти адабию фарҳангие буд, ки дирӯзро ба имрӯз пайвасти мантиқӣ бахшид. Осори устод Айнӣ дорои падидаҳои муосирият ва абадият мебошад. Имрӯз, ки дар қарни бисту як қарор дорем, мебинем, ки ҳама асарҳои бадеии устод, ки ғолибан дар муҳити иҷтимоии Шӯравӣ эҷод гардидаанд, аз воқеияти имрӯз баҳс менамояд. Агар осори устодро бодиққат мутолиа намоем, хоҳем дид, ки одинаҳо, дохундаҳо, сафарғуломҳо, судхӯрҳо ва ятимҳои С. Айнӣ имрӯзҳо ҳам моҳияти худро гум накардаанд. Ҳарчанд ки мегӯянд: чархи таърих дигар пас намегардад, вале оғози солҳои 90-ум нишон дод, ки чархи таърихи солҳои бисту сӣ пас гаштааст. Ин чарх танҳо ба мардуми тоҷик тааллуқ надошта, балки тамоми минтақаҳоро фаро гирифтааст. Яъне, бо пош хӯрдани давлати Шӯравӣ ҳам халқиятҳои Осиёи Миёна аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ ба ибтидои асри XX ва солҳои бисту сӣ баргаштанд. Аз ин рӯ, С. Айниро ҷиддан мутолиа бояд кард. Ҳар дафъае, ки ӯро мехонем, дониши тоза мебардорем ва эшонро назди худ бузургтар эҳсос менамоем. Гузашта аз ин, адабиётро ба намояндагонаш дар алоқамандӣ ба муҳити рӯзгор ва эҷод бояд омӯхт.

Тибқи иттилои Х. Асозода «С. Улуғзода аз соли 1928 то соли 1954 устодро бо осораш мудом мавриди мутолиа ва таҳқиқ қарор дода, ҷо - ҷо дар мавриди шахсият ва манзалати эҷодии ӯ мулоҳизаҳо кардааст. Вақте ки С. Айнӣ вафот кард, Улуғзода ба мутолиаи нави осори устод пардохт ва хост, ки ӯро дурусттар шиносад. Ин мутолиа 16 соли дигар идома ёфт. Ба қавли С. Улуғзода ҳар дафъае, ки оид ба С. Айнӣ изҳори ақида кардааст, ӯро ҳиссиёти ноқаноатмандӣ фаро гирифтааст» [Асозода 2001, с. 58].

С. Улуғзода менависад, ки « ... ҳамаи асарҳои ин шоир ва нависандаи бузург (С. Айнӣ – Н. М.)-ро ман хондам ва нағз медонам. Устодро дар ҳаёти шахсии ӯ ҳам дер боз ба хубӣ мешинохтам. Инак, ҳар чизе ки аз хусуси вай навиштаам, ба худам нотамом, нимкора, хира менамояд. Ҳамаи ин сатрҳо нисбат ба он чӣ, ки ман дар Айнии зинда медидам ва ҳис мекардам, ба назарам хеле ноқис, суст, камранг метобад. Борҳо навиштаам, ки Айнӣ аввалин муаллими советии тоҷик, аввалин журналист, аввалин шоир ва нависандаи советии мо, аввалин олим муаррих, адабиётшинос ва забоншиноси Тоҷикистони советӣ буд ва ниҳоят, аввалин Президенти Академияи фанҳои республикаи мо гардид. Вай ба маънои том устод, омӯзгор буд, дӯсти ғамхори ҳамаи мо буд. Эътироф мекунам. Дар асарҳои устод на ҳама чиз ба ман хушоянд аст, аммо ин одам, меҳнати вай, хулқу атвори вай, ҳаёт ва маишати вай ва муҳимтар аз ҳама - зиндагишиносии вай, донишмандӣ ва хирадмандии вай, забони тоҷикидонии вай, аз забон чизҳои аъло, зебо, пурмаъноро чида гирифта тавонистани вай барои ман ҳамеша пурқиммат буд ва ҳаст» [Улуғзода 1947, с. 3].

Бешак, адабиёти муосири тоҷик, хусусан, наср, аз мактаби Айнӣ нашъа гирифт ва ҳар як нависандаи шӯравии тоҷик, сарфи назар аз жанр, услуб ва хусусиятҳои дигараш, аз Айнӣ бисёр чизҳои даркорӣ ва муфид омӯхтааст. «Чинор дар замин решаҳои азим ва амиқ дорад. Мегӯянд, ки он решаҳо дар қаъри хок нами онро ба худ кашида, ҷамъ меоварад ва аз ҳамин сабаб, аксаран аз зери чинор чашмаҳо ҷорӣ мешавад. Садриддин Айнӣ ҳамин гуна чиноре дар боғи адабиёти мо мебошад» [Улуғзода 1975, с. 112-113].

Тавре ки мебинем, С. Улуғзода дар мавриди устод С. Айнӣ ташбеҳ аз чинор гирифтааст, ки басо бамаврид ва дуруст аст. Ба қавли Х. Асозода «маҳз ҳамон чинор буд, ки дар адабиёти садаи бисти тоҷик чинорчаҳои дигаре нумӯ карданд, ки аз чашмаҳои зери он чинор об нӯшиданду ба камол расидаанд. Яке аз чунин чинорҳо худи С. Улуғзода буд, ки дар шинохти воқеии он мутолиоти ҷидди адабиётшиносӣ сурат хоҳад гирифт. С. Улуғзода дар насри муосири тоҷик баъд аз устод Айнӣ дуввумин чеҳраест, ки ба падидаи шинохти воқеӣ эҳтиёҷ дорад.

Шахсе, ки Фирдавсиву Сино ва Аҳмади Донишу С. Айниро шинохтааст, бояд аз ҷониби бузургони дигаре аз миллат шинохта шавад. Даврони худшиносиву мустақилият тақозо менамояд, ки «Восеъ», « Ривояти суғдӣ», «Фирдавсӣ» ва дигар асарҳои драмавии С. Улуғзода аз нав мавриди тадқиқи адабиётшиносӣ қарор бигиранд. Он гоҳ С. Улуғзодаро шинохтан мумкин хоҳад шуд...» [Асозода 2001, с. 63].

Чӣ тавре ки дар боло сухан рафт, С. Улуғзода бо С. Айнӣ дар сафари Бухоро ҳамроҳ шуда, дар тамоми маврид кӯшиш кардааст, ки С. Айниро хубтар шиносад ва мақсади аслии сафарашро ба Бухоро восеҳтар ошкор созад. Баъд аз тамошои мақбараи Исмоили Сомонӣ, вақте ки нияти устодро дар бораи дидани китобхонаи Абуалӣ ибни Сино мефаҳмад, пай мебарад, ки С. Айнӣ мехоҳад деҳаеро зиёрат намояд, ки он ҷо Сино зода шудааст. Ба ин дидор С. Улуғзодаву Ҷ. Икромиро низ ташвиқ менамояд. Рӯзи дигар онҳо роҳи мадрасаи «Модари хон»-ро пеш мегиранд, ки ҳоло китобхонаи Сино ном гирифтааст. Ин мадраса нисбат ба мадрасаҳои дигари Бухоро хурдтар буда, биноаш бо услуби кӯҳна бунёд ёфтааст. Мавзеи мадраса хушманзараву озода будааст. Мегӯянд, ки амири охирини Бухоро - Олимхон онро ба номи модари худ бунёд ниҳодааст.

Чӣ тавре ки аз нақли С. Улуғзода бармеояд, устод С. Айнӣ роҳравон ба ҳамсафаронаш фаҳмонданӣ шудааст, ки дар кучо будани деҳаи Синоро ёфтан лозим аст. Дар кучо қарор доштани он деҳа барои устод маълум набудааст, тахмин мекардааст, ки он деҳа бояд Лағлақа ном дошта бошад.

Тибқи иттилои Х. Асозода «С. Айнӣ хеле барвақт ба Синошиносӣ машғул гардидаст ва соли 1939 рисолае ҳам, бо номи «Шайхурраис Абуалӣ Сино» навишта буд. Он ҷо устод доир ба Сино чунин маълумот додааст: «Падари Абуалӣ Абдуллоҳ бинни Сино ном яке аз фозилони Балх буда, дар замони ҳукумати Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ (976-998) аз Балх ба Бухоро, ки пойтахти Сомониён буд, омад. Нӯҳ ӯро ба қарияи Ҳурметан, ки имрӯзҳо Рометан ном дорад, маъмурияти мулкӣ дод. Абдуллоҳ дар Афшана ном деҳа барои худ хонаю

ҷо сохта ва аз он деҳа ба Ситорабону ном... духтар хонадор шуд» [Асозода 2001, с. 65].

Ба қавли устод С. Айнӣ «Абуалӣ дар Ҳурметан (Рометан), дар деҳаи Афшана, дар соли 980 аз ҳамон духтар (Ситорабону – Н.М.) зоида шуд» [Айнӣ 1963, с. 57].

Баъдҳо, ки С. Айнӣ ба таърихномаҳо ошно мешавад, дар мавриди зодгоҳи Абуалӣ будани Афшана шубҳа меорад ва умед доштааст, ки боре фурсат шаваду ба Бухоро рахти сафар бандад, ҳатман аз пайи ҷустуҷӯи он деҳа мешавад.

Дар таърихи адабиёти тоҷик миёни адибони давраи нав устод Айнӣ ба сифати чеҳраи фарҳангие, ки дар тамоми жанрҳои адабӣ асар эҷод кардааст, шинохта шудааст. Бесабаб нест, ки шинохти шахсияти Садриддин Айнӣ ҳанӯз аз замони дар қайди ҳаёт буданаш оғоз гардида, баъд аз фавти устод низ аз ҷониби адибони ватанию хорриҷӣ дар навъҳои гуногуни адабӣ идома дода шудааст. Шояд ин падида ба он далел бошад, ки тарҷумаи ҳол ва роҳи тайкардаи устод Айнӣ ба таъриху тамаддуни асили миллатамон решапайвандии амиқ дошта, зиндагиномааш ба сарнавишти халқи тоҷик мувофиқ омадааст. Бе муболиға, ҳангоме ки ба рӯзгору осор ва саҳифаи зиндагии Садриддин Айнӣ аз наздик шинос мешавем, шоҳиди он мегардем, ки дар он сарнавишти зиёиёни тоҷик дар як давраи муайяни таърихӣ акс ёфтааст. «Ҳамаи он чиро, ки халқи ситамдидаи тоҷик диду аз сар гузаронид, Айнӣ ҳам, аввал дар айёми кӯдакӣ, баъд дар ҷавонӣ ва охир дар айёми баркамол шуданаш дид ва аз сар гузаронид. Воқеан, дар зиндагӣ на ҳама вақт тарҷумаи ҳоли як шахс ба сарнавишти халқи ӯ мувофиқ омадааст. Хушбахтона, саргузашти С. Айнӣ дар худ сарнавишти зиёиёни тоҷикро дар як давраи муайяни таърихӣ инъикос кардааст» [Аслонова 2006, с. 4].

Чуноне таъкид намудем, симои устод Айнӣ дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Дар ин асари хеш С. Улуғзода боби алоҳидаеро ба С. Айнӣ бахшидааст. Дар ин боб С. Улуғзода хислату характериҳои устод Айниро тасвир намуда, устодро ба хонанда аз ҳар ҷиҳат ошно месозад. Ба таъкиди К. Юсуфов: «Дар тасвири С. Улуғзода С. Айнӣ

яке аз аввалин типи нависандагони пешқадам ва забоншиноси боистеъдоди советии тоҷик намудор мегардад» [Юсуфов 1968, с. 64].

Сотим Улуғзода муносибати устод Айниро роҷеъ ба забони адабии ҳозираи тоҷик, арҷгузорӣ ба мероси намояндагони бузурги адабиёти ҳазорсолаи тоҷик, қадршиносӣ ба забони асарҳои ин суханваронро самимию воқеӣ ба тасвир овардааст. «Забони адабиёти куҳнаро ман (устод Айнӣ – Н.М.) аз ҳеҷ кадоми шумо камтар намедонам, аммо он забон кайҳо аз забони зиндаи халқ канда шуда мондааст. Аммо забони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ барин арбобҳои бузурги адабиёти ҳазорсолаи мо гапи дигар аст. Забони асарҳои ин санъаткорони сухан, сода, фаҳмо ва халқӣ мебошад» [Улуғзода 1982, с. 302].

Устод Айнӣ аз ҷумлаи он адибоне буд, ки адабиёти ниёгонро хеле хуб медонист ва барои тараққӣ додану истифода намудани забони адабии тоҷик аз ин ганҷинаи бебаҳо талош намудааст.

Забони асарҳои бадеӣ бо вуҷуди он ки дар асоси забони адабӣ пойдор аст, мувофиқи меъёри худ метавонанд аз доираи он баромада, воҳидҳои лаҳҷавиро низ дар бар гирад. Воҳидҳои лаҳҷаю шева ва ё калимаҳои аз забонҳои дигар иқтибосшуда танҳо ба шарти оммафаҳм буданашон ва вазифаҳои муайяни услубиро баҷо оварданашон дар тасвири бадеӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳарчанд чунин воҳидҳои луғавӣ барои тасвири табиӣ ва равшан намудани симои персонажҳои асари бадеӣ мавқеи муайяне дошта бошанд ҳам, заминаи тасвири нависанда бояд дар доираи меъёри муқаррарии забони адабӣ ифода гардад. Айнӣ дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» низ тарафдори ҳамин меъёри забони тоҷикӣ буда, дигаронро низ барои риоя намудани ин меъёр тарғибу ташвиқ намудааст. «Забони китоб, мақола ё нутқ бояд сода, лекин содаи адабӣ бошад. Ман (С. Айнӣ – Н.М.) барои ин ки асарҳоям ба халқ фаҳмо бошанд, дар болои забони онҳо бисёр кор мекунам. Вақте ки ман «Одина»-ро менавиштам, дар ҳавлии мо як ҷавони кӯҳистонӣ истиқомат мекард, - ман ҳар як боби асарро навишта тамом, ки кардам, ба он ҷавон хонда мешунавондам ва тафтиш мекардам, ки забони асарам ба вай фаҳмост ё не… Лекин шумоён ҳаминро нағз донед, ки агар забони гуфтугӯи имрӯза холису бетағйир гирифта

шавад, бо вай китоб навиштан мумкин нест; он забонро бо ғалбери фикр бехта, бо суҳони қоида суфта, бо чилбури маънӣ сайқал дода кор фармудан лозим аст» [Улуғзода 1982, с. 303].

Садриддин Айнӣ бойигарии забони зиндаи халқро таъкид намудааст ва мувофиқи мушоҳидаи устод, дар забони халқ калимаву ибораҳое маҳфузанд, ки ҳангоми истифодаи бамавриди он халқияти асар мустаҳкам ва забони адабӣ бою рангин мегардад. Мулоҳизаҳои устод Айниро доир ба мавзуи оммафаҳм гардонидани забони тоҷикӣ дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» басо равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

Х. Асозода қайд намудааст, ки: «Он чи ки устод Айнӣ чун насиҳат ба донишҷӯёни Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд, тирамоҳи соли 1928, иброз доштааст, мисле ки ҳамин рӯз, дирӯз ва фардо ба дарди мардум мехӯранд. Акнун метавон дарк намуд, ки аз миёни он донишҷӯён С. Улуғзодаву М. Турсунзода ва насли «комсомол» арзи вуҷуд кард. Ҳеҷ гумон намеравад, ки кас шеъри М. Турсунзодаро хонда, ҷиҳати маънии калима ё тасвиреро фаҳмидан ба китобҳои фарҳанг муроҷиат мекарда бошад. Насри С. Улуғзода чӣ? Хеле оммафаҳм ва ширинбаён аст. М. Миршакар, Ҷ. Икромӣ, Ф. Ниёзӣ ва боз даҳҳо адибоне, ки аз мактаби адабии устод С. Айнӣ бархурдор гардидаанд, бо оммафаҳмиву равшании муҳтаво ва «баёни халқӣ»-ашон хонандагони худро мафтун хоҳанд кард» [Асозода 2001, с. 33].

Маҳак ё худ асли адабиёти бадеиро тадқиқу таҳлили инсон ташкил медиҳад. Адабиёти бадеӣ дар тасвири худ бояд зоҳир ва ботини инсонро дар тасвир нишон диҳад. Ҳамин аст, ки адибон кӯшиш мекунанд, ки нақши аввалиндараҷаро дар эҷодиёташон воситаҳои тасвир ва портрети адабӣ паёдо кунад.

Тасвири инсон ва офаридани портрети адабӣ муҳимтарин паҳлуи ҳунари эҷодӣ ба шумор рафта, нависанда бо ҳунари волои эҷодкорӣ нишон медиҳад, ки қаҳрамон кист ва чи хислатҳоро дорост. Маҳз дар ҳамин ҷо ҳунару маҳорат ва истеъдоди баланди симоофарии адиб маълум гашта, далолат аз ҳунари баланди эҷодкориаш медиҳад.

Аслан, асари бадеӣ бунёдаш аз тасвири потрет бояд сарчашма гирад. Вақте қаҳрамони асарро адиб меофарад, тасвири он бояд ба хонанда чашм, рӯй, абрӯ, бинӣ, даҳон, дандон, лаб, гесу, риш, пайкар, рафтор, тарзи истодану оҳанги сухан гуфтан, имову ишорат, синну сол ва тарзи пӯшидани либосро бозгӯ кунад.

Мо дар адабиёти асри ХХ-и тоҷик шоҳид мегардем, ки чи тавр адибон аз худ маҳорати баланди симоофарӣ нишон додаанд. Хусусан,, мо метавонем, тасвири симои зоҳирии устод Айниро сӯгномаву ёдномаҳо, дар хотираву ёддоштҳои шогирдони устод ба таври аъло шоҳид шавем. Дар эҷодиёти як қатор адибон хислатҳои хосси устод Айнӣ бо рафтору гуфтор ва ҳаракату қиёфаи зоҳириаш боиси таваҷҷуҳ гардидааст.

С. Улуғзода низ монанди дигар ҳамнаслонаш бори аввал С. Айниро дар конференсияи забоншиносие, ки соли 1928 дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд ба хотири қабули алифбои нав баргузор гардида буд, аз наздик мебинад. Нависанда дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» лаҳзаи ба бинои Дорулмуаллимин ворид шудани устод Айниро ёдовар шуда, ба ин восита чеҳраи С. Айнӣ, тарзи роҳгардӣ, суҳбат оростану муносибати хоксоронаву самимонаи устодро воқеъбинона тасвир кардааст. «Ниҳоят, Айнӣ ҳамроҳи якчанд вакилон, дар ҳолате ки бо як нафари онҳо гарму ҷӯшон гуфтугӯ мекард, ба бино дохил шуд. Вай одами миёнаҷади босалобате буда, риши сиёҳи кӯтоҳи мошу биринҷ дошт ва ба сараш тоқии чустӣ, ба танаш палтои сабуки сиёҳ пӯшида буд. Мо ӯро аз рӯи сурати дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷшудааш зуд шинохта, дар баробари намудор шудани ӯ қарсак задем. Конференсия сар шуд. Айнӣ дар президиум нишаста буд, мо аз вай чашм намекандем. Дар қиёфаи ӯ, дар муомилаи ӯ бо дигарон ҳеҷ гуна осори такаббурӣ «бузургворона» мушоҳида карда намешуд ва ҳол он ки мо, хонандагони китобҳои Айнӣ, ӯро одами бокарруфар ва сипоҳ тасаввур менамудем. Чашмони зираки вай ба ҳама кас ва ҳама чиз диққаткорона нигоҳ мекарданд» [Улуғзода 1982, с. 300].

Маҳорати С. Улуғзода дар он зоҳир гардидааст, ки чеҳраи зоҳирии С. Айниро вобаста ба ҳолати рӯҳӣ ва ақидаю афкори иҷтимоии ӯ тасвир намудааст.

Симои адабии устод Айнӣ дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо», ки дар асоси хотироту ёддоштҳои С. Улуғзода марбут ба қиёфа, сару либос, хислату характер ва дунёи ботинии С. Айнӣ офарида шудааст, саҳифаи наве дар боби мукаммал сохтани сарнавишти нависанда ба ҳисоб меравад. Ҳангоме ки С. Айнӣ дар шаҳри Самарқанд истиқомат ва эҷод мекард, ҷавонони болаёқату истеъдоднокеро, дар шахси Р. Ҳошим, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, Р. Ҳодизода, Ғ. Абдулло, Т. Зеҳнӣ, Ҷ. Икромӣ, П. Толис ва С. Улуғзода ба ҷодаи назму наср ва адабиётшиносӣ ҷалб намуд. Ҳар кадоме аз ин ҷавонон бевосита таҳти назорати падаронаи устод Айнӣ нашъунамо карда, эшон ба воситае бо устод ҳамкориҳои эҷодӣ анҷом доданд ва оид ба шахсияти нотакрор будани С. Айнӣ, рафтору гуфтор, хислатҳои ҳамидаи инсонии ӯро, принсипнокӣ, дақиққорӣ, фурӯтанӣ ва дигар хислатҳои начибашро ба қалам додаанд. «Дар солҳои баъд, - қайд намудааст Сотим Улуғзода, – ман ба мулоқоти бисёре бо Айнӣ мушарраф шуда, ӯро аз наздик шинохтам. Вай одамонеро, ки дар зиндагонӣ ягон кори фоиданок аз дасташон ояд, дӯст медошт. Донишҳои ӯ, пуркорӣ ва меҳнатдӯстии фавқулодаи ӯ, ҳофизаи тавонои ӯ дар ҳақиқат ҳайратангез буданд. Айнӣ якумин муаллим, якумин журналист, якумин шоир ва насрнавис, якумин таърихшинос ва олими советии тоҷик буда, дар охирин солҳои умраш якумин президенти Академияи навбунёди фанҳои республика гардид. Аввалин китобҳое, ки ман ба забони модарии худам хондам, китобҳои Айнӣ буданд. Қаҳрамонони асарҳои ӯ – Одина, Ёдгор, Гулнор дӯстони бачагӣ ва рафиқони ҷавонии мо буданд. Ин нависандаи бузург ҳам бо китобҳояш ва ҳам бо шахсияти аҷоибаш ба зиндагонии насли мо дохил гардид» [Улуғзода 1982, с. 305].

Ҳамин тариқ, С. Улуғзода дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» ҷаҳонбинӣ ва муносибати С. Айниро роҷеъ ба забони адабӣ, таърих ва робитаи ҳамешагии ӯро ба халқ нишон дода, симои устодро дар қисса чун яке аз аввалин типи нависандагони пешқадам ва забоншиносони тоҷик ба тасвир овардааст.

С. Улуғзода хизматҳои бузурги устод С. Айниро дар хусуси инкишофи забони адабӣ, гирд овардани мероси гаронбаҳои адабиёти классикии тоҷик, таҳрири

асарҳои бадеӣ, аз тарафи С. Айнӣ дастгирӣ ёфтани истеъдодҳои ҷавон, ғамхорӣ нисбати навқаламон ба тафсил нишон додааст, ки барои воқеӣ ва барҷаста баромадани симои адабии С. Айнӣ ёрӣ расонидаанд.

Бо таҳлил ва дақиқ намудани вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти С. Улуғзода метавон чунин хулоса намуд, ки таҷассуми персонажҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти адиб ҷойгоҳи махсусро мегирад. Шуруъ аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ то ба Ибни Сино, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ҳар чеҳраи адабиеро, ки С. Улуғзода тасвир намудааст, ӯро ба шакли бориз ба хонанда бо тамоми нозукиҳояш шиносонидааст. Аз ҷумла С. Улуғзода дар шиносонидани зиндагии Рӯдакӣ саҳми бориз дорад. Адиб дар аснои тасвири зиндагинома ва осори устод Рӯдакӣ мақоми алоҳидаро касб мекунад.

Гузашта аз чеҳраҳои адибию фарҳангии халқи тоҷик С. Улуғзода дар тасвири яке аз чеҳраҳои фарҳангии Ҳиндустон Шивоҷӣ нақши созгор дорад. С. Улуғзода бо услуби нави нигоришш овозхони маъруфи Ҳиндустон Шивоҷиро тасвири хос намудааст. Аз тасвири С. Улуғзода бар меояд, ки ӯ Шивоҷиро зинда, муассир ва ҳатто аз ҳолати воқеӣ бештар ба қалам дода шудааст, ки ин услуби хосси нависанда мебошад. Бо тасвири худ адиб хостааст, ки дар баланд бардоштани завқи эстетикии хонанда, маҳбубтар кардани ҳунарманд дар чашми хонанда, муаррифи бештари соҳибҳунар ба омма саҳм гузорад. Мо дар тасвири С. Улуғзода Шивоҷиро ҳамчун нафари содиқ, меҳрубон, якрӯю якдил, муборизи роҳи озодӣ, хизматгори мардум, тарабафзои халқ шахси намунавӣ, ҳунарашро моияи тарғиб ва пайравию посдорӣ ва қобили омӯзишу тараннум мешиноем.

Таҳрири образи Фирдавсӣ дар осори нависанда С. Улуғзода ҷойгоҳи вижаро соҳиб аст. Аз романи «Фирдавсӣ»-и адиб чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он китобест, ки ҳам тарҷумаи ҳоли шоир, ҳам як қатор воқеоти таърихӣ ва ҳам образҳои қавии бадеиро дар худ маҷмуъ карда, асари хуби насрии бадеӣ ва шарҳиҳолӣ дар адабиёти муосири тоҷик аст.

Таваҷҷуҳи С. Улуғзода ба симои Ибни Сино ва зиндагӣ ва шахсияти ӯро метавон чунин хулоса намуд, ки Сино як ҷанбаи эҷоди адибро ташкил медиҳада, ӯ

дар шинохти нависанда чун нафар илмдӯст ва бисёр ба касби худ содиқ ба қалам дода шудааст. Дар эҷодиёти С. Улуғзода Сино чун ҳомии халқ ва ростқавлу талқинкунандаи ростӣ, муборизи роҳи ҳақиқат тасвир шудааст.

Инъикоси шахсияти Аҳмади Дониш дар асарҳои С. Улуғзода дар маҷмуъ, симои як инсони донишманду равшанфикр ва комил аст. Аз нигоҳи С. Улуғзода Аҳмади Дониш новобаста аз авзои ниҳоят мухолифу мураккаб ва пурпечутоби ҷомеа барои саодати халқ, рушди ҳаёти иҷтимоӣ, дӯстию рафоқат ва муносибатҳои ҳасанаи кишварҳои ҳамсоя ва наздику дур ҳамеша кӯшиш ба харҷ дода, озодӣ, ободӣ ва комёбиҳои ҳамаи халқу миллатҳоро дар ҷои аввал мегзошт. Тасвири чеҳраи Аҳмади Дониш ҷониби С. Улуғзода ӯро ба ҷомеа як нафар мубаллиғи донишу маърифат ва нуру зиё барои ҳамзамонону ояндагон муаррифӣ сохтааст.

Симои Садриддин Айниро дар таълифоти Сотим Улуғзода бояд махсус таҳлилу баррасӣ намуд. Аз таҳлилҳое, ки дар боло кардем, дар маҷмуъ ҳаминро метавон таъкид намуд, ки С. Улуғзода дар осори хеш С. Айниро дар робита бо забони адабӣ, таърих ва чун яке аз аввалин типи нависандагони пешқадам ва забоншиносони тоҷик ба тасвир намудааст. С. Улуғзода хизматҳои бузурги С. Айнӣ тасвир намуда, бештар ба хизматҳои шоёни устод Айнӣ дар хусуси инкишофи забони адабӣ, гирд овардани мероси гаронбаҳои адабиёти классикии тоҷик, таҳрири асарҳои бадеӣ, дастгирӣ ёфтани истеъдодҳои ҷавон, ғамхорӣ нисбати навқаламон такя намудааст.

Хуллас, тасвири ҳар чеҳраи адабию фарҳангӣ нишон медиҳад, ки С. Улуғзода персонажҳои худро хуб мешиносад, онҳоро пурра омӯхтааст, аз таърихи зиндагию эҷоди онҳо бохабар аст. Тасвири ҳар чеҳраи адабӣ дар алоҳидагӣ аз маҳорати волои адиб дарак медиҳад.

ХУЛОСА

Сотим Улуғзода дар радифи адибоне қарор гирифтааст, ки дар рушду таҳаввули адабиёт ва адабиётшиносии давраи нав саҳми назаррас дошта, насри таърихию бадеӣ, драматургия, тарҷумаи бадеӣ ва афкори адабӣ-эстетикии адиб шоистаи омӯзишу таҳқиқанд. Аз баррасии мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба хулоса ва натиҷагириҳои зерин расидаем:

1. Вижагиҳои асосии насри таърихии Сотим Улуғзодаро дар воқеияти тасвир, ба таҳриф роҳ надодани нависанда, истеъдоду ҳунари фитрӣ, забон ва сабки баёни фасеҳу осонфаҳм, ҷаззобияти тасвир ва пайванди қавии насру назм падидор гашта, нависанда бо хусусиятҳои умдаи насри худ, бидуни таҳриф ба тасвир гирифтани воқеияти таърихӣ, забони равону сода, инъикоси бадеию воқеии ҳаводиси гузаштаю муосир ва ҷаззобияти тасвир дар адабиёти давраи нави тоҷик ҳамчун эҷодкори навҷӯ ва навовару навпардоз шинохта шудааст [2-М; 5-М; 7-М].

2. Портрет ва ё симоофарӣ аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳунари эҷодии нависанда буда, он дар дар адабиёти давраи нави тоҷик заминаи устувори қадимӣ дошта, анъанаҳои олии онро ҳам дар назм ва ҳам дар насри классикӣ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Сотим Улуғзода дар ҷараёни кори эҷодӣ ва зимни тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ ва таърихӣ намояндаи кадом табақа будан, симои зоҳирӣ, хислату фазилату дониши қаҳрамон ва ё персонажи худро ба таври барҷаста ва хотирмон ба тасвир гирифтааст. Дар баробари ин, зимни симоофаринии нависанда ҳунари баланди офариниш, истеъдод, донишу маҳорат, ҷаҳонбинӣ, ҳофизаи таърихӣ, хазинаи фарҳангӣ ва тахайюли рангину пурғановати ӯ ҳувайдо мегардад [1-М; 6-М].

3. Хусусияти аз ҳама муҳимми сабки эҷодии Сотим Улуғзода муъҷазбаёнӣ ва дастрасии маънои тасвироти ӯ мебошад, ки ин равиш ва тарзи эҷоду ифодаи матлаб ҳатто ҳангоми офаридани симои персонажҳои мусбату манфии асарҳои нависанда падид меояд [2-М].

4. Муколама дар асари бадеӣ як навъи махсуси нутқ ва усули маъмули мубодилаи афкор миёни персонажҳо буда, мавқеи корбурд ва вижагиҳои он аз

бисёр ҷиҳатҳо ба ҷинс ва жанри адабӣ вобастагии зич дорад. Муколама ва ё диалог дар қиссаву романҳои Сотим Улуғзода омили асосии зоҳиркунандаи камолоти маънавии персонажҳои асарҳояш гардидааст [4-М].

5. Нависанда бо истифода аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ хислату характери образу персонажҳоро хеле барҷаста офарида, зимни муколамаи персонажҳо, махсусан дар нутқи қаҳрамони марказӣ аз калимаву ибораҳое истифода намудааст, ки ба кадом табақаи ҷамъиятӣ мансуб будани иштирокчӣ ва иштирокчиёни воқеа, дар кадом давру замон ва шароит зиндагӣ доштани онҳо маълум мегардад. Аз муколама ва мусоҳибаҳое, ки дар осори Сотим Улуғзода ба назар мерасанд, маълум мегардад, ки нависанда дар ин соҳа ҳунари баланди нигориш нишон дода, ҷиҳати табиӣ баромадани муколамаҳо ба муваффақият ноил гаштааст [2-М; 4-М].

6. Вақте ки мо ба таърихияти эҷодиёти Сотим Улуғзода таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки тасвири бадеӣ ва воқеии қаҳрамонон вобаста ба вақту замонҳои гуногун ва муайян сурат гирифтааст. Аз ҷумла, дар повести «Ривояти суғдӣ», ки чун асари таърихӣ инъикоскунандаи ҷавонмардӣ ва қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик мебошад, қаҳрамонҳои асар суғдиён мебошанд, ки бар зидди зулму истибдоди арабҳои ғосиб ҷангидаанд [5-М; 7-М].

7. Сотим Улуғзода дар баробари манзур намудани беҳтарин асарҳои бадеӣ, қиссаву повестҳо ва романҳои ҷолиб, ҳамчунин дар муаррифии таърихи забон ва фарҳанги тоҷикони қадим саҳми арзанда дорад. Адиб дар асарҳои бадеӣ ва таърихиаш урфу одат, расму ойину анъана ва таърихи забону фарҳанги тоҷиконро таърихнигорона ба қалам додааст. Повести «Ривояти суғдӣ» аз зумраи ҳамон асарҳое ба шумор меравад, ки дар он Сотим Улуғзода бо истифода аз маъхазҳои бойи таърихӣ дар қолаби бадеӣ ба хонанда перомуни забону фарҳанг дар давраи тоисломӣ маълумот додааст. Муҳтаво ва сужети повести «Ривояти суғдӣ» дар заминаи одату ойинҳо ва фарҳангу забони суғдиён ба миён омадааст. Бахусус, дар қисмҳои «Виркан», «Наниманча» ва «Мурод аз номуродӣ» нависанда рӯзгори қаҳрамонони худро дар доираи забону фарҳанги суғдиён, ки заминаи таърихӣ доранд, ба тасвир кашидааст [2-М; 5-М].

8. Осори Сотим Улуғзода дар марҳилаҳои гуногун таълиф ёфта, аз рӯйи муҳтаво ва истифодаи сарчашмаҳои таърихӣ, тасвири ҳаводису воқеаҳо аз ҳамдигар тафофут доранд. Дар осори Сотим Улуғзода ба забону фарҳанг ва айнияти зиндагии гузаштагонамон дар даврахои гуногун ошно мегардем. Нависанда дар натиҷаи омӯзиши таърих ва корнамоиҳои фарзандони барӯманди диёр, дастовардҳои илмию фарҳангии миллати тоҷик асарҳои бадеӣ-таърихии мондагор эҷод намудааст [2-М; 5-М; 7-М].

9. Сотим Улуғзода бо офаридани симоҳои таърихӣ камолоти маънавии халкро дар гузашта ифода намуда, ҳодисаҳои таърихиро ба ҳадафи донистану шинохтани гузашта, баланд бардоштани худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ ва шукуфоии имрӯзу фардои миллат таҷассум менамояд. Нависанда хонандаро марҳала ба марҳала ба даврони пурэъҷози Сомониён ва рӯзгори пурфоҷиаи устод Рӯдакӣ дар драмаи «Қисмати шоир», муборизаи беамони мардум алайҳи ачнабиён дар қиссаи «Ривояти суғдӣ», зиндагиномаи пур аз кашфу эҷоди Абуалӣ ибни Сино, Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш, талошҳои ҷоннисоронаи Темурмалику Восеи диловар барои озодии халқу диёр аз ҷабру ситами ғосибон ошно намудааст. Ба таври дигар, Сотим Улуғзода ба қаҳрамонҳои таърихии миллат дар адабиёт умри зиндаву абадӣ бахшидааст [3-М; 5-М; 7-М].

10. Сотим Улуғзода адабиёту фарҳанги асрҳои X-XI тоҷикро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, дар тасвири шахсият ва рӯзгори Маликушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ саҳми назаррас дорад. Сотим Улуғзода баъд аз тадқиқоти илмӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ, ҷустуҷӯҳо ва омӯхтани мероси адабии шоир, дар натиҷаи заҳматҳои зиёди фикрӣ образи ӯро дар драмаи «Рӯдакӣ», ки аз 4 парда ва 13 намоиш иборат аст, бо низоми муайян давра ба давра ба доираи тасвиру таҳқиқ фаро гирифтааст. Дар ин драма ақидаҳои адолатпарваронаи Рӯдакӣ дар гуфтор ва дар кирдор инъикос ёфта, ин хидмати мондагори Сотим Улуғзода барои боз ҳам хубтару беҳтар шинохта ва шиносонида шудани Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мусоидат менамояд [3-М].

11. Сотим Улуғзода дар тасвири овозхони маъруфи Ҳиндустон Шивоҷӣ аз сабки махсус ва аз таҷрибаҳои бисёрсолаи нависандагиаш истифода намуда,

ҳунари сарояндагии Шивоҷиро хотирмону марғуб муаррифӣ намудааст. Тасвири Сотим Улуғзода бисёр зинда, муассир ва ҳатто аз ҳолати воқеӣ бештар ба қалам дода шудааст, ки ин сабк хос ва ҳунари баланди нависанда мебошад. Сотим Улуғзода Шивоҷиро инсони содиқ, меҳрубон, якрӯю якдил, муборизи роҳи озодӣ, хизматгори мардум, тарабафзои халқ ба қалам дода, симои ӯро чун шахси намунавӣ, ҳунарашро мояи тарғиб ва пайравию посдорӣ ва қобили омӯзишу тараннум тасвир намудааст [6-М; 8-М].

12. Сотим Улуғзода ба тасвир ва офаридани образи Фирдавсӣ яку якбора напардохта, сараввал достонҳои «Шоҳнома»-ро аз назм ба наср баргардонида, дар ду китоб манзури хонанда намудааст. Ин ҳама пайвандгариҳо ба эҷодиёти Фирдавсӣ барои ташаккулу инкишофи образи шоири ҳамосасаро беасар намонда, дар натиҷа, романи «Фирдавсӣ» ба миён омад, ки он чун як навъ ҷамъбасти тамоми асарҳои адабии то он давра ба майдон омадаи нависанда буда, дар айни замон, нависанда дар тасвири образи Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ «Шоҳнома» ибтикороти ҷолиб нишон додааст. Романи «Фирдавсӣ» ҳам тарҷумаи ҳоли шоир, ҳам як қатор воқеоти таърихӣ ва ҳам образҳои барҷастаи бадеиро дар худ инъикос намуда, асари хуби бадеӣ ва шарҳиҳолиро манзури хонанда намудааст [2-М; 4-М].

13. Дар баробари Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосим Фирдавсӣ Абуалӣ ибни Сино аз зумраи чеҳраҳои адабиест, ки тамоми умр мавриди таваҷҷуҳи Сотим Улуғзода қарор гирифтааст. Зиндагӣ ва шахсияти Абуалӣ ибни Сино таваҷҷуҳи Сотим Улуғзодаро ҳанӯз солҳои 20-уми асри ХХ ба худ ҷалб намуда буд. Сипас, Сотим Улуғзода доир ба мероси илмию фалсафии Абуалӣ ибни Сино дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ибрози назар намудааст [1-М; 3-М].

14. Сотим Улуғзода дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» оид ба Абуалӣ ибни Сино мақола навишта, ба ин восита рӯзгору осор, мероси илмию адабӣ ва саҳифаи зиндагии ин мутафаккирро равшан намудааст. Ба назари мо муҳимтарин таълифоти Сотим Улуғзода дар бораи Абуалӣ ибни Сино «Пири ҳакимони Машриқзамин» буда, дар он тасвиру таҳқиқи пурвусъати симо, шахсият ва рӯзгору осори ин мутафаккири тоҷик ба мушоҳида мерасад [1-М].

15. Сотим Улуғзода миёнаҳои солҳои 40-уми асри XX оид ба рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Аҳмади Дониш монографияи «Аҳмади Дониш»-ро таълиф намуда, баъдтар омӯзиш, ҷустуҷӯ ва таҳқиқи худро идома дода, драмаи «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро офаридааст. Дар ин таълифот Сотим Улуғзода образи Аҳмади Донишро ба сифати олими ҷомеашинос, маорифпарвару равшанфикр ва тарғибгари таълимоти пешқадами замони худ муаррифӣ кардааст. Симои Аҳмади Дониш аз нигоҳи нависанда, дар маҷмуъ, симои як инсони комилест, ки новобаста аз авзои ниҳоят мухолифу мураккаб ва пурпечутоби ҷомеа барои саодати халқ, рушди ҳаёти иҷтимоӣ, дӯстию рафоқат ва муносибатҳои ҳасанаи кишварҳои ҳамсоя ва наздику дур ҳамеша кӯшиш ба харҷ дода, озодӣ, ободӣ ва комёбиҳои ҳамаи халқу миллатҳоро дар дил мепарварад. Нависанда Аҳмади Донишро мубаллиғи донишу маърифат ва нуру зиёбахшанда ба ояндагон муаррифӣ намудааст [1-М; 7-М].

16. Сотим Улуғзода дар осори ба рӯзгору осор ва пайроҳаи эҷодии устод Айнӣ бахшидааш кӯшиш ба харҷ додааст, ки шахсият ва хидматҳои бузурги Садриддин Айниро дар боло бурдани маърифату дониши халқ, омӯзиши забони адабии тоҷик, гирд овардани мероси гаронбаҳои адабиёти классикӣ, таҳрир ва тарҷумаи асарҳои бадеӣ, раҳнамоӣ, тарбияи адибону суханшиносони ҷавон ва рушди истеъдоду ташаккулу таҳаввули диду назари худаш бо фарогирии ҳатто ҷузъитарин далелу асноди зарурӣ бо диду назари амиқ ба тасвиру таҳқиқ фаро бигирад. Ҳамаи ин ҷузъият барои барҷаста ва равшантар тасвир ёфтани симо шахсияти Садриддин Айнӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд [1-М; 4-М].

17. Сотим Улуғзода дар эҷод ва тасвири симоҳои таърихиву адабӣ ва шахсиятҳои фарҳангӣ ҳунари баланди эҷодӣ дошта, омӯзишу таҳқиқи осори дар ин самт таълифнамудаи нависанда аҳаммияти зиёди илмӣ-назарӣ ва амалӣ дорад. Асарҳои нависанда манобеи арзишманд дар рушду нумуи тафаккури хонанда, гиромидошти арзишҳои милливу анъанаҳои файзбахши қадимӣ ва суннату меъёрҳои волои башарӣ мебошанд [2-М; 5-М; 8-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки оид ба рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва аҳаммияти таърихию ҳунарии осори Сотим Улуғзода то кунун дар шаклҳои гуногун пажуҳишҳои илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, аммо то ҳол дар масъалаи бозтоби чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти адиб таҳқиқи монографӣ ба вуҷуд наомадааст. Доираи мавзуи таҳқиқи мавриди назар доманадор буда, дурнамои кори илмиро собит менамояд. Диссертатсия ва маводи таҳқиқии мо аҳаммияти махсуси илмӣ-назарӣ ва маърифатию амалӣ дошта, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои баррасишаванда барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додани фаъолияти адабиётшиносии Сотим Улуғзода ва таъйини арзиши осори илмӣ-таҳқиқии ӯ дар бораи чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангии гузаштаву муосир зарурат дорад.

2. Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодаамон муайян ва мушаххас намудем, ки симои шахсиятҳои адабӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, аз ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шивоҷӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон дар осори Сотим Улуғзода ба таври барҷаста таҷассум ёфта, аз донишу тафаккури баланд, диди бадеию эстетикӣ, ҳунари нигориш ва сабки ҷаззоби нависанда гувоҳи медиҳанд. Аз ин ҷиҳат, зимни таҳқиқи мавзуъҳои марбут ба ин чеҳраҳои адабӣ аз дастовард ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии мавриди назар истифода намудан мумкин аст.

3. Диссертатсия ба магистрантон, докторантони Ph.D ва унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи чеҳраҳои адабию фарҳангӣ ёрӣ расонида метавонад.

4. Маводи дар диссертатсия фароҳамомадаро дар ҷараёни омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти тоҷик, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, таърих, фалсафа,

курс ва семинарҳои тахассусии факултетҳои филологӣ ва рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

5. Шахсият ва мероси ғановатманди адабиёти классикӣ ва муосир ба эҷодиёти Сотим Улуғзода таъсири амиқ ва пурсамар расонидаанд. Ҳангоми симоофаринии Сотим Улуғзода, муколамаи персонажҳо ва тасвиру таҳқиқи рӯзгору осори чеҳраҳои адабию фарҳангӣ, панду андарзи гузаштагон, мифу асотир, афсонаю ривоят, ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва андешаҳои ин бахши эҷодиёти адибро дар соатҳои тарбиявӣ, таълими фанҳои адабиёти тоҷик, маърифати оиладорӣ, этикаи касбӣ ва дигар самтҳои фаъолияти тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, умумӣ, ва олии касбӣ метавон фаровон истифода бурд.

6. Дар умум, Сотим Улуғзода дар ташаккулу таҳаввули насри муосири тоҷик саҳми назаррас дошта, таҳқиқи бозтоби симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти нависанда барои ҳарчи бештар шинохтану донистани симо, шахсият ва рӯзгору осори онҳо мусоидат хоҳад кард.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.11 (китоби якум) [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 507 с.
2. Айнӣ, С. Порчае аз «Ёддоштҳо» дар бораи саёҳати Бухоро [Матн] / С. Айнӣ // Қаротегини советӣ. – 1978. – 18 феврал.
3. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик (таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод) [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010.– 448 с.
4. Бобоҷон, А. Устод (Шеър ба Сотим Улуғзода) [Матн] / А. Бобоҷон // Маориф ва маданият. – 1980. – 7 ноябр.
5. Бобоҷон, А. Зинда гардондӣ (Шеър бахшида ба устод Сотим Улуғзода) [Матн] / А. Бобоҷон // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 19 январ.
6. Зиндагонӣ ва фаъолияти илмии Ибни Сино: Порча аз китоби «Пири ҳакимони машриқзамин» [Матн] // Машъал. – 1981. – №10. – С. 7-9.
7. Зулфия. Ғамхӯрак (Шеър ба устод С. Улуғзода) [Матн] / Зулфия // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 19 ноябр.
8. Иван, Франко. Шеърҳо. Суруди халқ / Аз русӣ тарҷумаи С. Улуғзода [Матн] / Франко Иван // Шарқи сурх. – 1956. – №9. – С. 34-36.
9. Моликов, К. Норинрӯд; «Норини калон» / Аз қирғизӣ тарҷумаи С. Улуғзода [Матн] / К. Моликов // Маориф ва маданият. – 1976. – 22 май.
10. Муқимов, Р. Нома ба адиб [Матн] / Р. Муқимов // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 19 январ.
11. Нурия: Масъалаи занон дар Шарқ / Тарҷумаи С. Улуғзода [Матн] // Раҳбари дониш. – 1929. – №2-3. – С. 31-33.
12. Оташаке афрухт дар дили халқ (Мусоҳибаи мухбир С. Хасанов бо нависандаи маъруфи тоҷик С. Улуғзода оид ба романи наваш «Восеъ») [Матн] /С. Хасанов // Бо роҳи ленинӣ. – 1988. – 27 август.

13. Парда, Ҳ. Муборак бод (Шеър ба ифтихори соҳиби ҷоизаи «Китоби сол»- и Эрон гардидани устод С. Улуғзода) [Матн] / Ҳ. Парда // Садои мардум. – 1997. – 19 феврал.
14. Пире, ки ҷавон шудааст (Баъзе аз моментҳои дар ҳаёт ва фаъолияти адабии С. Айнӣ) [Матн] // Тоҷикистони сурх. – 1935. – 26 октябр.
15. Погодин, Н. Соати бурҷии Кремл (Пйеса иборат аз чор парда, 11 намоиш) / Аз русӣ тарҷумаи С. Улуғзода [Матн] / Н. Погодин // Шарқи сурх. – 1960. – №3. – С. 3-54.
16. Пушкин, А. Афсонаи моҳигир ва моҳича [Матн] / Аз русӣ тарҷумаи С. Улуғзода / А. Пушкин // Пионери тоҷикистон. – 1976. – 8 феврал.
17. Пушкин, А. Шаб; Боғ; Фантан (Порчае аз пйесаи «Борис Годунов») / Тарҷумаи С. Улуғзода) [Матн] / А. Пушкин // БАС. – 1937. – №2. – С. 29-31.
18. Собир, Б. Ба устод Сотим Улуғзода (Шеър) [Матн] // Газетаи муаллимон. – 1982. – 13 феврал.
19. Собир, Б. Ба устод (Шеър ба ифтихори 80-солагии устод С. Улуғзода) / Б. Собир [Матн] // Хорпуштак. – 1991. – №9. – С. 10.
20. Улуг-заде, С. Краснопалочники (Народная героическая драма) [Текст] / С. Улуг-заде. – М.: Искусство, 1941.
21. Улуг-заде, С. Антология таджикской поэзии с древних времен до наших дней / С. Улуг-заде. – М., 1951.
22. Улуг-заде, С. Обновленная земля (Роман) / Перевод с тадж. Н. Улуг-заде., А. Тихонова [Текст] / С. Улуг-заде. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1954. – 335 с.
23. Улуг-заде, С. Единение [Текст]/ С. Улуг-заде. – Душанбе: Таджгосиздат., 1963. – 250 с.
24. Улуг-заде, С. Восе [Текст] / С. Улуг-заде. – М.: Сов. писатель, 1980.– 400 с.
25. Улуг-заде, С. Пьесы / Авториз. перевод с тадж. С. Улуг-заде., А. Тихонова [Текст] / С. Улуг-заде. – М.: Советский писатель, 1988. – 251 с.

26. Улуг-заде, С. Волшебный жемчуг (Пьеса в трёх действиях и пяти картинах) [Текст] / С. Улуг-заде. – Душанбе: Адиб, 2011. – 64 с.
27. Улугзода, С. Возвращение (Повест) / Перевод с тадж. А. Адалис [Текст] / С. Улуғзода. – Сталинабад: Гос. изд. Таджикской ССР, 1947. – 94 с.
28. Улуг-зода, С. Рассказы Собира (Отрывки из повести «Утро нашей жизни») [Текст] / С. Улуг-зода. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1958. – 240 с.
29. Улуг-зоде, С. Утро нашей жизни (Повест) [Текст] / Пер. с тадж. В. Смирновой., К. Улуг-зоде / С. Улуг-зода. – М.: Сов. писатель, 1962. – 343 с.
30. Улуг-зода, С. Согдийская легенда (Перевод с тадж. Сатым Улуг-зода) [Текст]/ С. Улуг-зода. – М.: Художественная литература, 1987. – 510 с.
31. Улуғзода, С., Ализода, Ғ. Бар зидди пантуркизм – панисломизм (Бо хатти арабӣ) [Матн] / С. Улуғзода, Ғ. Ализода // Комсомоли Тоҷикистон. – 1932. – 18 апрел.
32. Улуғзода, С. Аз дафтари ёддоштҳои ман [Матн] / С. Улуғзода // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1935. – №11-12. – С. 22-24.
33. Улуғзода, С. Дар оташ (Драма иборат аз 3 парда ва 6 намоиш) [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1945.
34. Улуғзода, С. Аҳмади Дониш [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1946. – 87 с.
35. Улуғзода, С. Ёрони боҳиммат [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1947. – 106 с.
36. Улуғзода, С. Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Улуғзода // Тоҷикистони сурх. – 1947. – 22 январ. – С. 3.
37. Улуғзода, С. Калтакдорони сурх (Пйеса иборат аз 4 парда ва 9 намоиш) [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1948. – 83 с.
38. Улуғзода, С. Диёри навобод [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1949. – 168 с.

39. Улуғзода, С. Навобод [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1953. – 398 с.
40. Улуғзода, С., Виткович, В. Ибни Сино [Матн] / С. Улуғзода, В. Виткович. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1954. – 102 с.
41. Улуғзода, С. Қисмати шоир (Кино-повест) [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1960. – 120 с.
42. Улуғзода, С. Пйесаҳо: Калтакдорони сурх; Гавҳари шабчароғ Рӯдакӣ [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1964. – 183 с.
43. Улуғзода, С. Қаҳрамони Днестр, Висла ва Ордер [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 66 с.
44. Улуғзода, С. Асарҳои мунтахаб. – Ҷ. 1 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 378 с.
45. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 380 с.
46. Улуғзода, С. Асарҳои мунтахаб. – Ҷ. 2 [Матн] / С. Улуғзода.. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 360 с.
47. Улуғзода, С. Воқеаи Мирзодиккак: Порча аз романи «Субҳи ҷавонии мо» [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 12 с.
48. Улуғзода, С. Восеъ (Роман) [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 360 с.
49. Улуғзода, С. Мунтахабот. – Ҷ. 3 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 423 с.
50. Улуғзода, С. Реплика ба мунаққид [Матн] / С. Улуғзода // Маориф ва маданият. –1976. – 9 октябр.
51. Улуғзода, С. Ҳақиқати асар ва танқиди он [Матн] / С. Улуғзода // Маориф ва маданият. – 1977. – 13 январ.
52. Улуғзода, С. Восеъ [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 369 с.
53. Улуғзода, С. Пири ҳакимони Машриқзамин [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Маориф, 1980. –195 с.

54. Улуғзода, С. Мунтахабот. – Ҷ. 1 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 448 с.
55. Улуғзода, С. Мунтахабот. – Ҷ. 2 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 432 с.
56. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 447 с.
57. Улуғзода, С. Ривояти суғдӣ [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Маориф, 1984. – 212 с.
58. Улуғзода, С. Ёди шоири маҳбуб (Бахшида ба 80-солагии зодрӯзи М. Аминзода) [Матн] / С. Улуғзода // Газетаи муаллимон. – 1984. – 28 апрел.
59. Улуғзода, С. Қиссаи драмавӣ (Маҷмуаи пйесаҳо) [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 384 с.
60. Улуғзода, С. Асарҳои мунтахаб. – Ҷ. 4 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 367 с.
61. Улуғзода, С. Сухан аз рӯзгори Фирдавсӣ (Мусоҳибаи адабиётшинос С. Абдулло бо нависанда ва донишманди мумтоз С. Улуғзода) [Матн] / С. Улуғзода, // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 19 феврал.
62. Улуғзода, С. Фирдавсӣ [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 270 с.
63. Улуғзода, С. Худшиносии миллӣ донистани миллат аст таърихи худро [Матн] / С. Улуғзода // Газетаи муаллимон. – 1988. – 1 январ. – С. 3.
64. Улуғзода, С. Пай афканданд ба заҳмат кохе баланд… (Суҳбати Н. Олимова бо нависандаи маъруф дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ Сотим Улуғзода) [Матн] / С. Улуғзода //Занони Тоҷикистон. – 1988. – №5. – С. 10-12.
65. Улуғзода, С. Маводи бойггонӣ [Матн] / С. Улуғзода // Бойгонии №4. Номнависи 3. – Воҳиди маҳфузи №10.

66. Улуғзода Сотим: Феҳристи тавсиявии адабиёт [Матн] / Мураттибон: Юнусов А.А.., Фелкер Г.Ф.; Муҳаррирон: Набиева Г.М., Шарофзода Р. – Душанбе, 1991. – 69 с.
67. Улуғзода, С. Фирдавсӣ (Роман бо такмил ва иловаҳо) [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 256 с.
68. Улуғзода, С. Пораҳо аз романи «Восеъ» [Матн] / С. Улуғзода // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 15 август.
69. Ҳадиса. Эй адиби нуктасанҷ (Эҳдо ба устод Сотим Улуғзода) [Матн] / Ҳадиса // Тоҷикистон. – 2013. – 7 март.
70. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт. Мураттиб: Ҷ. Шанбезода [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983.

II. Асару мақолаҳои илмӣ

71. Абдуллоев, А. Достони қаҳрамонӣ («Ривояти суғдӣ»- и Сотим Улуғзода) [Матн]/ А. Абдуллоев // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 19 январ.
72. Абдуллоев, А. Қиссаи рӯзгори шоир [Матн] / А. Абдуллоев // Адабиёт ва санъат . – 1987. – 13 август.
73. Абдуллозода, Р. Нависанда ва драматурги боистеъдод [Матн] / Р. Абдуллозода // Ӯзбекистни сурх. – 1961. – 8 октябр.
74. Абдуллоҳзода, Р. Мактабҳо ба адибон. Ба муҳтарам Сотим Улуғзода [Матн] / Р. Абдуллоҳзода // Адабиёт ва санъат. – 1992. – 17 декабр.
75. Амонов, Р. Достони сухансарои бузург (Муҳокимаи асарҳои ба мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ пешниҳодшудаи С. Улуғзода) [Матн] / Р. Амонов // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 1 октябр.
76. Асадов, К. Ҳаёт ва фаъолияти адабии С. Улуғзода [Матн]/ К. Асадов // Мактаби советӣ. – 1957. – №9. – С. 28-39.
77. Асозода, Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Адиб, 2000. – 80 с.
78. Асозода, Х. Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 138 с.

79. Асозода, Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 205 с.
80. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
81. Асосгузори адабиёти советии тоҷик (Ба муносибати 75-солагии рӯзи таваллуди С. Айнӣ) [Матн] // Тоҷикистони сурх. – 1953. – 16 апрел; Ҳақиқати Ленинобод. – 1953. – 22 апрел.
82. Ат-Табарӣ. Таърих-ур-русул ва л-мулук. Ҷ. 9 [Матн] / Табарӣ. – Теҳрон, 1353. – С. 310.
83. Бакоева, С. Концепция историзма в творчестве Сотима Улугзода (Дисс. канд. филол. наук) [Текст] / С. Бакоева. – Душанбе, 2011. – 156 с.
84. Бақозода, С. Нависандаи миллии мо [Матн] / С. Бақозода // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 12 ноябр.
85. Бақозода, С. Нақши Сотим Улуғзода дар худшиносии миллӣ [Матн] / С. Бақозода // Ҷумҳурият. – 2016. – 4 май.
86. Бақозода, С. Сотим Улуғзода ва андешаи миллӣ (Ба пешвози 105-солагии нависанда, драматург, тарҷумони маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода) [Матн] / С. Бақозода // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 15 сентябр.
87. Бақозода, Ҷ. Равзанаи меҳр // Андеша ва чеҳраҳои адабӣ [Матн] / Ҷ. Бақозода. Душанбе: Адиб, 2005. – С. 3-21.
88. Бобоев, А. Асари шоистаи тақдир [Матн] / А. Бобоев // Маориф ва маданият. – 1979. – 23 октябр.
89. Бобохонов, С. Устод лирикист (Аз рӯзгори устод Сотим Улуғзода) [Матн] / С. Бобохонов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 11 феврал.
90. Борщаговский, А. Посвящение в историю // С. Улуг-заде. Согдийская легенда [Текст] / А. Борщаговский. – М., 1987. – С. 3-14.

91. Брагинский, И. С. Сатым Улуг-заде [Текст] / И.С. Брагинский // История литература народов Средней Азии и Казахстана. – М.:, 1960. – С. 95-96; 104 – 106.
92. Бузургӣ ёфта аз бузургон (Гуфтаҳои адибон бахшида ба устод Сотим Улуғзода) [Матн] // Садои мардум. – 1991. – 7 сентябр.
93. Валиев, Н. Кошифи равшанзамир (Ба муносибати 80-солагии зодрӯзи Сотим Улуғзода) [Матн] / Н. Валиев // Хатлон. – 1991. – 27 август.
94. Гуҳар бе ҳунар нописанд асту хор. (Мусоҳибаи мухбир Н. Раҳмонов б0 нависандаи мумтоз устод С. Улуғзода) [Матн] // Газетаи муаллимон. – 1987. – 29 сентябр.
95. Ғаффоров, Р. Суханофарин [Матн] / Р. Ғаффоров // Газетаи муаллимон. – 1987. – 31 октябр.
96. Ғаффоров, У. Чор рӯз бо устод Сотим Улуғзода [Матн] / У. Ғаффоров // Адабиёт ва санъат. – 2003. – 15 май.
97. Ғаффоров, У. Сотим Улуғзода (Аз силсилаи «Ҳаёти одамони начиб») [Матн] / У. Ғаффоров. – Душанбе: Адиб, 2014. – 384 с.
98. Ғоиб, Ҳ. Хатои шоир (Эҳтироме аз устод Улуғзода ва романи «Фирдавсӣ») / Ҳ. Ғоиб [Матн] // Садои Шарқ. – 1989. – №2. – С. 3-4.
99. Демедчик, А., Шукуров, М. Меҳри зиндагӣ ва инсон [Матн] / А. Демедчик, М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1981. – №8. – С. 129-142.
100. Демидчик, Л. Сотим Улуғзода [Матн] / Л. Демидчик // Эъҷози сухан. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 116-129.
101. Дӯстов, З. Нақши марди роҳ [Матн] / З. Дӯстов // Газетаи муаллимон. – 1981. – 14 ноябр.
102. Дӯстов, З. Ҳиммати баланди адиб (Андешаҳои хонанда дар бораи повести «Ёрони боҳиммат»-и С. Улуғзода) [Матн] / З. Дӯстов // Тоҷикистони советӣ. – 1985. – 15 январ.
103. Зайдулло, Р. Устод (Ба ифтихори 80-солагии устод Сотим Улуғзода [Матн] / Р. Зайдулло // Паёми Душанбе. – 1991. – 10 сентябр).

104. Зайниддинов, М. Ифшогари рози сухан [Матн] // Ёде аз бузургон / М. Зайниддинов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – С. 58-86.
105. Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ (Тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ (аз муҳаққиқони қарни 6-уми ҳиҷрии қамарӣ); мусаҳҳеҳ: Ғуломризои Таботабоӣ) [Матн] / Аъсами Куфӣ. – Теҳрон, 1372 (1993).
106. Ибодуллоев, Б. Драмаи таърихӣ [Матн] / Б. Ибодуллоев // Бо роҳи ленинӣ. – 1991. – 3 август; 29 август.
107. Икромӣ, Ҷ. Сотим Улуғзодаи мо [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Тоҷикистони советӣ. – 1961. – 8 октябр.
108. Икромӣ,Ҷ. Соҳибистеъдод (Хотираҳои Ҷ. Икромӣ дар бораи Сотим Улуғзода ба муносибати 70-солагииаш) [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 19 январ.
109. Икромӣ, Ҷонон. Зиндаҷудоии Сотим Улуғзода бо нури чашмонаш (Ёддоштҳо аз ҳаёт ва фаъолияти нависандаи бузург Сотим Улуғзода) [Матн] / Ҷ. Икромӣ. // Минбари халқ. – 2007. – 7 июл. – С. 3-4.
110. Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – С. 314-328.
111. Исоев, М. Бо устод Улуғзода дар қалъаи Муғ [Матн] / М. Исоев // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 13 апрел.
112. Исоев, Я. Нависанда, олим, мутарҷим [Матн] / Я. Исоев // Тоҷикистони советӣ. – 1961. – 8 октябр.
113. Исомат, М., Ғаффор, Н. Ба покӣ гиреду некӣ кунед! С.Улуғзода ва повести таърихӣ бадеии ӯ «Ривояти суғдӣ» [Матн] / М. Исомат, Н. Ғаффор // Ҳақиқати Ленинобод. – 1990. – 27 январ.
114. Исоматов, М. Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода [Матн] / М. Исоматов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 146 с.
115. Кенҷа, А. Вассофи бузургии миллат (Хотираҳои муаллиф дар бораи устод Сотим Улуғзода) [Матн] / А. Кенҷа // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 3 декабр.

116. Кимёгаров, Б. Панҷоҳ соли ҷавонӣ [Матн] / Б. Кимёгаров // Тоҷикистони советӣ. – 1961. – 10 октябр.
117. Комёр, М. Шермарди қаламрави сухан. Аз рӯзгори Сотим Улуғзода [Матн] / М. Комёр // Садои мардум. – 1997. – 2 июл.
118. Қосимов, М. Қадрдони мо [Матн] / М. Қосимов // Тоҷикистони советӣ. – 1961. – 8 октябр.
119. Лукнитский, П. Удача таджикского писателя [Текст] / П. Лукнитский // Таджикская советская литература. – Сталинобод, 1954.
120. Мадалиев, Қ. Бо хидмат ба миллат саодатманд буд [Матн] / Қ. Мадалиев // Садои мардум. – 2002. – 4 декабр.
121. Мардонова, Г. Таълими намоишномаи «Ҷавонии Ибни Сино»-и Сотим Улуғзода дар синфи XI (Истифода бурдани усулҳои гуногуни фаъолгардонии дарс) [Матн] / Г. Мардонова // Маърифати омӯзгор. – 2019. – №3. – С. 5-58.
122. Махмудов, М. Ёде аз устод Улуғзода (Хотироте аз Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода) [Матн] / М. Махмудов // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 13 июл.
123. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
124. Мирзоев, А. Пешгуфтор [Матн] / А. Мирзоев // Шоҳнома. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 2007. – С. 3-12.
125. Мирзоҳотам, Ш. Васфи Зан-Модар дар ҳикояи «Модар»-и Максим Горкий [Матн] / Ш. Мирзоҳотам. – Сталинобод,1958 // Хуросон. – 2019. – 7 март.
126. Муллоҷонов, М. Нависандае, ки дӯсташ медорам [Матн] / М. Муллоҷонов // Шарқи сурх. – 1961. – №10. – С. 126-137.
127. Мунаввар, Ҳ. Қисмати бузургон. Ё худ Сотим Улуғзода: Дирӯз, имрӯз ва фардо [Матн] / Ҳ. Мунаввар // Садои мардум. – 1996. – 9 ноябр.
128. Мурувватиён, Дж. Дж. Становление филологического романа в таджикской литературе XX века (на примере романа «Фирдоуси» Сотима Улуг-заде):

автореф. дис. канд. филол. наук. 10.01.03 [Текст] / Дж. Мурувватиён – Душанбе, 2018. – 28 с.

129. Муҳаммадиев, Ҳ. Фаҳмиши ман (Дар бораи китоби С. Улуғзода «Фирдавсӣ») / Ҳ. Муҳаммадиев [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 26 январ.
130. Муҳаммадӣ, Ҳ. Маҳбуби ҳар хонадон [Матн] // Зафар. – 1991. – 5 сентябр.
131. Мӯсо, К. Ду шаҳболи адабиёт [Матн] / К. Мӯсо //Адабиёт ва санъат. – 2016. – 1 сентябр.
132. Мӯсоев, А. Сотим Улуғзода: «Духтарон хонанд, бигзор касбеву ҳунаре омӯзанд» [Матн] / А. Мӯсоев // Садои мардум. – 2012. – 13 декабр.
133. Мусулмониён, Р. Дар боғи Фирдавсӣ [Матн] / Р. Мусулмониён // Эъҷози сухан. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 142-291.
134. Мусулмониён, Р. Як маъхази романи «Восеъ» [Матн] / Р. Мусулмониён // Дурахши як ахтари сӯзон. Мураттибон: Валӣ Самад ва Довари Самад. – Душанбе: Матбуот, 2001. – С. 47-62.
135. Мусулмонқулов, Р. Устоди чеҳранигор [Матн] / Р. Мусулмонқулов // Паёми Душанбе. – 1990. – 19 июл.
136. Мухторов, А. Сотим Улуғзода ва Исмоили Сомонӣ [Матн] / А. Мухторов // Ҷумҳурият. – 1998. – 24 январ.
137. Набавӣ, А. Васлгари қарнҳо ва наслҳо [Матн] / А. Набавӣ. // Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 115-128.
138. Набиев, А. Достони Темурмалик. Драмаи С.Улуғзода «Темурмалик» дар иҷрои ҳунарпешагони Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Пушкини шаҳри Ленинобод[Матн] / А. Набиев // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 1 ноябр.
139. Набиев, А. Гавҳари сухан. Ҳаёт ва эҷодиёти С.Улуғзода [Матн]/ А. Набиев // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 11 сентябр.
140. Набиев, А. Таърихи ташаккули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон [Матн]/ А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 2007. – 78 с.

141. Набиева, А. Гавҳари сухан [Матн] / А. Набиева // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 11 сентябр.
142. Нарзиқул, М. Андар муаммои ҷанозаи шоир [Матн] / М. Нарзиқул // Ҷойгоҳи сухан. – Душанбе: Адиб, 2006. – С. 126 – 138.
143. Нарзиқул, М. Диди таърихии романнависони тоҷик [Матн] / М. Нарзиқул // Садои Шарқ, 2006. – №12. – С. 117 – 132.
144. Насриддинов, А. Достони озодмардӣ (Романи «Фирдавсӣ»- и С. Улуғзода, ки ба Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ пешниҳод шудааст) [Матн] / А. Насриддинов // Ҳақиқати Ленинобод. – 1987. – 24 октябр.
145. Насриддинов, А. Ҳадиси хирад ва озодагӣ [Матн] / А. Насриддинов // Садои Шарқ. – 1988. – №7. – С. 125-128.
146. Насрулло, Ю. Пандҳои пурҳикмати Сотим Улуғзода [Матн] / Ю. Насрулло // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 4 апрел.
147. Наҷмиддинов, М. Адиби маҳбуб [Матн] / М. Наҷмиддинов // Маориф ва маданият. – 1977. – 7 ноябр.
148. Олим ва нависандаи халқ: Садриддин Айнӣ [Матн] // Тоҷикистони сурх. – 1950. – 1 март; Ҳақиқати Ленинобод. – 1950. – 7 май.
149. Олимҷонов, М. Ҳомиву муҳофизи забони адабӣ [Матн] / М. Олимҷонов // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 16 август.
150. Отахонова, Х. Сайре ба Бойгонии Сотим Улуғзода [Матн] / Х. Отахонова // Ҷумҳурият. – 2003. – 4 феврал.
151. Пирумшоев, Х. История изучения востания Восе [Текст] / Х. Пирумшоев. – Душанбе: Маориф, 1998. – 138 с.
152. Попов, В. Крупные пороки одного романа [Текст] / В. Попов // Коммунист Таджикистана, 1955. – 24 ноябр. – С. 3.
153. Раҳимӣ, М. Ба ҷашни адиби маъруфи тоҷик [Матн] / М. Раҳимӣ // Тоҷикистони советӣ. – 1961. – 8 октябр.
154. Раҳмонов, Н. Гуҳар бе ҳунар нописанд асту хор [Матн] / Н. Раҳмонов // Газетаи муаллимон. – 1987. – 29 сентябр. – С. 3.

155. Рачаббеков, М. Баъди ҳазор сол (Дар бораи романи С. Улуғзода «Фирдавсӣ») [Матн] / М. Рачаббеков // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 13 август.
156. Рачабӣ, М. Сарнавишти «Ёрии боҳиммат [Матн] / М. Рачабӣ // Адабиёт ва санъат. – 1990. – 16 август.
157. Рачабӣ, М. Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша [Матн] / М. Рачабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.
158. Рачабов, М. Падидаҳои равшанӣ (Андеша дар бораи романи «Восеъ»- и С. Улуғзода) [Матн] / М. Рачабов // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 15 феврал.
159. Рачабов, М. Такмили як тамоюл (Хусусиятҳои психологии ҳикояҳои Сотим Улуғзода «Атака» ва «Дар размгоҳ» [Матн] / М. Рачабов //Адабиёт ва санъат. – 1989. – 14 сентябр.
160. Сайфуллоев А. Бурду бохти насри тоҷик [Матн] / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. –1976. – №7. – С. 64-76.
161. Салимов, М. Тадқиқоти муфид [Матн] / М. Салимов // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 30 март.
162. Самад, А. Адиби бузургу донишманди вораста [Матн] / А. Самад // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 3 феврал.
163. Согдийские документы с горы Муг. Юридические документы и писмы [Текст] / Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица. – М.: 1962. – С. 23-25.
164. Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ (Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии Сотим Улуғзода) [Матн] / Мураттибон: С. Эмомалӣ, Зайниддинзода М., Нурқаев Қ.М. ва Бобомаллаев И.Ҷ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 264 с.
165. Суннатӣ, С. «Адвокат»-и Сотим Улуғзода [Матн] / С. Суннат // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2013. – 27 март.

166. Табаров, С. Драматурги маҳбуби халқ [Матн] / С. Табаров // Маориф ва маданият, 1961. – 7 октябр. – С. 3.
167. Табаров, С. Пайванди таҷриба ва ҷавонӣ [Матн] / С. Табаров // Комсомоли Тоҷикистон. – 1977. – 5 январ.
168. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.
169. Туйчизода, Н. Табиати зебои зодгоҳи Сотим Улуғзода [Матн] / Н. Туйчизода // Илм ва ҳаёт. – 2018. – С. 29- 30.
170. Турсон, А. Қадри сухан ва қавли суханофарин [Матн] / А. Турсон // Садои мардум. – 1991. – 7 сентябр.
171. Турсунзода, М. Маҳорати бадеии нависандагонро пай дар пай баланд бардорем [Матн] / М. Турсунзода, М // Шарқи сурх. – 1951. – №5. – С. 10-115.
172. Улуғзода, Л. «Ҳанӯз овози Сотим Улуғзодаро мешунавам» (Мусоҳибаи Мақсуди Ҳусайн бо ҳамсари нависандаи маъруф Любов Анреевна Улуғзода) [Матн] / Л. Улуғзода // Чархи гардун. – 1999. – 5 март.
173. Хахамова, М. Обновленная земля С. Улугзаде. АКД [Текст] / М. Хахамова. – М., 1957.
174. Ҳусейнзода, Ш. Доир ба масъалаи насри бадеии советии тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Шарқи сурх, 1951. – №5. – С. 21-34.
175. Ҳусейнзода, Ш. Мактуб ба 70-ум солгарди тавлиди нависандаи номии тоҷик Сотим Улуғзода [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 19 январ.
176. Чориев, А. Чеҳраҳои ҳунару фарҳанги асри Х дар драматургияи Сотим Улуғзода [Матн] / А. Чориев. – Душанбе, 1999. – 34 с.
177. Ҷабборова, М.Т. Донишманди озодандешу воқеъбин [Матн] / М. Т. Ҷабборова // Ганҷинаи сухан. – 2009. – 20 май. – С. 2.
178. Ҷашни 100-солагии нависандаи тавоно – Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода [Матн] // Тоҷикистон. – 2012. – №9-10. – С. 33.

179. Ҷашни илму санъат. Абуалӣ ибни Сино [Матн] // Маориф ва маданият. – 1980. – 20 сентябр.
180. Ҷӯраев, Ғ. Ёде аз адиби маҳбуб (Аз фаъолият ва рӯзгори адиби шӯҳратёри тоҷик Сотим Улуғзода) [Матн] / Ғ. Ҷӯраев // Адаб. – 2011. – №2. – С. 7-11.
181. Шарифов, Х. Таҳаввули мазмун ва ифода дар эҷодиёти С. Улуғзода // Услуб ва камолоти сухан [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 126-143.
182. Шарифов, Х. Гӯяндаи достони таърихи тоҷикон [Матн] / Х. Шарифов // Садои мардум, 1997. – 29 январ.
183. Шарифов, Х. Достони Фирдавсии шоир [Матн]// Озурдагон ва умедворон / Х. Шарифов. – Душанбе: Сино, 2001. –С. 136-150.
184. Шарифов, Х. Назарияи наср [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2004. – 319 с.
185. Шукуров, М. Сотим Улуғзода [Матн] / М. Шукуров. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1961. –73 с.
186. Шукуров, М. Достони дили озодипарвари халқ [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1976. – №11. – С. 145-148.
187. Шукуров, М. Байрақдори маданияти халқ [Матн] / М. Шукуров // Газетаи муаллимон. – 1981. – 14 ноябр.
188. Эмомалӣ, С. Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ [Матн] / С. Эмомалӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 112 с.
189. Эмомалӣ, С. Таърихи эҷодии қиссаи «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода [Матн] / С. Эмомалӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 63 с.
190. Эмомалӣ, С. Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ [Матн] / С. Эмомалӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 128 с.
191. Эмомалӣ, С. Тасвири муҳити хонавода ва манзараи табиат дар насри Сотим Улуғзода [Матн] / С. Эмомалӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – 100 с.
192. Эмомалӣ, С. Дӯстии ду суханвар (Робитаи дӯстонаи чеҳраҳои адабиёти асри ХХ-и тоҷик С. Улуғзода ва Ҷ. Икромӣ) [Матн] / С. Эмомалӣ // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 19 сентябр.

193. Эмомалӣ, С. Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри XX) [Матн]/ С.Эмомалӣ. – Душанбе, 2020.– 238 с.
194. Эмомалӣ, Р. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Р. Эмомалӣ.. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 312.
195. Эмомқул, С. Аз таърихи эҷоди романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода [Матн] / С. Эмомқул. – Душанбе, 2003. – 134 с.
196. Эмомқул, С. Сотим Улуғзода ва тасвири шуриши Восеъ дар адабиёти тоҷик [Матн] / С. Эмомқул. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 96 с.
197. Эшонҷонова, М. Худогоҳии миллӣ дар осори С. Улуғзода [Матн] / М. Эшонҷонова // Омӯзгор. – 2011. – 7октябр.
198. Юсупов, К. Сотим Улуғзода [Матн] / К. Юсупов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1961. – 28 с.
199. Юсуфов, К. Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» [Матн] / К. Юсуфов. – Душанбе, 1968. – 125 с.

III. Манобеи интернетӣ ва луғатномаҳо

200. Абуалӣ ибни Сино [Манбаи электронӣ] / А. Сино // Низоми дастрасӣ: https://sud.tj/markazi-matbuot/tojikiston/368/.
201. Диссертации по гуманитарным наукам [Электронный ресурс] // Низоми дастрасӣ: http://cheloveknauka.com/kontseptsiya-istorizma.
202. Мурувватиён, Дж. Рассуждения С. Улугзода о переводе, писательском мастерстве и не только / Дж. Мурувватиён [Электронный ресурс] // Низоми дастрасӣ: http://iza.tj/

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Нодирова, М.А. Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 252-255.

[2-М]. Нодирова, М.А. Тасвири бадеӣ ва воқеӣ дар романи «Фирдавсӣ»- и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2018. – №2-3 (30-31). – С. 60-65.

[3-М]. Нодирова, М.А. Рӯдакӣ дар тасвири Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 178-181.

[4-М]. Нодирова, М.А. Маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» / М.А. Нодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 272-276.

[5-М]. Нодирова, М.А. Ҷанбаи таърихии романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №1. – С. 128-135.

[6-М]. Нодирова, М.А. Маҳорати нақшофарии Сотим Улуғзода дар тасвири Шивоҷӣ/ М.А. Нодирова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С. 146-150.

[7-М]. Эмомалӣ С., Нодирова, М.А. Чеҳраҳои таърихӣ дар повести «Ривояти Суғдӣ»- и Сотим Улуғзода / С. Эмомалӣ, М.А. Нодирова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2021. – №3 (43). – С. 86-90.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[8-М]. Нодирова, М. Симо ва нақши Шивоҷӣ дар осори Сотим Улуғзода / М. Нодирова // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – С. 96-100.